**Фарҳод Исомиддинов**

# Асрори рақамҳо



**Фарғона – 2018**

**Дар ҷамъомади илмии Донишгоҳи давлатии Фарғона, 30 майи соли 2018 зери рақами 10 , муҳокама гардида, ба чоп тавсия карда шудааст.**

**Дар зери таҳрири устоди кафедраи забоншиносӣ Ҷумъаи Ҷамол**

**Муҳаррир: Номзади фанҳои филологӣ, дотсент Эҳтиётхон Ибрагимова**

**Муқарризон: Номзади фанҳои филологӣ, дотсент Мухтор Зокиров,**

**номзади фанҳои филологӣ, Ҳикматилло Дӯсматов**

# Дар олами рақамҳо

## Пешгуфтор

*Асрори азалро на ту донику на ман,*
*В-ин ҳарфи муаммо на ту хонику на ман.*
*Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,*
*Чун парда барафтад на ту монику на ман.*
*Хайём*

Одамон худро аз даврони қадим зери асрори рақамҳо эҳсос мекарданд ва фаҳмидани сирру асрори рақамҳо барояшон хеле мушкил менамуд. Ба ин восита мехостанд ба моҳияти ҳаёти худ ба хубӣ сарфаҳм раванд, лекин муяссар намегашт.

Олими машҳури Юнон Пифагор таъкид када буд, ки рақамҳо қонуниятҳои худро соҳиб буда, дорои табиат ва қувваи хос низ мебошанд. Рақамҳо одат, майлу рағбат ва ҳатто ҳаракати худро доранд. Онҳо одамонро аз рӯзи таваллуд то вақти фавташон иҳота кардаанд. Бинобарин, одамон мехоҳанд ва ё не, бояд ба қонунияти рақамҳо итоат намоянд.

Дар ҳаёти инсонӣ калима ё иборае, мафҳуме нест, ки таҳти таъсири рақаме набошад.

Моҳияти мавҷудияти нӯҳ рақами асосӣ тамоми сирру асрори табиатро дар худ муҷассам кардааст. Ин нӯҳ рақамро чунин тафсир кардаанд:

1. **Рақами 1** – рамзи мақсаднокӣ, фишороварӣ ва таҷовуз кардан аст.
2. **Рақами 2** – рамзи дурангӣ, духелагӣ ва мувозинати оламро ифода мекунад.
3. **Рақами 3** – рамзи секунҷагӣ ва ноустувории ягонагиро дар байни гузашта, имрӯза ва оянда мефаҳмонад.
4. **Рақами 4** – рамзи устуворӣ ва мувозинат мебошад. Чор кунҷи чоркунҷаро ифода мекунад, чор унсури табиатро, ки аз оташ, хок, ҳаво ва об иборат аст, мефаҳмонад.
5. **Рақами 5** – рамзи хавфу хатар ва нобоварӣ буда, ҳамзамон рамзи бахту саодат ва пуррагӣ ва хурсандии ҳаёт аст.
6. **Рақами 6** – рамзи устуворӣ ва идомаи ҳаёт аст. Ин рақам ба рақамҳои ду ва се тақсим мешавад.

7. **Рақами 7** – рамзи сирру асрор, рамзи орифӣ, яъне рамзи донишҳои муаммовӣ мебошад. Ин рақам боз рақами афсонаҳо, гуфтаҳо буда, ҳафт сайёра, ҳафт ранги табиат, ҳафт рӯз ва ҳафт оҳанги мусиқиро ҳам ифода мекунад.

8. **Рақами 8** – рамзи устуворӣ аст. Ин рақам ба адади ду тақсим шавад, рақами устувори чор таркиб меёбад, ки ҳар яки чори онҳо боз ба ду тақсим мешавад, ки ифодагари рамзи устувории табиат мебошад. Ин рақам рамзи

натанҳо устуворӣ, балки муваффаққият ва таъминоти моддӣ низ ба шумор меравад.

9. **Рақами 9** – рамзи калонтарини рақамҳои оддӣ маҳсуб мешавад. Ин рақами шаъну шукӯҳ, шӯҳратовару сарватовар будааст. Агар хоҳед, ки рақами кодӣ ё рамзии худро муайян кунед, аввал рақами рӯзи таваллудатонро, сипас рақами моҳи таваллудатон ва баъд аз он, рақамҳои соли таваллудатонро ба тариқи зайл навишта ҳаллу фасл намоед, рақами табиии шумо ҳосил хоҳад гашт, намуна: 5. 10. 1959 ба тарзи зерин ҳаллу фасл мешавад: 5+1+0+1+9+5+9 баробари 30 . Боз 3+0 баробари 3 мешавад, маълум шуд, ки рақами рамзии оне, ки 5 октябри соли 1959 таваллуд шудааст рақами 3 аст.

Рақамҳоро бо ҳарфҳо низ ифода мекунанд ва рақамҳои аз 1 то 9 тибқи Алифбои тоҷикӣ чунин ифода меёбанд:

| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | Б | В | Г | Ғ | Д | Е | Ё | Ж |
| З | И | Ӣ | Й | К | Қ | Л | М | Н |
| О | П | Р | С | Т | У | Ӯ | Ф | Х |
| Ҳ | Ч | Ҷ | Ш | Ъ | Э | Ю | Я | |

Масалан, рақамҳои калимаи Карим чунин аст: 5+1+3+2+8 баробари 19.

Башарият маълумотҳое, ки барои инсоният заруранд, бо роҳҳои гуногун ифода карда омадааст. Барои аз худ кардани донишҳои фалсафӣ-маърифӣ бояд одамон заҳмату меҳнат ба харҷ диҳанд. Маълум, ки дар бораи сохти олам ва пайдоиши он дар маъумотномаҳои динӣ, фалсафӣ, маърифӣ маълумотҳои мухталиф оварда шудааст. Аз ҷумла дар китобҳои қадима ҳам ахбор оиди одобу ахлоқ хеле зиёд ба чашм мерасанд, лекин ин китоби мо аз ҷиҳати маълумотдиҳӣ ва сохтори худ аз китобҳои қаблӣ ба куллӣ фарқ дорад. Агар бо ибораи дигар гӯем, ҳамаи маълумотномаҳоро дар ин китоб ба тарзи хеле мӯъҷаз фароҳам овардаем.

Дар ҳаёт дучори чунин одамони зиёде гаштаем, ки маълумотҳои гуногунро ба воситаи рақамҳо дар хотири худ нақш кардаанд. Имрӯзҳо хонандагони соҳибзавқро бо маълумоте маҳлиё кардан амри муҳол аст, чунки роҷеъ ба ҳар мавзӯъ, ҳар як масъала даҳҳо маълумотномаву китобҳои мутааллиқи мавзӯъ мавҷуданд, лекин то ба ҳол чунин китобе, ки маълумотҳои гуногунро тавассути рақамҳо дода бошад, арзи вуҷуд надорад.

Ин иқдоми нахустин аст, ки маълумотномаҳо тавассути рақамҳо дода шудаанд ва ҳар маводи мавриди мутоаалву баҳс дар муддати кӯтоҳ омода намегардад ва ин маҷсӯи маълумотҳо дар муддати 30 сол омодаи чоп гардид (ин маънои онро надорад, ки муддати 30 сол фақат ба навиштани ин китоб машғул будем, балки дар ин муддати маводҳои лозимаро ҷамъ овардаем). Ҳанӯз соли 1986 дар мактаби рақами ҳафтуми шаҳри Ангрен ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор карданам, боре дар як китоб чанд маълумотеро оиди рақами 7 дида, бо шавқ хондам ва аз ҳамон рӯз сар карда,

кӯшидам оиди ин рақам боз маводҳои ҷолибе дастрас намоям. Вақте маводи кофӣ ғун шуд, ба тарзи ду мақолаи илмӣ-маърифӣ бо номи “Асрори олам” ва оиди рақами чор мақолаи “Чорбандии чориҳо” дар рӯзномаи “Овози тоҷик” чоп гардида, писанди хонандагон гардид. Аз ҳамон сол сар карда, ирода карда будам, ки маълумотҳоро оиди нӯҳ рақами асосӣ дар китобе ҷамъомарӣ карда, ба тарзи рисола омодаи чоп намоям. Ин маҷмӯа ҳарчанд соли 2012 омода шуда бошад ҳам, аммо ба назарам ноқис менамуд, чунки дар маълумотномаҳо ва китобҳо боз оиди рақамҳои 10, 11, 12 маълумотҳои зиёде мавҷуд буданд. Дар чор соли охир оиди рақамҳои мазкур маводҳои иловагӣ ҷамъ гардида, норасоии рақамҳои аввалато қадри имкон пурра гардиданд. Даъвои инро надорам, ки тамоми маълумотмаҳоро оиди рақамҳо ҷамъ овардаам, шояд дар манбаъҳое, ки дастраси ман нашудаанд, боз баъзе маводҳои ҷолиби диққат боқӣ монда бошанд.

Тадқиқоти дуру дароз бар ин анҷомид, ки оиди рақамҳои 3, 4, 7, 12 маводҳо дар манбаъҳо хеле зиёданд, аммо оиди рақами 9 мавод хело кам. Маводҳои ин рисола асосан аз китобҳои гуногуни динӣ, илмӣ, бадеӣ, фалсафӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ва ғайраҳо ҷамъоварӣ гардидааст.

Дар ин китоб кӯшиш ба харҷ рафта, ки маълумотҳои шавқовар оиди аҳкомҳои динӣ, масъалаҳои шаръӣ, маълумотҳои фалсафавию тасаввуфӣ, маърифатномаҳое, ки тавассути рақамҳо ифода шудаанд, гирдоварӣ гардад ва ба тарзи зерин ҷойгир шавад: аввал масъалаҳо оиди Шариат, сипас Тариқат, баъд аз он Маърифат. Ононе, ки сӯи камолот равонаанд, ин китоб барояшон судманд хоҳад буд.

Итмимнон бар он дорем, ки ин маҷмӯа барои дардхӯрди эҳтиёҷоти маънавии шумо кӯмаки босазое хоҳад расонид ва хонандагони ташнаи илму маърифату дониш аз пайгирӣ бо иттилооти ин китоб бебҳра нахоҳанд монд.

# Олами Ваҳдат

***Як умр ганҷ гар дар дили вайрона орамид,***
***Як шаб дар ин хароба сар орӣ чӣ мешавад?***
***Соиб.***

## Рақами 1 – рақами рақамҳо

Рақами 1 ифодаи Ваҳдат, оғози ҳисобу китоб буда, ифодагари нерӯмандӣ, нерӯи нерӯҳо, нерӯи ирода, нерӯи ихтиёр, нерӯи ақл, нерӯи умумиҷаҳонӣ, нерӯи ҳастии ҳаёт, ифодагари рӯҳии қудс, чун ифодагари Ҳокимияти Мутлақ маҳсуб меёбад. Ин рақам асосу ибтидои тамоми рақамҳост. Баъди рақами 1 дигар рақамҳо низ мавҷуданд. Дар Табиати Мутлақ Якка ва Ягона будан хоси Аллоҳ аст, бинобарон Ӯро бо номҳои Аллоҳ, Якка, Ягона, Танҳо, Ваҳдат, Тавҳид, Воҳид ном мебаранд.Нисбати Парвардигор рақами 1 ё якумро гуфтан ноҷоиз аст.

Чизҳое, ки Офаридгор фақат якто офаридааст:

Офтоб дар олам фақат якто аст.

Моҳ ҳам дар дар дунё танҳост.

Замин дар сайёра фақат яктост.

Алиф нишони ростӣ ва ягонагӣ аст.

### Башоратномаи олами рақами якиҳо:

Ин рақам, рақами ибтидои олам, оғози ҳамаи чизҳо мебошад. Одамоне, ки зери рақами 1 таваллуд шудаанд, муҳофизи заминии онҳо Офтоб аст. Онҳо одатан одамони комил ва пешраванд, доимо зери назари умуманд, дар ҳама корҳо муваффақанд. Онҳо сӯи амал равонандагонанд, одатан одамони одил, чеҳракушод, масъулиятшинос, ташаббускоронанд. Онҳо бо ҳамкорон муносибати хуб доранд, дар ҳама кор фаъоланд, лекин шитобкоронанд, аз ин боис ба онҳо дар тадбирҳои хавфнок ширкат кардан тавсия дода намешавад.

Дар китобҳои рақамшиносӣ рақамҳоро ба сайёраҳо нисбат дода, ба табиати инсон алоқаи зич доштанашро хотирнишон кардаанд. Аз ин ҷост, ки рақамҳо дар тақдирот ва хислату табиати одамон нақши муҳим доранд. Рақамҳоро ба рӯзи таваллуду соли таваллуд ва ба табиати одамон алоқаманд донистаанд.

Дар манбаъҳои рақамшиносӣ рақами якро рамзи Офтоб номидаанд.

Рақами 1, ки рақами ибтидо, оғози ҳама чизҳо маҳсуб меёбад, андаруни рақамҳои дигар мавқеъ дорад. Одамоне, ки дар зери рақами як таваллуд шудаанд, онҳоро одамони офтобӣ меноманд. Мувофиқи таъкиди олимони соҳаи рақамшиносӣ, хулқу атвори онҳо гӯё ба гардиш ва ба таъсири офтоб низ вобаста будааст. Онҳо фаъолу нерӯманд, ба афроди ҳамрақами худ мувофиқанд.

Овозе, ки ҳазрати Мӯсо (а.с.) шунида буд, фақат як маротиб садо додааст.

Калимаи як дар таркибҳои зерин ҳам ягонагиро ифода мекунад. Як дам, як замон, як зарра, як нафас, як раҳ, як рез, як ҳафта, як моҳ, як сол, якдил, якандеш, якзабонӣ, якҷоя, яксон ва ғайраҳо.

Ҷиҳатҳои мусбии одамоне, ки дар таҳти рақами як таваллуд шудаанд, асосан аз инҳо иборатанд: одатан ин афрод нерӯи табиии илоҳӣ доранд. Онҳо устувор ба хислатҳои неки инсонианд. Қабл аз коре, ки анҷом медиҳанд, мақсади аниқу андешаи амиқе доранд ва баҳри амали он камари ҳиммат банданд ва сӯи манзили мақсуд устуворона гом зананд. Онҳо дар ҳама корҳо фаъол, сахтгиру сахтиродаанд, ашхоси боварибахшанду иродаи қавӣ доранд, мустақилиятро дӯст доранд, аз мушкилот наҳаросанд, далерона баҳри рафъи мушкил камари ҳиммат банданд.

Ҷиҳатҳои манфии зодагони таҳти рақами як аз ин иборат буда, ки онҳо худхоҳу ба худ биномондагонанд. Инсонҳои якраванду барои расидан ба муддаою лафзи хеш аз ягон роҳу усул рӯй натобанд, омодаи рафтори бенизом буда, аз дигарон тақозои зиёд доранд, аммо худ аз амали он муддао дуранд. Хаёлпарастонанд, фирефтаи хаёлҳои хоманд.

### Рамзҳои олами рақами якиҳо:

Сайёраи пешбарандаи рақами 1 – Офтоб аст.

Шиори рақами 1–Ҷасорат, мардонагӣ далерӣ, эътиқоднокист.

Бурҷи осмонии рақами 1– Асад (Шер).

Маъдани тааллуқи рақами 1–Тилло.

Рӯзи омадовари зодагони таҳти рақами 1–Якшанбе.

Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 1–Алмос, ёқут.

Рӯзҳои мувофиқтарин ба зодагони рақами 1–1, 3, 9.

Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 1 дӯст медоранд, асосан рангҳои зард, тиллоранг, бунафшранг.

### Ифодаҳои рақами як дар табиат:

Як - шумораи ададӣ.

Якум – шумораи тартибӣ.

Яксаду бисту як - шумораи таркибӣ.

Яксара - яктарафа,

Якшаба – одатан ба ранҷи якшабаи модар нигаронида гуфта шудааст.

Якбора – чанд корро якҷоя кардан.

Якҷоя – якчанд нафар як корро иҷро кардан.

Якнӯга – дар шеваҳо беист гиря кардани кӯдакро дар назар доштаанд.

Яквақта – дар як вақти муайян кардани коре.

Ягона – чизе, ки танҳост.

Якнавъ – аз рӯи ноилоҷӣ иҷро шудани ягон кор.

Якояк – ҳамаи чизи бударо як ба як дида баромадан.

Якбаяк – одатан ҳангоми муҳорибаи тан ба тан кор фармуда мешавад.

Яке – шахси номуайян.

Якка – ба маънои дасти танҳо, ё худ шахси танҳо.
Якрав – ба маънои одами гарданшах, гапнодаро.
Якумра – ба маънои содиқ ба касе ё чизе.
Якрӯза – мӯҳлати кор ё умр.
Якмоҳа – мӯҳлати кор ё умр
Яксола - мӯҳлати кор ё умр.
Якдилу якҷон –. маънои мутаҳидӣ.
Якшоха – ҳайвоне, як шох дорад.
Якшанбе номи рӯзи ҳафта ва ғайра

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" вобаста ба калимаи як зиёда аз 270 калима тавзеҳ ёфтааст.

## Якиҳо дар фазои Шариат:

**Дар Амри маъруф як фарз аст:**

1. Фармудаҳои Офаридгорро ба ҷой овардан ва онро ташфиқ кардан.

**Дар илмомӯзӣ як фарз аст:**

1. Ба ҳар як мард ва зан омӯхтани илм фарз аст.

**Дар касбу кор як фарз аст:**

1. Касби ҳалолро касб кардан, аз манъкардаҳои Парвардигору корҳои ҳаром худдорӣ кардан фарз аст.

**Дар забҳ кардан як фарз аст:**

1. Вақти забҳи ҷонзоде, ки Парвардигор ҳалоламон кардааст, Ӯро ба ёд оварда, гуфтани «Бисмиллоҳ, Аллоҳу Акбар» фарз аст.

## Якиҳо дар олами Маърифат:

**Дар мақолу зарбулмасалҳо:**

Ёр яке, Худо яке.
Як бор ҷастӣ малахак, ду бор ҷастӣ малахак, охир ба дастӣ малахак.

***Маёсой аз омӯхтан як замон,***
***Зи дониш маяфган дил андар гумон.***

**Хулосаи боби олами якиҳо:**

Чун дар боло зикр кардем, рақами як оғози оғозҳо, ибтидои ҳамаи рақамҳои дигар аст. Ҳама шумориданҳо аз рақами як ҳусни оғоз мегирад. Баъди рақами 1, рақами 2, сипас 3 ва ғайраҳо меоянд. Рақами як фақат барои шумоespecífицани ашё (чизҳо) мавриди истифода қарор дорад. Ашхосе, ки рӯзи якуми ҳар моҳ таваллуд мешаванд, ба қонуниятҳои умумии рақами як, ки дар ҳукми сайёраи Офтоб қарор гирифтааст, мутобиқ меоянд.

Аз тадқиқоти бурдаамон маълум гашта, ки дар ҳукмҳои Шариат ва Маърифат якиҳои зиёде арзи ҳастӣ доранд, лек дар равияи Тариқат оиди олами якиҳо вожае дилпазиру чашмгир дарёфт нашуд.

# Олами тазод аст, олами дуиҳо

***Асрори ҷаҳон чунон ки дар дафтари мост,***
***Гуфтан натавон, ки он вуболи сари мост.***
***Чун нест дар ин мардуми нодон аҳлӣ,***
***Натвон гуфтан, ҳар он чӣ дар хотири мост.***
***Хайём.***

**Башоратномаи рақами дугониҳо**

Ашхосе, ки таҳти рақами ду муваллиданд, мувофиқи маълумотҳои манбеи рақамшиносӣ, иродаи устувор надоранд, хело ҳассосанд, аммо муваффақ дар корҳои ҷамоатанд, аз баҳсу мунозара ва ҷанҷолу хӯрдагирӣ хешро канор гиранд ва аз айбҷӯӣ зуд асабонӣ шаванд. Бо одамони атроф унси тамом доранд. Ҳиссиёти фаҳмиш ва дарки маъно дар ин қабил ашхос хеле пеш рафта, тез ба мақсад мерасанд. Феъли онҳо чандон мураккаб нест, аммо тез-тез дигаргун мешаванд. Ба он хотир, ки дар ҳолатҳои ногувор юоқӣ намонанд, бо одамони рақами якум ҳамроҳ буданашон мувофиқи мақсад аст. Инсонҳои моҳтобианду оилапараст ва андар никоҳи худро устувор бошандва авлоду ақрабо дар муносиботи қавӣ. Гоҳо камгап ва хомӯш гарданд. Оне ба муаммо дучор оянд, асабонӣ шаванд, сари калоба гум кунанд, табиатан қавию мағруранд ва дар оҳанги доираи касон ракс накунанд. Онҳо дипломатҳои хуб ва шахсони озодтабиату масъулиятшинос бошанд.

Ҷиҳатҳои мусбати зодагони ин рақам-самимият, сулҳ, оромӣ, дӯстӣ ва рӯҳияти тоза зистани онҳост.

Ҷиҳатҳои манфии зодагони ин рақам-ағлабашон сафсатафурӯш, беҳудагӯй, шармгинону ғайбатчиёнанд.

## Рамзҳои рақами ду

Сайёраи пешбарандаи рақами 2 Моҳ бошад.
Шиори рақами 2 – Сулҳу дӯстист.
Рамзашон - Мухолафат, муқобилиятнокӣ.
Бурҷи осмонии ин рақам –Мизон.
Маъдани тааллуқи рақами 2 –Нуқра.
Рӯзи босамари рақами 2 –Душанбе.
Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 1 –Ёқути кабуд..
Рӯзҳои мувофиқтарин барои зодагони рақами 2 – 2, 7, 9.
Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 2 дӯст доранд–асосан сафед, тиллоӣ ва бунафш аст.

**Ифодаи рақамҳои ду дар табиат:**

Ду – шумораи миқдорӣ.
Дуюм – шумораи тартибӣ.
Дусаду бисту ду шумораи – таркибӣ.
Дуӣ – адади касрӣ.
Дусад - шумораи миқдории мураккаб.
Дуандеш – дудила, калаванда, мураддад.
Дуаспа – бо ду асп, дар маъноҳои маҷозии тез, босуръат, шитобон.
Дубайтӣ – рубоие, ки дар вазни ҳаҷази мусаддаси маҳзуф ё мақсур (мафоӣлун, мафоӣлун, мафоил ё фаӯлун) гуфта шудааст.
Дубин – олус, аҳвал.
Дуболо – дучандон, ду баробар.
Дубур – пушт, маъқад.
Дувал – давлат.
Дувист – шакли қадимии дусад.
Дувист шумораи миқдорӣ.
Дувор –гардиш.
Дугона – дуто, ҷуфт.
Дугона – ду ракъат намоз.
Дугона – дугоник, экизак, тавъам.
Дугона – хоҳархонд.
Дугона – рафиқи духтарона.
Душанбе – номи як рӯзи ҳафта.
Душанбе – номи пойтахти Тоҷикистон.
Душанбегӣ – нисбати одамоне, ки дар шаҳриДушанбе зиндагӣ доранд.
Дучашма – ҳар як ҷонзоте, ки ду чашм дорад.
Дучарха- мототсикл.
Дукаса – ҳамроҳии ду кас.
Дуқабата–биноҳои дуошёна.
Дурӯя – ҳиллагар, одами дурӯя.
Дугӯша – ашёҳое, ду гӯшак доранд.

Дукарата – миқдори амали иҷрошуда.
Дучанд – ду карат зиёд шудани амал.
Душаба – коре, ки давоми ду шаб иҷро мегардад.
Дурӯза – коре, ки давоми ду рӯз иҷро мешавад.
Дусоата – коре, ки давоми ду соат иҷро шудааст.
Дусола – нисбати синну соли одамон ва ҷонзод гуфта мешавад.
Думоҳа - нисбати кор, ё синну соли одамон ва ҷонзод гуфта мешавад.
Дукент –номи шаҳрак дар шаҳри Ангрен.
Дукентӣ – нисбати одамоне, ки дар шаҳраки Дукент зиндагӣ доранд.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», с.2008, бо вожаи ду зиёда аз 50 калима тавзеҳ ёфтааст.

## Дугониҳо дар фазои Шариат

**Оламро дар ибтидо ду қисмат кардаанд:**

1. Аввалро олами ғайб (олами ниҳон) гӯянд.
2. Дуввумиро олами шуҳуд (олами дидашаванда) номанд.

**Ду қатра назди Худо мақбул аст:**

1. Қатраи хуне, ки дар раҳи Худо равон шуда, яъне қурбонӣ.
2. Қатраи ашке, ки нимашабон дар ёди Худо рехтааст.

**Парвардигор барои қабули тавба ду шарт дошта:**

1. Надониста бад карда бошад.
2. Баъди гуноҳ зуд тавба кунад.

**Парвардигор ду олам офаридааст:**

1. Олами ғайб (олами пӯшида).
2. Олами шуҳуд (намоён).

**Қувваи тахайюл ду хел аст:**

1. Сабаб-пайдокунандаи сурати тасаввур.
2. Қуввати бедоркунанда-муҳаррики аъзоҳо.

**Ҳар кас ду қобилияти тахайюлӣ дорад:**

1. Қабилияте, ки онро ном сабаб аст.
2. Қобилияте, ки узвҳоро ба ҳаракат орад.

**Табъ-мизоҷ дар ду вазъ пайдо шавад:**

1. Табъ-мизоҷи мӯътадил.
2. Табъ-мизоҷи ғайри мӯътадил.

**Ҳар як парда ду мақом дорад:**

1. Аввал Таҳорат.
2. Сипас Намоз.

1. Аввал ҳаҷр.
2. Сипас васл.

**Аҳли шариат ду вуҷудро эълом дошта:**

1. Вуҷуди қадим (яъне вуҷуди азалӣ).
2. Вуҷуди ҳодис (яъне вуҷуди дунявӣ, гузаранда).

**Фарзи намози Бомдод аз 2 ракъат иборат аст.**

**Ҳаҷи Умра ду фарз дорад:**

1. Вориди Эҳром шудан.
2. Тавофи Каъба намудан.

**Ду хислати бандагонро Парвардигору расулаш писанданд:**

1. Бандаҳои мулоимтабиатро.
2. Бандаҳои хоксорро.

**Рӯзи Қиёмат ба ду тоифаи одамон Парвардигор бо назари раҳмат нанигарад:**

1. Бо афроде, ки риштаи хешу табориро буридаанд.
2. Ба ҳамсояҳои бад.

## Дуиҳои шоҳроҳи Тариқат

**Хирқапӯшӣ 2 рукн дорад:**

1. Шахси ба мурид хирқа пӯшонида ҳатман олим бошад ва
ба ҳар саволи мурид ҷавоб гуфта тавонад.

3. Мурид бояд аз дасти пир хирқа пӯшад, то то тавонад ба дигарон хирқа пӯшонад.

**Миёнбанд- Шадд ду хел мешавад:**

1. Миёнбандии болорӯ,  яъне бо номи Шоҳи мардон миён бастан.
2. Миёнбандии поёнрӯ, яъне ба номи устоди худ миён бастан.

**Сифати ҷавонмардӣ ду навъ аст:**

1.  Ба дӯстон нафъ расондан, яъне саховат кардан.
2. Дӯстонро аз зарари душман ҳимоя кардан, яъне шуҷоат.

**Дар сулук ду чиз хеле муҳим аст:**

1. Сӯҳбати орифонро гирифтан.
2. Дар истеъмоли ғизо парҳезгор будан.

**Ҳар  инсонро ду  қобилият бошад:**

1. Қобилияти Худододи ирсӣ, вале бо саъю кӯшиш наметавон ба он расид.
2.Қобилияте, ки ба ранҷи барзиёд ҳосил гардад.

**Одоби назар кардан  ҳам ду аст:**

1. Надидани чизҳои бад.
2. Чашмро барои дидани чизҳои хуб кушодан.

**Дар  одоби либоспӯшӣ ду чиз ҳаром аст:**

1. Барои кибру ҳаво ва худнамоӣ пӯшидан.
2. Пӯшидани либосҳои суратдор.

**Дар сафар кардан ду амал воҷиб аст:**

1. Аввал сафари некро мақсад кардан.
2. Дуюм нияти пок доштан.

**Сафар кардан ду хел бошад:**

1. Сафари суратӣ, яъне ҷисмӣ.
2. Сафари маънавӣ, яъне рӯҳӣ.

**Одоби меҳмондорӣ ду хел аст:**

1. Ба меҳмон таоми ҳалол ва покиза додан.
2. Меҳмонро бо  нияти нек  истиқбол кардан.

**Суннати меҳмонравӣ ҳам ду хел аст:**

1. Ба ҷойи даъватшуда ҳозир гаштан.
2. Суол аз чигунагии таом накардан ва нафармудан.

**Ҷавонмардӣ ду сифат дорад:**

1. Ба дӯстон нафъ овардан.
2. Дӯстро аз зарари душман эмин доштан.

**Дугониҳои олами Маърифат:**

**Ақл ҳам ду хел аст:**

1. Ақли кулл – илоҳӣ, мутлақ.
2. Ақли ҷузъ – ҳаётӣ, инсонӣ.

1. Ақли маод – ақли тарбиятдида, ки аз охират огоҳ кунад.
2. Ақли маош – ақли дунявӣ.

**Илм ҳам ду навъ аст:**

1. Илми ботин.
2. Илми зоҳир.

**Агар хоҳӣ, доимо дар амон бошӣ, ба ду чиз риоят кун:**

1. Барои рӯзгор маблағе кифоя дошта бошӣ.
2. Аз казе қаздор набошӣ.

**Аз ду чиз дар ҳарос мабош, ки дар дасти Худост:**

1. Ризқ.
2. Марг.

**Дар забондорӣ ду офат аст:**

1. Суханҳои ботил, беҳуда ва бемаънӣ гуфтан.
2. Гапи ҳақро нагуфта сукут кардан.

**Розатро ба ду кас бигӯ:**

1. Розатро ба Худо бигӯ.
2. Розатро ба худат бигӯ.

**Дар тангиҳо ба ду чиз такя кун:**

1. Ба сабр.
2. Ба намоз.

**Дар дунё назди ду кас вазифадор бош:**

1. Ба падарат мувоҷиб шав.
2. Ба модарат мувоҷиб гард.

**Ду қоидаи заррини оромии оила ин аст:**

1. Барои зиндагӣ к маблағи муайян доштан.
2. Аз касе хеҷ гоҳ қарздор нагаштан.

**Дуиҳо дар зарбулмасалу мақолҳо:**

Ду теғ дар як ғилоф намеғунҷад.

Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест,
Дудил будан ба кас аз оқилӣ нест.

Ду бишнаву яке беш магӯ,
Дубора касро нест зиндагонӣ.

Ду даҳ ним, беҳ аз як даҳяк аст.

Ду дил як шавад, бишканад кӯҳро,
Парокандагӣ орад анбӯҳро.

Дуе нест, ки он сето нашавад,

Ду калла дар як дег намепазад.

Ду линга як хирвор аст.
Ду мавиз беҳтар аз як хурмост.

Дупо ба ду рӯз ва чаҳорпо ба чаҳор рӯз шинохта шавад.

Ду понздаҳ як сӣ.

Дупул-модари пул.

Ду савдо дар яке сар барнатобад,

Яке дил бо ду дилбар барнатобад.

Дусад дӯст каму як душман зиёд.

Ду сар ба як кӯлоҳ намеғунҷад.

Ду соҳибро парастиш натавон кард.

Ду ҳезумро ба ҳам хуштар бувад сӯз.

Кайвонӣ ду шуд, ош шӯр шуд.

Кайвонӣ дуто шавад, хона норӯфта мемонад.

Кар ду бор механдад.

Лубёву каду-лаънат ба ҳарду.

### Дуиҳои ҳикматангези "Маснавии Маънавӣ"-и Мавлавӣ

Пир манам, ҷавон манам.
Тир манам, камон манам,
Давлати ҷовидон манам,
Ман, на манам, на ман, манам.

Дуиҳо аз олами мутазод буда, ифодагари маъноҳои ба ҳам зиданд, аммо дуиҳои ҳикматомези Ҳазрати Мавлои Румро аз як реша об менӯшанд. Дар тасвири Мавлоно дуиҳо ҳар гунаанд, лекин моҳияташон як аст. Дӯстии Мавлоно бо Шамс ҳам ҳамин моҳиятро мемонад. Гӯё онҳо ду дарё буданду ба ҳам омезиш ёфта, ба як маҷро равона гардида. Аслан, Мавлоноро Шамс кашф кард ва ин ҳарду офтоберо мемонданд, ки дар олами маънавӣ бо амри илоҳӣ нурафшонӣ доштанд. Пайванди Шамсу Мавлоно васли Мазмуну Шакл, Сурату Сират, Зоҳиру Ботин аст. Чунин ҳолатҳо дар ағлаби абёти Ҷалолиддини Балхӣ мунъакис гардида:

Ҳар ду чу занбӯр хӯрданд аз як маҳал,
Лек шуд з-он нешу з-ин дигар асал.

**Шарҳ:**

Ду навъи занбӯр, ҳам занбӯри зард ва ҳам занбӯри асал аз шираи гулҳои якхела баробар баҳрабардор бошанд ҳам, лекин занбури асал асал меораду занбӯри зард заҳр.

Ҳар ду чун оҳу гиёҳ хӯрданду об,
З-ин яке саргин шуду з-он мушки ноб.

**Шарҳ:**

Ду навъ оҳу, ки яке оддиву дигар хутани аст, як хел алаф мехӯранд. Оҳуи оддӣ саргин мепартояду оҳи Хутан мушки ноб.

Ҳарду най хӯрданд аз як обу х(в)ар,
Он яке холиву он дигар шакар.

**Шарҳ:**

Ду хел най, яке оддиву дигар найшакар, ҳар ду аз як обу хок баҳраваранд, вале яке холиву дигаре  шакар диҳад.

Ин хӯрад, зояд бухлу ҳасад,
Он хӯрад, зояд ҳама ишқи Аҳад.

**Шарҳ:**

Одамон як хел ғизо мехӯранд, хӯрдаи баъзеҳо ба бухлу ҳасад, мубаддал шавад, аз хӯрдаи дигаре ишқу муҳаббати Илоҳӣ ҳувайдо бошад.

Ҳар ду сурат гар ба ҳам монанд равост,
Оби талху ширинро равост.

**Шарҳ:**

Об гарчӣ дар як ранг аст, лекин тамъҳо хело гуногун, аз ҷумлаи ширину шӯр аст.

Сеҳрро бо мӯъҷиза карда қиёс,
Ҳар дуро бар макр пиндоранд асос.

**Шарҳ:**

Зоҳирбинон ин ду чизро як пиндоранд, дар асл бошад сеҳр дигар асту мӯъҷиза дигар. Мӯъҷиза аз тарафи Офаридигор ба пайғомбарон дода мешавад.

Ҳарчӣ мардум мекунад, бӯзина ҳам,
Он кунад к-аз мард бинад дам ба дам.

**Шарҳ:**

Амали бӯзина (маймун) тақлиди ҳаракати инсон  аст, амали инсон аз неъмати  Худованд аст, аммо амали маймун  тақлиде беш нест.

Он мувофиқ бо мунофиқ дар намоз,
Аз паи истеза ояд, на ниёз.

**Шарҳ:**

Одами мувофиқ намозро баҳри Худо мехонад, одами мунофиқ баҳри худнамоӣ  намоз гузорад.

Гарчӣ ҳар ду бар сари як бозианд,
Ҳар ду бо ҳам марвазӣ ва розианд.

**Шарҳ:**

Мувофиқон ва мунофиқон гарчи як амалро иҷро кунанд ҳам, лекин байни онҳо фарқияти калонест, мисли он ки Марв дар шарқи Эрон ҷой гирифтаву Рай дар ғарбии он, ки байни ин шаҳрҳову мардуми он тавофутест ба  куллӣ.

Мӯъминаш хонанд, хонаш хуш шавад,
В-ар мунофиқ гӯйӣ пуроташ шавад.

**Шарҳ:**

Агар мунофикро мӯъмин гуфтӣ, хурсанд гардад ва агар мӯъминро мунофиқ гӯӣ ба ғазаб меояд.

Зиштии он номи бад аз ҳарф нест,
Талхии оби бахр аз зарф нест.

**Шарҳ:**

«Мунофиқ» номидан аз айби ҳарф нест, ба мисли он ки шӯрӣ ва ширинии об табиати ӯст, на аз маҷрои дарёст.

Ҳисси  дунё нардбони ин дунё,
Ҳисси динӣ нардбони осмон.

**Шарҳ:**

Ҳисси дунёпарастӣ моли ин дунё шуда. Ҳиссиёти динӣ-имон наҷоти рӯҳонӣ, моли он дунёст.

Сиҳатии ин ҳис биҷӯед аз табиб,
Сиҳати он ҳис биҷӯед аз ҳабиб.

**Шарҳ:**

Барои сиҳатии ҷисм аз табибон мадад хоҳед. Барои сиҳатии рӯҳ бошад, аз Ҳабиб –Парвардигор имдод ҷӯед.

Кори мардумон равшанӣ аз гармӣ аст,
Кори дунон ҳийла ва бешаръӣ аст.

**Шарҳ:**

Мардони Худо росткору растагоранд, кори аблаҳон макру ҳийла ва шармандагист.

### Саволу ҷавоби Махтумқулӣ ва Дурдӣ

Савол: Он чист, ки намоён даниста шуд?
Ҷавоб: Раҳмон.

Савол: Он чист, ки ба қиёмат мондаанд?
Ҷавоб: Номаи аъмол.

Савол: Он чист, дар талош ёфтаанд?
Ҷавоб: Ҳақиқатро дар талош ёфтаанд.

Савол: Он чист, ки нонамоён қисмат мешавад?
Ҷавоб: Меҳр аст, ки нонамоён тақсим мешавад.

Савол: Он чист, ки ҷӯстанду ёфтанд?
Ҷавоб:Имон аст,ки ҷӯстанду ёфтанд.

Савол: Он чист, ки сӯи гуноҳ мебарад?
Ҷавоб: Ӯ иблис аст, ки сӯи гуноҳ мебарад.

Савол: Он чист, ки аз пасаш мегарданд?
Ҷавоб: Вай бахт аст, ки аз қафояш мегарданд.

Савол: Он чист, ки сӯи саодат мебарад?
Ҷавоб: Ӯ дониш аст, ки сӯи саодат мебарад.

Савол: Он чист, ки ҳасту ҷисм надорад?
Ҷавоб: Он рӯҳ аст, ки ҳасту ҷисм надорад.

Савол: Он чист, ки мислу монандӣ надорад?
Ҷавоб: Он худ ҳастем, ки мислу монандӣ надорем.

Савол: Он чист, ки ба касе ҳасту ба касе не?
Ҷавоб: Вай олам ҳаст, ки ба ҳаст ҳасту ба нест не.

### Хулосаи боби олами дуиҳо:

Рақами ду баъди рақами як ибтидо мегирад. Рақами як агар саршавии кор бошад, рақами ду идомаи он буда, баъд аз рақами як меояд. Дар ҳаёти инсонӣ олами дугониҳо хеле доман густурда, рӯи замин ҳама чиз бо ҷуфташ офарида шудааст. Мисол, мард-зан, баланд-паст, калон-хурд ва амсоли инҳо.

Дуиҳо, махсусан мутазодҳо, дар шеърияти шоирон осори насрии нависандагони чӣ дирӯзу имрӯз мавқеи махсус дошта, истифодаи он дар осори назмиву насрӣ аз саноеи бадеъ ва каломи балеғ ба шумор меравад ва мо намунаи онро аз эҷодиёти шоири шаҳир Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ва Шоирони туркман Махтумқулӣ ва Дурдӣ ба тариқи намуна мисол овардем.

Аз тадқиқоти бурдаамон аён гашта, ки олами дуиҳо дар ҳукмҳои Шариат, Тариқат ва Маърифат хеле фаровонанд ва барои мутааааи шумо беҳтаринҳояш пешкаш гардид.

# Олами рақами сегониҳо

### Башоратномаи олами сегониҳо

Аксари инсонҳое, ки таҳти рақами 3 таваллуд ёфтаанд, соҳиблаёқатанд. Онҳо ба илмомӯзӣ, варзиш, санъат майл зиёде доранд, лекин пӯшидатабиатанд. Таҳлилҳо ба ин хулоса оварда, ки аз ин қабили ашхос шахсиятҳои бузург баромадаанд.

Сайёраи раҳнамояшон Муштарӣ (Юпитер) маҳсуб ёфта, ин тоифаи одамон ҳозирбинонанд ва ба ҳама муносибати соҳибэҳтиромона зоҳир мекунанд, аз боис аз дигарон низ муносибати хоссаеро мунтазиранд. Хусусияти рӯҳии онҳо боз ин аст, ки қуввае доранд босо ҷаззоб ва ҷозибаи дигаронро ба худ ҷалб карданро соҳибанд. Онҳо агарчанде иродаи қавӣ надошта бошанд ҳам, ба ҳар ҳол сӯи мақсад рафта мерасанд, қадру қиммати худро хуб медонанд ва ба қадру қиммати атрофиёнашон эътибор медиҳанд. Онҳо хуб мефаҳманд, ки агарчӣ инсонҳои комил нестанд, лек майл сӯи комилӣ доранд, бо ҳама муносибати хуб дошта, ба дигарон ёрии беғаразона мекунанд ва мунтазири ивази некӣ набошанд.

Ҷиҳатҳои мусбии зодагони таҳти рақами 3: Ҳаётдӯст, шоддил, рӯҳбаландӣ, диди хуб, хештаншиносӣ, ҷаззобӣ, эҷодкорӣ ва ғайраҳо.

Ҷиҳатҳои манфии зодагони таҳти рақами 3: Рӯҳият ва кайфияташон тез-тез дигаргун шавад, шуғли оғоз намудаи худро ба сомон расонда натавонанд.

**Рамзҳои рақами се:**

Шиори рақами 3- Хурсандиоварӣ.
Рамзи рақами 3 – Ноустуворӣ.
Бурҷи осмонии рақами 3 – Моҳӣ ва Қавс.
Маъдани тааллуқи рақами 3 – Қалъагӣ, арзиз, руҳ.
Рӯзи босамари рақами 3 – панҷшанбе.
Сайёраи онҳо – Муштарӣ (Юпитер).
Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 3- Фирӯза.
Рӯзҳои муносибтарин барои зодагони рақами 3 – 3, 5, 8.
Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 3 бештар дӯст доранд кабуд, арғувонӣ, бунафшанд.

**Ифодаи рақами се дар табиат:**

Се – шумораи микдорӣ.
Се-номи ҳарфи панҷуми алифбои арабии тоҷикӣ.
Сеюм – шумораи тартибӣ.
Сеяк – шумораи касрӣ.
Сесад – шумораи мураккаб.
Сесаду сию се – шумораи таркибӣ.
Сегона – таркибе, ки аз се чиз иборат аст.
Секарата – чизе, ки се маротиба такрор гаштааст.
Секунҷа – шакли (фигураи) ҳандасавӣ.
Секаса – коре ё чизе, ки аз тарафи се кас иҷро шувад.
Седона – номи рустанӣ.
Себарга– номи рустанӣ.
Серӯза – мӯҳлати вақт.
Семоҳа – мӯҳлати вақт.
Сесола – мӯҳлати вақт.
Сешанбе – номи рӯз.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” низ бист вожаи вобастаи рақами се тавзеҳ гардида.

**Сегониҳо дар фазои Шариат**

**Номҳои Парвардигор се қисматанд:**

1. Номи зотӣ.
2. Номҳои сифатӣ.
3. Номҳои Раҳмонӣ ва Раҳимӣ.

**Се чиз бо се дигар назди Худо мақбул бошад:**

1. Соҳибнамоз бояд соҳибзакот ҳам бошад, дар акси ҳол намозаш мақбул набошад.
2. Банда аз Парвардигор шукргузор бошад ва аз падару модари худ ҳам.
3. Агар тақводор бошаду силлаи раҳм надошта бошад ҳам, мақбул нест.

**Парвардигор оламро дар 3 дараҷа офарида:**

1. Олами ҳайвонот.
2. Олами наботот.
3. Олами маъданиёт.

**Парвардигор ба ҷонзодҳо се чиз дода:**

1. Фариштаҳо ақл доранду нафс не.
2. Ҳайвонот нафс доранду ақл кам.
3. Инсонҳо ҳам ақл доранду ҳам нафс.

**Дар шаби Меъроҷ Парвардигор ба пайғамбарамон 3 чиз додааст:**

1.Ояти охири сураи Бақара –“Аманар расулу” .
2.Муждаи ба ҷаннат даромадани умматоне, ки ба Парвардигор касеро шарик намекунанд.
3.Панҷ вақт намоз ба бандагон чун тӯҳфаи Меъроҷ фарз гардида.

**Парвардигор аз се кори бандагонаш розӣ шавад:**

1. Ба Парвадигор ширк наоварда фақат ба ӯ ибодат кунанд.
2. Ба бандагоне, ки аҳкомҳои шаръиро ба ҷой оранд.
3. Бандагоне, ки Амри маъруф, наҳии Мункарро ба ҷой оранд.

**Парвардигор аз се кори бандагонаш розӣ нагардад:**

1. Бандаҳое, ки дурӯғ гӯянду миш-мишҳо паҳн кунанд.
2. Саволҳои бемаънӣ ва беҳуда диҳанд.
3. Моли дунёро беҳуда сарф кунанд.

**Соҳибони се сифатро Парвардигор ҳимоя карда, вориди ҷаннат кунад:**

1. Одамоне, ки бо заъифон хушмуомила бошанд.
2. Ононе, ки нисбати падару модарашон шавқат кунанд.
3. Ба зердастони худ боҳиммат бошанд.

**Соҳибони се сифатро Парвардигор ҳимоя мекунад:**

1. Ба ононе, ки ба молашон хиёнат кардаанд, эҳсон кардагонро.
2. Ба зулмкардагон авф кардагонро.
3. Бо хешовандон дар силлаи раҳм будагонро.

**Ба соҳибони се сифат Парвардигор ёрӣ кунад:**

1. Шахсоне, ки ғуломонашонро озод кунанд.
2. Аз Парвардигор мадад хоста, оила барпо кунанд.
3. Заминҳои хушкидаро обод кунанд.

**Мӯъминон бояд соҳиби се хислат бошад:**

1. Суннатҳои Парвардигорро ба ҷой оваранд.
2. Суннатҳои пайғамбаронро ба ҷой оваранд.
3. Суннатҳои имонро ба ҷой оваранд.

**Насрониҳо Худоро сегонӣ медонанд:**

1.Падархудо.
2. Писархудо.
3. Рӯҳи муқаддас.

**Дини Ислом аз се равия иборат аст:**

1. Равияи  Хориҷиҳо.
2.Равияи Сунниҳо.
3.Равияи Шиъаҳо.

**Офати дин се чиз аст:**

1. Олимон  беамал гарданд.
2. Подшоҳон золим шаванд.
3. Муҷтаҳидон  беилм бошанд.

**Фарзи ғусл 3 аст:**

1. Об дар даҳон кардан.
2. Об дар бинӣ кардан.
3. Об дар  тамоми бадан равон  кардан.

**Ғусл кардан 3 тартиб дорад:**

1. Аввал истинҷо кунад, баъд таҳорат гирад, сипас даҳонро бо об се маротиба чайқонидан фарз аст.

2. Се маротиба ба бинӣ об гирифта мазмаза кардан фарз аст.

3. Тамоми баданро пок шустан, агар ҷойе бошад, ки таги по об ҷамъ шавад, сипас пойҳоро алоҳида шустан фарз аст.

Намози шом се ракъат аст.

Намози витри воҷиб се ракъат аст.

**Муаззинро донистани се чиз лозим аст:**

1. Шинохти вақт.
2. Нигоҳ доштани ҳалқ аз ҳаром.
3. Бо сидқ, ихлос, тавозӯъ ва бе тамаъ дар ҳама аҳвол бо қавм будан.

**Намоз се хел мешавад:**

1. Фарз – фармудаҳои Аллоҳ таъолоро иҷро намудан.
2. Воҷиб – амалҳои фармудаи Худо, ки баъди фарз меистад.
3. Мустаҳаб(суннат ҳам, ба амалҳои мустаҳаб дохил мешавад).

**Намозхонӣ барои се тоифаи одамон фарз аст:**

1. Мусулмон бошад.
2. Синнаш ба балоғат расида бошад.
3. Ақли солим дошта бошад.

**Дар намоз се фарзи ихтилофӣ аст:**

1. Аз намоз хориҷ шудан бо хоҳиши худ.
2. Нигоҳ доштани тартиб.
3. Нигоҳ доштани таъдили аркон.

**Такбири таҳрима 3 суннат дорад:**

1. Мардон ба вақти гуфтани такбири таҳримаи муайянгашта, намоз хонанд.

2. Шахсони ба имом иқтидоъ карда, бояд аз паси имом дар тартиби муайянгашта кафтҳояшонро кушода дошта, сарангушти худро ба нармии гӯшашон расонанд.

3.Баъди такбири таҳрима гуфтан, хондани сано.

**Дар қироати намоз 3 суннат аст:**

1. Ҳам имом ҳам муқтадӣ, ҳам танҳохон дар ракъати якум Аъӯз ва Бисмиларо хуфя хондан.

2. Дар ҳар ракъат пеш аз хондани сураи Фотиҳа Бисмиларо хуфя гуфтан.

3. Баъди хондани сураи Фотиҳа имом ҳам, муқтадӣ ҳам, лафзи «омин»ро гуфтан.

**Камоли Имон се чиз аст:**

1. Шод будан аз ёфтани Имон.
2. Ғамнок гаштан аз заволи Имон.
3.Тарс аз табоҳкунандагони Имон.

**Қалъаи Имон се чиз аст:**

1.Мӯъмин олим бошад ба фарзҳои Имон.
2. Мӯъмин олим бошад ба воҷиботи Имон.
3. Мӯъмин олим бошад ба суннатҳои Имон.

**Нуқсони Имон се чиз аст:**

1. Куфр варзидан.
2. Шак овардан.
3. Дар мӯътақидоти Имон шак овардан.

**Суханҳои аслӣ ба 3 аст:**

1. Фарз – зоҳиру ботинро пок доштан.
2. Суннат –ҳурмати бародариро ба ҷой овардан.
3. Шарт – пирро чун қиблагоҳ донистан.

**Ҳаҷи асосӣ дорои 3 фарз аст:**

1. Эҳром бастан.
2. Дар Арафот вуқуф кардан.
3. Тавофи Каъба намудан.

**Дар рӯза се фарз аст:**

1. Ният – аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб нахӯрдан, нанӯшидан.
2. Дар амал аз субҳи содиқ то фурӯ рафтани офтоб нахӯрдан ва нанӯшидан.
3. Рӯзона ҷимоъ накардан.

**Се чиз агар як ҷо шавад, дуо бешак мустаҷоб хоҳад шуд:**

1. Дили Қуръон.
2. Дили бандаи мӯъмин.
3. Дили шаб.

**Аҳамияти дуое, ки такрор ба такрор хонда шавад:**

1. Парвардигор матлабашро дар ҳамин дунё диҳад.
2. Талабкардаашро ба охираташ захира кунад.
3. Фалокати пешомадаро гардонад.

**Ба се чиз гӯш додан зарур аст:**

А. Ба суханҳои Офаридгор.
Б. Ба суханҳои Пайғомбарон.
В. Ба суханҳои аҳли ҳикмат.

**Аз се чиз гӯшро пӯшида доштан;**

1. Аз суханҳои ботил ва бидъат.
2. Аз суханҳои бефоида ва фаҳш.
3. Аз суханҳои бӯҳтону тӯҳматангез.

**Ибодат 3 сутун дорад:**

1. Ибодати чашм.
2. Ибодати қалб.
3. Ибодати забон.

**Ибодат се навъ шавад:**

1. Ибодати нафсӣ, яъне ҷиҳод бо нафс, рӯза доштан.
2. Ибодати баданӣ, яъне намозхонӣ.
3. Ибодати молӣ, закоту садақа додан.

**Одами аҳли ҷаннат се нишона дорад:**

1. Шукри неъмат кунаду ба бало сабр кунад.
2. Аз гуноҳҳои содиркардааш тавбакор бошад.
3. Аз Парвардигор тарсон бошад.

**Сабр ба Худо дар 3 маврид писандида аст:**

1. Сабру субот дар тоату ибодат.

2. Канорагирӣ аз корҳои ҳаром.
3. Сабру субот дар мусибат.

**Рамазон аз се даҳа иборат аст:**

1. Даҳаи раҳмат.
2. Даҳаи мағфират;
3. Даҳаи озодӣ.

**Се чиз ба инсон роҳат бахшад:**

1. Ёдоварии Худо.
2. Хондани “Қуръон”.
3. Дидори дӯст.

**Ҳаловати имон дар се чиз аст:**

1. Аллоҳ ва расулонашро аз дигарон зиёда дӯст доштан.
2. Одамонро фақат дар роҳи Худо дӯст доштан.
3. Аз куфр тарсидан.

**Се чиз аз се чиз боло истад:**

1. Одоб аз наслу насаб.
2. Амал аз моли дунё.
3. Илм аз аҳли дунё.

**Одами хушбахт бо се чиз шинохта шавад:**

1. Бо илмомӯзӣ.
2. Бо саховатмандӣ.
3. Бо кушодчеҳрагӣ.

**Аз неъмати дунё се чиз беҳтар аст:**

1. Фарзанди солеҳ.
2. Моли ҳалол.
3. Зани соҳибҷамоли некхислат.

**Се чиз барнагардандааст:**

1. Вақти рафта..
2. Сухани гуфта.
3. Тири аз камон раста.

**Дар се ҳолат дурӯғӯй гуноҳ маҳсуб нашавад:**

1. Байни одамони ҷангӣ дурӯғ гуфта, онҳоро оштӣ кунондан.
2. Шавҳарон бо завҷаашон, ки барои фарзандонаш модарандар аст, баҳри муросо дурӯғ гӯяд.
3. Барои халосии бандӣ аз дасти подшоҳи золим.

**Се чиз зеби одам бошад:**

1. Инсонигарӣ.
2. Сифатҳои хуб.
3. Рафтору кирдори нек.

**Суолҳо ҳам се навъанд:**

1. Суоли воҷиб – саволдиҳанда ҷавобашро надонад.
2. Суоли мустаҳаб – саволдиҳанда донад, лек барои дигарон пурсад.
3. Саволи ҳаром – саволдиҳанда ҷавобаш донад, аммо барои шармсор намудани ҷавобдиҳанда пурсад.

**Се гуна шуғл аст, ки гуноҳ бошад:**

1. Қиморбозӣ.
2. Ошиқбозӣ.
3. Кабутарбозӣ.

**Рӯҳ 3 хел шавад:**

1. Рӯҳи наботӣ.
2. Рӯҳи ҳайвонӣ.
3. Рӯҳи инсонӣ.

**Се чиз аст, ки ба ҳар як мусулмон воҷиб шуда:**

1. Беморбинӣ.
2. Ширкат дар ҷанозаи мусулмон.
3. Баъди задани атса гуфтани “Алҳамдуллилоҳ” ва барои шунаванда гуфтани “Ярҳамакаллоҳ”

**Ҷоиз аст ба обрӯи се тоифаи одамон футур орӣ:**

1. Одамоне, ки ошкоро ба фисқу фасод машғуланд.
2. Подшоҳони золим.
3. Касоне, ки ба амалҳои бидъат шуғл доранд.

**Ба се тоифа одамон Парвардигор ду карат савоб диҳад:**

1. Ба онҳое, ки ба Парвардигор ва расулони вай имон овардаанд.
2. Одамоне, ки бо ҳама муносибати хуб доранд.
3. Одамоне, ки итоати пурра ва ибодати комил доранд.

**Се чиз дар ин дунё ва он дунё қадр карда ёбад:**

1. Бахшидане оне, ки ба ту зулм кардааст.
2. Наздикӣ ҷӯстан бо хешовандоне, ки туро тарк гуфтаанд.
3. Ба бадкоронат мулоимтабиат будан.

**Се чиз имонро комил гардонад:**

1. Боинсофу боадолат будан.
2. Ба ҳама салом додан.
3. Ҳангоми камбизоатӣ ҳам садақа додан.

**Се чиз одамонро ба марг наздик кунад:**

1. Қаҳру ғазаби сахт.
2. Тарсу ваҳми зиёда.
3. Хоҳишҳои нафсонӣ.

**Се чиз зеби одам бошад:**

1. Хоксорӣ.
2. Саховатмандӣ.
3. Хушмуомилагӣ.

**Се чиз дилро гарон созад:**

1. Хоби гарон.
2. Хӯроки фаровон.
3. Гуфтори бисёр.

**Пайғамбарамон гуфтаанд: умматоне, ки дорои се сифати бад бошанд, рӯзи қиёмат ҳам душманам бошанд;**

1. Оне, ки ба номи ман чизе диҳаду сипас хиёнат кунад.
2. Одамонро мисли ғуломон фурӯшад.
3. Ҳаққи хидмати мардикоронро надиҳад.

**Пайғомбарамон гуфтаанд: ба умматонам аз се чиз тарсам:**

1. Аз зулми подшоҳони золим.
2. Аз фиреби раммолон.
3. Нобоварӣ ба тақдир.

**Пайғомбарамон гуфтаанд: се чиз аст, ки умматонам ҳеҷ гоҳ аз онҳо халосӣ наёбанд:**

1. Ҳасад бурдан.
2. Бадгумон будан.
3. Аз ирим - сирим кардан.

**Пайғомбарамон фармудаанд, ки аз се тоифа одамон дар ҳазар бояд буд:**

1. Аз ғафлатзадагон.
2. Аз хушомадгӯю гадоикунанда.
3. Аз шайхони ҷоҳил.

**Аҳли мусулмонони Осиёи Марказӣ соҳиби се чизанд:**

1. Дар мазҳаби Имом Аъзаманд.
2. Дар тариқати Нақшбандианд.
3. Дар равияи ақоиди Мотуридианд.

**Моҳияти таълимоти тариқати Яссавиро 3 чиз ташкил кунад:**

1. Ҷамъ накардани моли дунё.
2. Ҷуз Парвардигор напарастидани чизе.
3. Накардани хиёнат ба ҳаққи касон.

## Сегониҳо дар шоҳроҳи Тариқат

**Аҳли тасаввуф се ном доранд:**

1.Мустатасуф-шахси бемартабае, ки аз пайи моли дунё нашуда, чун дарвеш буда, аз даст ба даст гузаранда аст.

2. Мутассуф-шахсе, ки ба манзили мақсади аввал расида бошад.

3. Сӯфӣ-шахсе, ки аз худ фонӣ гашта, яъне аз худ гузашта ба Ҳақ наздик шуда бошад.

**Тасаввуф ба се чиз ба ниҳоят расад:**

1. Бо Тахрид.
2. Бо Тафрид.
3. Бо Тавҳид.

**Фарқи инсонҳо дар се нишона падид ояд:**

1. Дар меҳрварзӣ чу нуру тобиши офтоб бошанд, ки он нур ба ҳама баробар расад.
2. Мисли хок хоксор будан ва хеҷ гоҳ такаббур накардан.
3. Мисли абр бобаракат ва пурсаховат будан, ки ба хушку тар яксон резад.

**Нур дар се дараҷа зуҳур кунад:**

1. Дар дараҷаи табиат, яъне набогот зуҳур дорад.
2. Дар дараҷаи ҳайвонот зуҳур мекунад.
3. Дар дараҷаи одамон фаъол бошад.

**Асли тариқат се нишона дорад:**

1. Дам-нафасро дар назорат доштан.
2. Қадам, яъне дониста пой гузоштан.
3. Аз аҳли карам будан.

**Одами муттақӣ се нишона дорад:**

1. Ҳазар аз одами бад.
2. Ҳазар аз дурӯғӯй.
3. Комгорӣ бо ҳалолу покӣ.

**Се сухане, ки устод ба шогирд бояд бигӯяд:**

1. Бархез ба хидмат.
2. Биншин бо ҳурмат.
3. Бигӯй бо ҳикмат.

**Се сухане, ки падари аҳд ба мурид гӯяд:**

1. Агар ғолиб омадӣ сукут кун.
2. Агар мартабаат аз ту пеш ояд, соҳибсухан шав.
3. Агар одами мобайнии, ба дигарон мушфиқу меҳрубон бош.

**Тариқат ба се таркиб ҷудо шавад:**

1. Тариқи аҳёр – роҳи инсонҳои босаховат.
2. Тариқи аброр – роҳи ҷавонмардон.
3. Тариқи шуттор, ё худ соирин – роҳи ошиқон.

**Таърихи тасаввуф ба се давра тақсим мешавад:**

1. Давраи зоҳидӣ.
2. Давраи орифӣ.
3. Давраи ошиқӣ.

**Нишонаҳои гиреҳҳои миёнбанд 3 аст:**

1. Аҳд доштан.
2. Байъат кардан.
3. Васият қабул кардан.

**Аз миёнбанд 3 қадам дур будани устод чунин маънӣ дошта:**

1. Аз балои нафс дур будан.
2. Дурӣ аз васвасаи шайтон.
3. Сарфи назар аз сарват.

**Одоби соҳиби пой (қадамгузорӣ) будан ба 3 аст:**

1. Ба ҷойҳои накӯ рафтан.
2. Ба зиёрати қабрҳо рафтан.
3. Тавофи беморон.

**Одоби пойро аз бадӣ нигоҳ доштан ҳам ба 3 аст:**

1. Ба манзили ҳаромхӯру золимон нарафтан.
2. Ба қиморхона ва маконҳои нолоиқ нарафтан.
3. Дурӣ аз мавзеи ҳаром ва фоҳишахонаҳо.

**Одоби ба Хонақоҳ даромадан ҳам 3 аст:**

1. Покии зоҳиру ботин.
2. Шукронаи ҳастӣ.
3. Ба пойи рост ворид шудан.

**Сӯфиҳо 3 хел шаванд:**

1. Муоширҳо – мухлисони аҳли тасаввуф.

2. Мутарасмҳо – тақлидчиёни аҳли тасаввуф.

3. Муҳаққиқон – либоси сӯф пӯшида, тарки дунё намуда, сӯи Ҳақ равонагон.

**Мақсади миёнбандӣ низ барои пешбурди кор ба 3 аст:**

1. Аввал салом.
2. Дуюм таъом.
3. Сеюм калом.

**Муриди хирқапӯш 3 манфаат бошад:**

1. Агар зоҳири мурид бо либоси шайх зеб пайдо кунад, ботини ӯ бо сифатҳои тақво ва комилӣ зебо шавад.
2. Аз баракати даст, вуҷуди мурид тозаву покиза гардад.
3. Хирқапӯшии мурид муомилоти байни муриду шайхро нишон бошад.

**Хирқапӯшро 3 шарт аст:**

1. Хирқа бояд тоза, озода, шусташуда бошад.
2. Хирқа бояд аз маоши ҳалол ба даст омада бошад.
3. Шахси Хирқапӯш аз бидъат дур бошад.

**Шахси хирқапӯш бояд 3 қоидаро риоя кунад:**

1. Аломатҳои фақрро донад ва бо фақирҳо ошноӣ пайдо кунад.
2. Шахси хирқапӯш хирқаро воситаи риё ва гадоӣ нагардонад.
3. Шахси хирқапӯш хирқаро аз раҳи бидъат дур дорад.

**Аҳли футувватро 3 мартаба бошад:**

1. Саховатмандӣ.
1. Соҳибсафоӣ.
2. Соҳибвафоӣ.

**Тавба кардан аз се рукн иборат аст:**

1. Истиғфор бо забон.
2. Пушаймонӣ аз амали носазо.
3. Аҳдбаҳри накарнаи гуноҳ.

**Одами ҳасадбар 3 аломат дорад:**

1. Аз паси дӯст ғайбат кунад.
2. Дӯстро дар наздашон васф кунад.

3. Аз кулфати дӯст шод гардад.

**Се тоифаи одамон ба ҷаннат нараванд:**

1. Майпарастон.
2. Золимон.
3. Ҷодугарон.

**Парвардигор ба ин 3 тоифа се чиз  додааст:**

1. Ба Фариштаҳо –  ақл.
2. Ба ҳайвонот - нафс.
3. Ба Инсонҳо ҳам ақлу ҳам нафс.

**Аз 3 чиз гувоҳи наздикии марг бошад:**

1. Мӯйҳои сиёҳ сафед шаванд.
2. Вуҷуди бақувват беқувват гардад.
3. Қомати рост хам ёбад.

**Сабр ба Худо дар 3 чиз падид ояд:**

1. Дар тоату ибодат.
2. Канорагирӣ  аз кори ҳаром.
3. Дар мусибат.

**Се дуо бешак мустаҷоб хоҳад шуд:**

1. Дуои мазлум нисбати золим.
2. Дуои мусофир.
3. Дуои падар нисбати фарзанд.

**Дар дигар манбаъ:**

1. Дуои  ифтории шахси рӯзадор.
2. Дуои ҳокими боадолат.
3. Дуои  ҷабрдидагон.

**Боз дар дигар манбаъ:**

1. Дуои шахсе, ки  дар зикри Парвадигор аст.
2. Дуои бади шахси мазлум.
3. Дуои ҳукмдори боадолат.

**Одами фосиқро се нишона бошад:**

1. Дар дилаш ҳубби фасод бошад.
2. Дилозор бошад.
3. Аз роҳи рост дур гардад.

**Одами шақӣ се нишона дорад:**

1. Ҳаромхӯрӣ.
2. Бетаҳоратву аз хаб дерхезӣ.
3. Дурӣ аз ҷамоа.

**Одами бахилро ҳам се нишона бошад:**

1. Аз соилҳо (гадоҳо) гурезон гардад.
2. Аз балои тақдир тарсон бошад.
3. Аз молаш касе фоида набинад.

**Одами мунофиқро низ се нишона бошад:**

1. Каси ваъдахилоф бошад.
2. Суханаш олудаи лофу газоф бошад.
3. Хиёнат бар амонат кунад.

**Сегониҳо дар олами Маърифат**

**Се тоифа одамон ҳеч гоҳ сарватманд нашаванд:**

1. Аз назари халқу Худо дургаштагон.
2. Ноқисулақлон.
3. Танбалон, серорзуён, баднафсу исрофкорон.

**Одами аҳмақро се нишона бошад:**

1. Аз ёди Ҳақ ғофил бошад:
2. Газоф бисёр гӯяд.
3. Дар ибодат коҳил бошад.

**Ба ин се тоифа ашхос се чизро фаҳмонда нашавад:**

1. Ба одами кар нақл карда натавонӣ.
2. Ба одами кӯр нишон дода натавонӣ.
3. Ба одами аблаҳ фаҳмонда натавонӣ.

**Дар фалсафа се масъалаи муҳим аст:**

1. Ба донистани чӣ қодирем?
2. Чӣ бояд кард?
3. Ба чӣ умед бояд баст?

**Дарахти мевадор се мафаат дорад:**

1. Дар сояаш шинӣ – фароғат ёбӣ.
2. Аз меваащ бичашӣ – лаззат барӣ.
3. Аз гармии ҳезумаш баҳра гирӣ.

**Мутолааи китоб ба се навъ аст:**

1. Хондану нафаҳмидан.
2. Хондану фаҳмидан.
3. Ба такрор хондану фаҳмидан.

**Се тоифаи одамон некиро нашояд:**

1. Танбалон.
2. Беору беномусон.
3. Бадахлоқон.

**Се чизро бо се чиз натавон ёфт:**

1.Сарват- бо орзую ҳавас.
2. Ҷавонӣ- бо пардозу андоз
3. Саломатӣ- бо доруву дармон.

**Одамонро се чиз бадбахт кунад:**

1. Аспи бад.
2. Зани бад.
3. Ҳавлии танг.

**Соҳибони ин се сифати бад гунаҳкоронанд:**

1. Айби худро надида, ба айби дигарон тамасхур доштагон.
2. Айби худро ба дигарон нисбат дода, аз болои онҳо хандидагон.
3. Ҳамсӯҳбатони худро азият диҳандагон.

**Ин се навъ сифат нишони факр бошад:**

1. Подшоҳоне, ки некиатро надонанд, бадиатро нагузоранд.

2. Ҳамсоягоне, ки некии ҳамсояро пӯшида дошта, бадашро ошкор кунанд.
3. Занҳое, ки шавҳарро озор диҳанду замони набуданаш хиёнат кунанд.

**Бемории касон аз 3 чиз падид ояд:**

1. Бисёр  хӯрдан.
2. Хӯрокро гарм хӯрдан.
3. Хӯроки хом хӯрдан.

**Камбағалон ба се мусибат гирифтор бошанд:**

1. Аз заифии динӣ ба кӯи бадӣ афтанд.
2. Аз заифии ақл саросема бошанд.
3. Муруввату одамгариашон дур шуда, масхараи дигарон гарданд.

**Се амал наҷоти мӯъминон гардад:**

1. Пок доштани забон аз ғайбат.
2. Барои дунё ва охират амалҳои некро сомон додан.
3. Ашк резондан ба хотири гуноҳ ва  тавба намудан.

**Тарки се хислати бад боиси наҷот бошад:**

1. Зулм накардан.
2. Бераҳм набудан.
3. Қасами бардурӯғ нахӯрдан.

**Аз се тоифа одамон бояд тарсид:**

1.Хиёнаткорон.
2. Золимон.
3. Хабаркашон.

**Се чиз  миёни кас шиканад:**

1. Амали худро беҳтару афзун хондан.
2. Аз хотир баровардани гуноҳони худ.
3. Райъи худро аз райъи дигарон боло гузоштан.

**Дӯстон се навъ бошанд:**

1.Дӯстони ҷонӣ.
2. Дӯстони номӣ
3.Дӯстони нонӣ

**Одамони некӯбахтро ба се  хислат шиносанд:**

1. Бо саховатмандӣ.
2. Бо илмомӯзӣ.
3. Бо чеҳракушодӣ.

**Се чиз барнагарданда аст:**

1. Вақт- вайро набояд гум кард.
2. Сухан-онро андеша кун.
3. Имконият-вайро аз даст мадеҳ.

**Се чиз қиммат аст:**

1.Муҳаббат.
2. Дӯстӣ.
3. Эътиқод.

**Се чизро эътимод нест:**

1.Амалдорӣ, ки доимӣ нест.
2. Омад ҳам  ҳама вақт  манфиат наорад.
3. Дорои ҳамешагӣ нест.

**Се чиз чигунагии касро муайян кунад:**

1. Меҳнатдӯстӣ.
2. Ҳалолкорӣ.
3. Муваффақиятнокӣ.

**Се чиз касро хароб созад:**

1.Майхорагӣ.
2. Такаббур.
3. Қаҳру ғазаб.

**Се чиз аз се чиз боло истад:**

1. Одоб  аз наслу насаб.
2. Амал аз моли дунё.
3. Илм  аз аҳли дунё.

**Аз се кор шарм набояд дошт:**

1. Аз хизмати  меҳмон.

2. Бархестан ба эҳтироми устод ва падару модар..
3. Кам бошад ҳам ҳаққи худро талаб кардан.

**Се чиз хоси дӯстист:**

1. Хулқи хуб доштан.
2. Меҳрубонӣ кардан.
3. Хоксор будан.

**Аз се тоифа одамон ҳоҷат хостан равост:**

1. Аз диндорон.
2. Аз ҷавонмардон.
3. Аз аҳли саховат.

**Ба се қоидаи оддӣ риоя бояд кард:**

1. Агар ба ту бовар накунанд – исбот макун.
2. Агар туро дӯст надоранд – илтимос макун.
3. Агар ба қадрат нарасанд – исрор макун, то қадр кунанд.

**Мардонро дӯст доштани ин се зан равост:**

1. Зане, ки ӯро таваллуд кардааст.
2. Зане, ки ба ӯ фарзанд таваллуд мекунад.
3. Оне, ки аз ӯ таваллуд шудааст, яъне духтарашро.

**Дар тиннати одамон се хислат нуҳуфта, ки риояти он касро хушбахт гардонад:**

1. Ҳангоми зарурат хомӯширо пазируфтан.
2. Ҳадду сарҳади одобро нигаҳ доштан.
3. Пурсабру пурбардошт будан.

**Дар ниҳоди ҳар кас се шахсият бошад:**

1. Ӯ кист, бо кист, чӣ тафаккур дорад.
2. Вай оне аст, ки ӯро кӣ мепиндоранд.
3. Ӯ оне ҳаст, фикр дорад, ки ӯ кист?

**Ағлаб касон аз се чиз дар ҳаросанд:**

1. Аз боварии сахт ба касе.
2. Аз баёни ҳарфи рост.
3. Аз танҳоӣ.

**Се чизест, ки шодию осоишро барҳам занад:**

1. Ба гузашта афсӯсу надомат хӯрдан.
2. Аз оянда хавотир будан.
3. Ба ҳоли ҳозир шукргузорӣ накардан.

**Муносибати одамонро се роҳ бошад:**

1. Рафтори оқилона.
2.Тақлид ба инсонҳои нек.
3. Амал аз рӯи таҷриба.

**Дар қоидаҳои забони тоҷикӣ се шахс аст:**

1. Шахси якуми танҳо – ман.
2. Шахси дуюми танҳо – ту.
3. Шахси сеюми танҳо – вай, ӯ.

1. Шахси якуми ҷамъ – мо.
2. Шахси дуюми ҷамъ – шумо.
3. Шахси сеюми ҷамъ – онҳо.

**Феълҳо се замон доранд:**

1. Замони гузашта.
2. Замони ҳозира.
3. Замони оянда.

**Ашъор аз ҷиҳати сохт се наванд:**

1. Шеъри ҳиҷоӣ.
2. Шеъри арӯзӣ.
3. Шеъри сафед(озод).

**Се чизро набояд гум кард:**

1. Оромӣ.
2. Боварӣ.
3. Нангу номус.

**Дар се чиз эҳтиёт бояд:**

1. Қадамгузорӣ.
2. Қаламронӣ.

3. Қасамрхӯрӣ.

**Ин сеи дигарро ҳам эҳтиёт бояд:**

1. Оромии қалбро .
2. Покии забонро.
3. Дидагони биноро.

**Се чизро пок бояд дошт:**

1. Танаро.
2. Либосро.
3. Хаёлро.

**Оқилии кас дар 3 чиз падид ояд:**

1. Дар коркарди ақл.
2. Дар таҳаммулу сабр.
3. Дар ҳиммати беминнат.

**Аз 3 чиз парҳез бояд:**

1. Аз гуноҳ.
2.Аз афсӯсу надомат.
3.Аз доду фиғон.

**Се чизро набояд фаромӯш кард:**

1. Аллоҳро.
2.Маргро.
3.Дӯсти содиқро.

**Одамон дар 3 ҳол шинохта шаванд:**

1.Ҳангоми сафар.
2. Замони ба сар афтодани ташвиш.
3. Дар вақти аз касе қарздор будан.

### Хулосаҳо оиди боби рақами сегониҳо:

Сегониҳо дар табиат хеле зиёданд, онҳо ҳам дар ҳукмҳои Шаръӣ, ҳам дар амалҳои аҳли Тариқат ва ҳам дар фармудаҳои аҳли Маърифат хеле барҷаста ба чашм мерасанд.

Одамони зодагони таҳти рақами се ҳозирбинонанд ва чуноне дар башоратномаи онҳо омадааст, ба ҳама муносибати эҳтиромона доранду аз дигарон муносибати хоссаро низ мунтазиранд. Бо қувваи ҷаззобашон ҷозибаи дигаронро ба худ ҷалб карданро соҳибанд. Ба сеи ҳукмҳои Шариат, ба сеи амалҳои Тариқат ва ба сеи фармудаҳои Маърифат итоат кардан натанҳо зодагони таҳти ин рақамро, балки тамомии инсониятро сӯи камолоти маънавӣ ва саодати зиндагонӣ мебарад. Ахлоқ, ки гавҳару ҷавҳари инсон будан аст, дар ин сегониҳо дар алоҳидагӣ ва бо мутазодҳояшон тавзеҳ ёфта, ба сиришту сарнавишт ва тақдиру тадбири инсонӣ омезиш ёфтааст. Асрори ин рақам танҳо дар овардану нишон додани гуфтаҳову фармудаҳо набуда, балки дарки маънавии аниқу амиқро мебояд то сирри он пешорӯи шумо кушода гардад. Роҷеъ ба ҳар сегониҳо мақолоти илмиву соҳавию диниро пешкаш кардан мумкин аст, аммо шакли мӯъҷаз, ки дар дасти шумост, чононе дар яке аз сегиниҳо омадааст, ақлро чархгардон кунед, сирри ин рақам пеши чашмони шумо пайдост.

## Чорбандии чориҳо

*Ҳар роз, ки андар дили доно бошад,*
*Бояд, ки нуҳуфтатар зи анқо бошад.*
*К-андар садаф аз нуҳуфтагӣ гардад дурр,*
*Он қатра, ки рози дили дарё бошад.*
***Хайём.***

### Башоратномаи дунёи рақами чориҳо

Чунин шуморанд, ки сайёраи раҳнамои ҳаёти одамоне, ки таҳти рақами 4 ба дунё омадаанд, касонеанд боэътимод, поквиҷдон, дар касбу кору соҳоти мухталифи илм беҳамто. Андар донистани таҷҳизоти техникӣ ва истеҳсолот комёб. Эшон қобилияти фавқуттабииву табиати якравӣ доранд. Ҳамин хусусиятҳоро дар мисоли чоргониҳо эҳсос мекунед.

Сайёраи нигаҳбонашон Уран аст ва дар ҳақиқат сайёраи пешбарандаи рақамҳо ба ҳаёти одамоне, ки таҳти ҳамон сайёра таваллуд шудаанд, мӯҳри худро гузоштааст.

Аксари одамоне, ки зери рақами 4 тавлид шудаанд худхоҳанду хислатҳои ба худ хосеро доро мебошанд. Онҳо қонуниятҳои худро доранд ва қоидаҳои маъмулро чандон риоят намекунанд ва ба фикри дигарон беэътино ҳастанд. Онҳо ақидаи озод ва солим доранд. Зодагони зери ин рақам касони оқиланду

табиатро хеле дӯст доранд ва бо муҳити артоф ба зудӣ унс гиранд. Онҳо шахсони меҳнатдӯстанд, табиати хуби инсонгарой, ки доранд, ба онҳо касони зиёде риштаи дӯстиро пайвастан хоҳанд. Ин қабил одамон қобилияти баланди ташкилотчигиро ҳам доранд, хотираашон қавӣ, иродаашон мустаҳкам, лек хеле ҳассосианду, аз амалҳои ба нигоҳашон номақбул тез асабонӣ гарданд.

## Рамзҳои олами рақами чориҳо

Сайёраи пешбарандаи рақами 4 –Уторид, Тир (Сатурн) маҳсуб меёбад.

Рамзи рақами 4 – Устуворӣ.

Бурҷи осмонии рақами 4 – Сумбула..

Маъдани тааллуқи рақами 4 – арзиз, уран.

Рӯзи омадовари рақами 4 – Чоршанбе.

Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 4 –Хоро, Ақиқи сурх.

Рӯзҳои муносибтарин ба зодагони рақами 4–4, 6, 8.

Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 4 дӯст медоранд асосан сабзи тунду бунафш аст.

Ҷиҳатҳои мусбии зодагони ин рақам, самимӣ, ҷӯёи сулҳу дӯстӣ будани онҳост, рӯҳияте пок ва тоза доранд.

Ҷиҳатҳои манфии зодагони ин рақам, аксаран онҳо сафсатафурӯш, беҳудагӯёнанд, шармгинону ғайбатчиёнанд.

**Ифодаҳои рақами чор дар табиат:**

Чор - шумораи миқдорӣ.

Чорум – шумораи тартибӣ.

Чоряк – шумораи касрӣ.

Чорсад – шумораи мураккаб.

Чорсаду чилу чор шумораи таркибӣ.

Чоррӯза – мӯҳлати вақт.

Чормоҳа – мӯҳлати вақт.

Чорсола -мӯҳлати вақт.

Чоргӯша – зарфе, ки чор гӯша дорад.

Чорсӯ – номи мавзеъ дар шаҳрҳои Тошканд ва Намангон.

Чорпоя – ба маънои миз.

Чорчӯба – ашёе, ки аз чор чӯб сохта шудааст.

Чоркунҷа – ашёе, ки аз чор кунҷ иборат аст.

Чортарафа – ашёе, ки чор тараф дорад.

Чоркаса – коре, ки аз тарафи чор кас иҷро шавад.

Чоркасӣ – миқдори одамонро гӯянд.

Чоршанбе – номи рӯз.

Чоршанбе - номи маҳал дар шаҳри Хуҷанд.

Чорчарха – ба маънои ароба.

Чорраҳа – номи гузаргоҳ.

Чордара – номи мавзеъ.

Чормех – номи ашё.
Чорбоғ – номи шаҳрак.
Чоркӯҳ – номи деҳае дар Исфара.
Чорчашма – номи мавзеъ.
Чормағз – номи мева.
Чорбора – чор маротиб.
Чоргона – чор фасли сол.
Чордевор – хонаи вайрона.
Чорзабонӣ– пургӯӣ.
Чоркоса – косаи бузург.
Чормавҷа – мавҷҳои баҳру дарёҳо.
Чороина – чор пора оҳани паҳн.
Чорпар – тире, ки чор пар дорад.
Чорпараст – шахсоне, ки чор унсурро парастанд.
Чорпарра –суръати тез.
Чорпаҳлӯ – ба маънои фарбеҳ.
Чорпора – номи сози мусиқӣ.
Чорпоразан – навозандаи сози чорпора.
Чортор – як навъи асбоби мусиқӣ.
Чортоқ –айвон.
Чорчинор – номи мавзеъ.
Чортоқ номи мавзеъ дар Намангон.
Чоруқ – пойафзоли қадима.
Чоруқдарон – номи мавзеъ дар вилояти Суғд.
Чорчӯб – қолаб.
Чор-чор – муқобил шудан.
Чорқаб – либоси махсуси шоҳон.

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» наздик 60 вожаи вобастаи рақами чор (чаҳор) тафсир шудааст.

## Чорбандиҳо дар фазои Шариат

**Парвардигор ба мусулмонон чор чиз дода:**

1.Қуръон.
2. Ислом.
3.Каъба.
4. Пайғомбар Муҳаммад (с.а.в.)

**Қуръон 4 ном дорад:**

1. Қуръон – мазмуни «китоби хониш» дорад, ин ном танҳо ба китобе, ки ба Муҳаммад алайҳиссалом фиристонда шудааст, истифода мешавад.
2. Фурқон –барои он гӯянд, ки вай аз осмон пора – пора омадааст.

3. Каломуллоҳ – яъне каломи Парвардигор бошад.
4. Мусҳаф – яъне саҳифабандишуда.

**Сифатҳои Қуръон:**

1. Карим – бокарам, бокаромат, мукаррам.
2. Махид – яъне бузург.
3. Муборак – табаррук, бобаракот.
4. Мубин – яъне аниқ, кушода.

**Парвардигор ба пайғомбаронаш бо чор роҳ Ваҳй фиристонидааст:**

1.Ба воситаи фариштаи муққараб Џабраил.
2. Бо роҳи қалб.
3. Бо роҳи хоб.
4. Бо роҳи рӯҳияҳои гуногун.

**Динҳои машҳур чортоанд:**

1. Дини яҳудӣ.
2. Дини насронӣ.
3. Дини буддоӣ.
4. Дини ислом.

**Дар бораи ин чор калом пайғомбарамон фармудаанд: «ба ҳар як тасбеҳ, такбир, тамҳид, таҳлил савоби садақа дода шавад».**

1. Тасбеҳ- «Субҳоналлоҳ».
2. Такбир – «Аллоҳу Акбар».
3. Таҳмид – «Алҳамдулиллоҳ».
4. Таҳлил – «Ла илоҳа иллаллоҳ».

**Чор каломи дӯстдоштаи Парвардигор:**

1. Субҳоналлоҳ.
2. Алҳамдулиллоҳ.
3. Ла илоҳа иллалоҳ.
4. Аллоҳу Акбар.

**Одамон соҳиби чор рӯҳанд:**

1. Рӯҳи наботӣ.
2. Рӯҳи ҳайвонӣ.
3. Рӯҳи џонӣ (қалбӣ).
4. Рӯҳи инсонӣ (нафси нотиқа).

**Чор фариштаи муқарраб:**

1.**Ҷабраил**– сабабгори илми аҳли оламиён, ё гурдаи осмони сеюм, нишонии олами Зӯҳро.

2. **Исрофил**– сабабгори ҳаёти аҳли оламиён ва заҳрхалтаи осмони панҷум, ва нишонии фалаки Миррих аст.

3.**Микоил**– сабабгори ризқи аҳли оламиён, ҷигари осмони шашум, нишонии фалаки Муштарист.

4.**Азроил**– ҷонситони аҳли оламиён, талоқи осмони ҳафтум, нишонии фалаки Зӯҳал аст.

**Чор илми шаръӣ мавҷуд аст:**

1. Илми тавҳид.
2. Илми намоз.
3. Илми рӯза.
4. Илми ҳайз ва нифос.

**Дар таяммум чор чиз фарз гашта:**

1. Ният кардан.
2. Ёфтани хоки пок.
3. Бо хоки тоза ҳар ду дастро ба рӯй молидан.
4. Бо хоки тоза ҳар ду дастро молидан.

**Фарзҳои имон чортоанд:**

1. Шинохтани Аллоҳу таоло.
2. Овардани имон ба Аллоҳ таоло.
3. Нигоҳ доштани имон.
4. Бо худ бурдани имон ба охират.

**Байни таҳорат ва ғусли зиндаю мурда 4 фарқ бошад:**

1. Зиндаҳо аввал дастҳоро мешӯянд, мурдаҳоро аввал истинҷо кунонанд.
2. Зиндаҳо ба даҳон ва бинӣ об гиранд, ба даҳону бинниии мурдаҳо об нагиранд.
3. Ба сар ва гардани зиндаҳо масҳ кашанд, ба мурдаҳо на.
4. Пойҳои зинда дар охир шуста шавад, пойҳои мурда дар аввал.

**Дар хурокхӯрӣ чор фарз аст:**

1. Хурдани хӯроки ҳалол.
2. Ризқро аз Худо донистан.

3. Ба қисмати додаи Парвардигор розӣ гашан.
4. Дар сиҳатмандӣ дар тоату ибодат будан.

**Сифатҳои чор пайғомбарон:**

1. Одам алайҳиссалом – Сафиуллоҳ.
2. Иброҳим алайҳиссалом – Халилуллоҳ.
3. Мӯсо алайҳиссалом – Калимуллоҳ.
4. Исо алайҳиссалом – Рӯҳуллоҳ.

**Аз осмон ба пайғомбарон 4 нома омада:**

1. Ба ҳазрати Одам алайҳиссалом номаи аввалин.
2. 50 нома ба ҳазрати Шис алайҳиссалом.
3. Номаи сеюм ба ҳазрати Идрис алайҳиссалом.
4. 10 нома ба ҳазрати Иброҳим алайҳиссалом.

**Аз осмон 4 китоб омада:**

1. Таврот ба ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом.
2. Забур ба ҳазрати Довуд алайҳиссалом.
3. Инҷил ба ҳазрати Исо алайҳиссалом.
4. Қуръон ба ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом.

**Номи 4 азизу авлиё дар Қуръон зикр гардида:**

1. Ҳазрати Хизр алайҳиссалом дар сураи «Каҳф»,оятҳои 60-82.
2.Ҳазрати Луқмон алайҳиссалом дар сураи «Луқмон»,оятҳои 12-13, 17-19.
3.Ҳазрати Узайр алайҳиссалом дар сураи «Тавба»,ояти 31.
4.Ҳазрати Зул-Қайнайн дар сураи «Каҳф»,оятҳои 83-98.

**Пайғомбарон 4 қисманд:**

1. Пайғомбарони (улулазм)Азим.
2. Пайғомбарони Мурсал.
3. Пайғомбарони Соҳибкитоб.
4. Набӣ.

**Пайғомбарони Азим 4 тоанд:**

1. Одам алайҳиссалом.
2. Иброҳим алайҳиссалом.
3. Нӯҳ алайҳиссалом.
4. Муҳаммад алайҳиссалом.

**Ба чор пайғомбари ноболиғ ваҳй омада:**

1. Ба ҳазрати Исо алайҳиссалом.
2. Ба ҳазрати Яҳё алайҳиссалом.
3. Ба ҳазрати Сулаймон алайҳиссалом.
4. Ба ҳазрати Юсуф алайҳиссалом.

**Чор пайғомбар подшоҳӣ кардаанд:**

1. Сулаймон алайҳиссалом.
2. Искандар алайҳиссалом.
3. Юсуф алайҳиссалом.
4. Муҳаммад алайҳиссалом.

**Эътимод ба Парвардигор аз чор усул иборат гардида:**

1. Парвардигор ягона Аллоҳ аст.
2. Вай Раббулоламин аст, яъне офарандаи дунёст.
3. Ҳоким худи Парвардигор аст.
4. Аллоҳ маъбуд аст, лоиқи ҳамагуна ибодат аст.

**Чор ёри босафои Муҳаммад алайҳиссалом:**

1. Абӯбакри Сиддиқ – 572-634.
2. Умари Форуқ – 385- 634.
3. Усмони Зунуррайн – 574- 656.
4. Алии Муртазо – 601 -661.

**Ба ин чор ёр сифати 4 унсурро нисбат диҳанд:**

1. Ба Абӯбакри Сиддиқ – об.
2. Ба Умари Форуқ – ҳаво.
3. Ба Усмони Зунуррайн – оташ.
4. Ба Алии Муртазо – хок.

**Имонро чор дараҷа бувад:**

1. Ба ҳукми Парвардигор бо сабр будан.
2. Ба тақдир тан додан.
3. Таваккулро бо ихлос иҷро кардан.
4. Ба Парвардигор таслим шудан.

**Пайғомбарамон ба момоямон Ойиша иҷрои 4 чизро дар шаби Қадр тавсия додаанд:**

1. Як мартиб хатми Қуръони Карим.
2. Даъвати пайғамбарон баҳри шафоат дар рӯзи қиёмат.
3. Ба даст даровардани ризоияти тамоми мусулмонон.
4. Ҳаҷ ва Умра кардан.

**Пайғомбарамон гуфтаанд: эй Ойиша амалҳои фармудаи ман аз ту қувваи зиёд талаб надорад :**

1. Агар се маротиб сураи Ихлос хонӣ савоби хатми Қуръони Каримро ёбӣ.
2. Ба ману дигар пайғамбарон саловот хонӣ, моён рӯзи қиёмат шафоатгарӣ ту гардем.
3. Агар аз Парвардигор барои мусулмонон авф талабӣ, розигии тамоми мусулмононро ёбӣ.
4. Агар хондани тасбеҳи «Субҳаноллоҳи валҳамдулиллаҳи ва ла илоҳа иллаллоҳу валлоҳу акбар, ва ла ҳавла вала қуввата, илла биллаҳил Алиюл Азийм»ро бихонӣ савоби Ҳаҷ ва Умраро ёбӣ.

**Дар таҳорат чор фарз аст:**

1. Шустани рӯй то баногӯш.
2. Ҳарду дастро то оринҷ.
3. Ба чоряки сар масҳ кашидан.
4. Ҳар ду пойро то буҷулакаш шустан.

**Дар чор ҳолати намозхонӣ Саҷдаи саҳв воҷиб шавад:**

1. Ҳар як рукнро пеш аз вақташ ба ҷой овардан.
2. Ҳар як рукнро аз вақташ дертар кардан.
3. Дар вақти ягон рукнро такрор иҷро кардан.
4. Ягон амали воҷибро партофта гузаштан.

**Дар чор ҳолат истинҷоро фарз бошад:**

1. Дар маъқад миқдори дирҳами шаръӣ наҷосат бошад.
2. Одами ҷунубшударо истинҷо карданаш фарз.
3.Зани аз ҳайз озодшударо истинҷо карданаш фарз.
4. Зани аз нифос озодшударо истинҷо карданаш фарз.

**Чор фарзи истеъмоли таом:**

1. Луқмаи ҳалол хӯрдан.
2. Ризқро аз Аллоҳ донистан.
3. Ба ризқи расида шукр кардан.
4. Таоми пок хӯрдан.

**Чор суннати хӯрокхӯрӣ:**

1. Бисмиллоҳир Роҳманир Раҳим гуфтан.
2. Пеш аз хӯрок хӯрдан дастонро шустан.
3. Хӯрокро бо дасти рост хӯрдан.
4. Баъди хӯрок хӯрдан шукри Худо гуфтан.

**Чор мустаҳаби хӯрокхӯрӣ:**

1. Хӯрокхӯриро аз чашидани намак оғоз кардан.
2. Истеъмоли хӯрокро бо намак тамом кардан.
3. Хӯрокро аз рӯи дастархон хӯрдан.
4. Шахсони атрофро ҳам ба хӯрокхӯрӣ таклиф кардан.

**Чор одоби хӯрокхӯрӣ:**

1. Ҳангоми таомхӯрӣ сарро нахоридан.
2. Биниро накофтану наафшондан.
3. Оби даҳонро нарезондан.
4. Вақти дар даҳон будани хӯрок гап назадан.

**Чор ҳикмати хӯрокхӯрӣ:**

1. Лӯқмаро калон нагирифтан.
2. Луқмаро калон нагазидан.
3. Хӯрокро нағз хоида, майда карда хӯрдан.
4. Бар шиками сер хӯрок нахӯрдан.

**Чор фарзи либоспӯшӣ:**

1. Либосе, ки бо маблағи ҳалол харид шуда бошад.
2. Пӯшидани либос вобаста ба ҳавои гарму сард.
3. Тозаву озодагии либос.
4. Либоси мардона аз шоҳӣ ва зардӯзӣ набошад.

**Чор суннати либоспӯшӣ:**

1. Ҷома дароз набошад.
2. Ҷома ҳарранга набошад.
3. Рӯзҳои ид ҷомаи тоза ё худ нав пӯшидан.
4. Бештар либосҳои сафед ва кабудранг бипӯшанд.

## Чориҳо дар шоҳроҳи Тариқат

**Чор пири ихлосро медонед?**

**1.** Идрис алайҳиссалом.
2. Илёс алайҳиссалом.
3. Хизр алайҳиссалом.
4. Исо алайҳиссалом.

**Чор пири машҳури тариқатҳо:**

**1.**Юсуф Ҳамадонӣ – 1048 ¬ 1140.
2.Абдулхолиқ Ғиждувонӣ – 1103 ¬ 1179.
3.Сайид Мир Кулол – 1287 ¬ 1378.
4.Баҳоуддин Нақшбанд – 1318 ¬ 1389.

**Чор  пири рукнҳо:**

1. Султоналӣ Мӯсо - номаълум.
2. Имом Ҳамбал ибни Ҳанбал – 780 - 855.
3. Шоҳ Носири Хусрав – 1004 - 1088.
4. Хоха Аҳмад Яссавӣ – 1033 - 1166.

**Чор пирони мазҳабҳо:**

1. Имоми Аъзам – сарвари мазҳаби Ҳанафия.
2. Имоми Молик – сарвари мазҳаби Моликия.
3. Имоми Шофеъ – сарвари мазҳаби Шофеъия.
4. Имоми Аҳмад ибни Ҳамбал – сарвари мазҳаби Ҳамбалия.

**Чор пири маърифат инҳоянд:**

1. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ – 1184 - 1292.
2. Мавлоно Ҷалолиддини Рӯмӣ – 1207 - 1273.
3. Шайх Алоуддин ал - Бухорӣ – 1318-  1400.
4. Шоҳ Қосим Анварӣ – 1355 - 1433.

**Чор пири мазҳабҳоро ба чор таркиб шабоҳат диҳанд:**

1. Имоми Аъзамро – ба хун.
2. Имоми Моликро – ба савдо.
3. Имоми Шофеъро – ба балғам.
4. Имоми Аҳмад ибни Ҳамбалро – ба сафро.

**Дар дини Ислом 4 унсурро ба 4 Хулафои Рошидин нисбат диҳанд:**

1. Абӯбакри Сиддиқро ба об.
2. Умар ибни Форуқро ба ҳаво.
3. Усмон ибни Аффонро ба оташ.
4. Алӣ ибни Абӯтолибро ба хок.

**Чор равияи қазову қадар:**

1. Равияи Қадариҳо.
2. Равияи Ҷабариҳо.
3. Равияи Мурҷиҳо.
4. Равияи Ашъариҳо.

**Чор равияи талқини Имон:**

1. Равияи Хориҷиҳо.
2. Равияи Сунниҳо.
3. Равияи Мӯътазилиҳо.
4. Равияи Мурҷииҳо.

**Ҳамасол дар чор шаб дуо мустаҷоб гардад:**

1. Шаби аввали моҳи Раҷаб.
2. Шаби 15-уми моҳи Шаъбон.
3. Шаби Қадр.
4. Шаби ду ид.

**Шахсе, ки қасди илмомӯзӣ дорад бояд чор марҳиларо тай кунад:**

1. Шак – ба будан ё набудани чизе далеле набошад.
2. Занн – гумон аст ба будан ё набудани чизе, аммо далеле ба миқдори 60 фисад дорад.
3. Илм - ба будан ё набудани чизе далел ба миқдори 90 фисад бошад, илм аст.
4. Имон – ба будани чизе эътимод бо ақл карда, бо дилаш тасдиқ кунад.

**Ба чор чиз метавон илм ёфт:**

1. Ақли солим.
2. Фикри расо.
3. Таҷрибаи кофӣ.
4. Натичаи кофии ба даст оварда.

**Пайғомбарамон гуфтаанд: чор чиз аст, ки умматонам онҳоро ҳеҷ тарк карда натавонанд:**

5. Ифтихор аз насаб:
6. Коҳиши насаби дигарон.
7. Аз ситораҳо ояндаро хостан.
8. Гиристан бо овози баланд.

**Чор чиз монеи мақсад бошад:**

1. Меҳри сарват.
2. Меҳри оила.
3. Тақлиди дигарон.
4. Якравию гарданкашӣ.

**Чор чиз касро ба мақом расонад:**

1. Сухани нек.
2. Амалҳои нек.
3. Хулқи нек.
4. Маърифат.

**Чор чизи дигар ҳам барои расидан ба мақом кӯмак кунад:**

1. Зӯҳд кардан.
2. Кам хӯрдан.
3. Кам хобидан.
4. Кам гуфтан.

**Чор мақоми тариқат:**

1. Тавба аз гуноҳ.
2. Тарс аз хавф.
3. Ҷиҳод бо нафс.
4. Сабру тоқат.

**Рукнҳои Нутфа (тухма), аз як ҷавҳару чор унсур ва ин чор бо чор унсури табиат пайваста:**

1. Савдо, ки маркази ҷавҳар аст, сарду хушк буда, мичозаш ба миҷози хок монанд аст, ҷои хокро ишғол кунад.

2. Балғам аз савдо боло ҷойгир дошта, сарду тар аст, миҷозаш аз об буда, ҷойи обро ишғол кунад.

3. Хун аз балғам боло ҷой дошта, гарму ва тар аст, миҷозаш аз ҳаво буда, ҷойи ҳаворо ишғол кунад.

4. Сафро аз хун боло ҷой дошта, гарму хушк аст, миҷозаш аз оташ буда, ҷойи оташро ишғол кунад.

**Чор равияи тасаввуф:**

1.Тасаввуфи зоҳидона.
2.Тасаввуфи орифона.
3.Тасаввуфи риндона.
4.Тасаввуфи ошиқона.

**Чор мавти (марги) аҳли тариқат:**

1. Мавти абяз- гуруснагӣ.
2. Мавти асвад- сабр кардан аз номуси мардум.
3. Мавти аҳмар- амал бар хилофи нафси хеш.
4. Мавти азҳар- пӯшидани либоси оддӣ.

**Фақр андар тасаввуф 4 мақом дорад:**

1. Хизмати пир.
2. Иззати устод.
3. Тарки нафс.
4. Тасм шудан ба Парвардигор.

**Чор рукни шогирд будан:**

1. Мардонаву бофутувват қадам мондан.
2. Хидмати содиқона.
3. Якии забону дил.
4. Амал аз рӯи насиҳати устод.

**Чор навъи хирқаи мурид:**

1. Хирқаи мӯина.
2. Хирқаи пахтагин.
3. Хирқаи палосин.
4. Хирқаи пӯстин.

**Чор сифати хирқапӯш:**

1. Бастани дари нафс.
2. Покии қалб.
3. Ҳаёти камтарона.
4. Тарки роҳату ғам.

**Хирқапӯшро 4 одоб бояд:**

1. Покии зоҳиру ботин.
2. Донистани қавоиди чархзанӣ.
3. Озода доштани хирқа.
4. Эҳтиёту истифодаи хирқа то фарсудагӣ.

**4 кунҷи хирқа 4 аломатро ифода кунад:**

1. Кунҷи якум- ишора ба ризо.
2. Кунҷи дуввум- ишора ба фано.
3. Кунҷи саввум- ишора ба сафо.
4. Кунҷи чорум- ишора ба вафост.

**Хирқа дар навишти арабӣ аз чор ҳарф иборат аст: خرقه**

1. Х –хайрхоҳ бошад хирқапӯш.
2. Р – роҳатрасон бошад хирқапӯш.
3. Қ – қаҳри хирқапӯш нафсро далолат кунад.
4. Ҳ – («Ҳ»-и ҳавваз дар охири вожа ифодаи садоноки «а» аст), ростӣ, тавфиқ, таҳқиқи хирқапӯшро талаб кунад.

**Чор унсури бадани инсон:**

1. Хун – рангаш сурх, миҷозаш гарм.
5. Сафро – рангаш зард, миҷозаш сард.
2. Савдо – рангаш сиёҳ, миҷозаш гарм.
1. Балғам–рангаш сафед, миҷозаш сард.

**Миҷоз чор хел аст:**

1.Миҷози Сард.
2.МиҷозиТар.
3.Миҷози Гарм.
4. МиҷозиХушк.

**Миҷози омехта хам чор хел навъ аст:**

1. Миҷози Сарду тар.
2. Миҷози Сарду хушк.
3. Миҷози Гарму тар.
4. Миҷози Гарму хушк.

**Тарки чор одати бад мӯҷиби хушбахтӣ гардад:**

1. Ғурурро барҳам занӣ - шавӣ хуррам.
2. Азобро барҳам занӣ -раҳоӣ ёбӣ аз алам.
3. Ҳавасро барҳам занӣ - бадавлат гардӣ.
4. Нафсро барҳам занӣ - шавӣ хушбахти олам.

**Чашмро аз дидани 4 чиз нигаҳ бояд дошт:**

1. Надидани чизҳои номаҳрам.
2. Суратҳои шаҳватангез.
В. Айби дигарон.
Г. Назари ҳақорат ба амали дигарон.

**Чашмро ба дидани 4 чиз бояд кушод:**

1. Гузоштани қадам.
Б. Наззораи осмону замин.
В. Ба амали поку ибратомӯз.
Г. Дидори дӯст.

**4 чиз аст, ки 4 чизи дигарро пеш орад:**

1. Лучоҷ - расвоиро.
2. Кибр - душманиро.
3. Коҳилӣ- хориро.
4. Хашм- пушаймониро.

**Чор одоби пойафзол пӯшидан:**

1. Вақти пӯшидан аввал пойи рост.
2. Вақти кашидан аз пойи чап.
3. Миқдорашро наафзудан.
4. Вақти кашидан дар ҷойи мувофиқ гузошатан.

**Чор қоидаи ангуштарин андохтан:**

1. Ангуштарин аз оҳан набошад.
2. Ангуштарин аз нуқра бошад ва вазнаш аз як мисқол зиёд набошад.
3. Чашмаки ангуштарин бояд аз санги Ақиқ бошад, ки баракатовар аст.
4. Ангуштаринро ба ангушти беноми дасти рост бояд кард.

**Чор шарти ҳаммолӣ (боркашонӣ) аст:**

1. Назди Худо боркашон бори охиратро сабук дорад.

2. Каси боркашон оҳиста роҳ равад, то налағжад.
3. Хиёнат ба бори амонат накунад.
4. Баъди борро ба манзил расонидан ҳаққашро ситонад.

## Чоргониҳо дар олами Маърифат

**Тибқи фармудаҳои пайғамбарамон чор тоифа одамон бидуни ба ҷаннат раванд:**

1. Одамони аз моли ҳалол садақа дода.
2. Олимони ба илмашон амал карда.
3. Дар роҳи Худо ҷонашонро фидо карда.
4. Аз моли ҳалол сафари Ҳаҷ карда бошанд.

**Хирадманде дӯстро ба 4 чиз шабоҳат дода:**

1.Дӯст амсоли ғизо аст, ки ҳамарӯз бар ба вай эҳтиёҷ бошад.
2. Дӯст мисли доруст, лек ҳамеша дастрас нест.
3. Дӯстӣ мисли маризист, ки ҳарчанд аз вай гурезӣ, лек ба пу пайвандад.
4. Дӯст мисли ҳаво аст, одамон ҳарчанд ӯро набинанд ҳам, лек ӯ ҳамеша бо онҳост.

**Аҳли адабро чор чиз илҳом бахшад:**

1. Софию беғуборӣ.
2. Зебоӣ.
2. Камолот.
2. Ҳақиқат.

**Чор фазилати марди накӯ:**

1.Соҳибиимонӣ.
2.Соҳибинамозӣ.
3.Соҳибиилмӣ.
4.Саховатмандӣ.

**Шақоватро аломат (бадбахтӣ) чор аст:**

1. Ҷоҳилии одамон.
2. Коҳилии танбалон.
3. Бекасии инсон.
4. Нокасии касон.

**Қабр ба майит мегуфтааст:**

1. Ман макони кирмҳостам.
2. Ман манзили танҳоиям.
3. Ман ошёни зулматам.
4. Ман хонаи ғурбатам.

**Ба чор чизи арӯсшаванда эътибор диҳанд:**

1. Аз оилаи ғанӣ бошад.
2. Номаш зебо   бошад.
3. Ҳусни расо бошад.
4. Диндор  бошад.

**Ашъори шуаро дар 4 мавзӯъст:**

1. Худшиносӣ.
2. Иҷтимоӣ.
3. Ирфонӣ.
4. Ишқӣ.

**Чор нишони саодатмандӣ:**

1. Дар ҳама кор рост будан.
2. Дар ҳама ҳолат адабро нигаҳ доштан.
3. Ҳамеша  хушмоуомила будан.
4. Ҳеҷ гоҳ ба амонат хиёнат накардан.

**Чор чиз одамро ба чор чизи дигар расонад:**

1. Сукут  ба саломатӣ.
2. Некӣ ба хотирҷамъӣ.
3. Саховатмандӣ ба обрӯву ва соҳибэътиборӣ.
4. Шукр ба неъмат ба  баракоти рӯзгор.

**Чор амал касро  пушаймон кунад:**

1. Амали носазо.
2. Накӯӣ ба нокасон.
3. Бадӣ ба некон.
4. Шитобандагӣ.

**Чор чиз подшоҳиро бақо дорад:**

1.Риояти мазҳабу дин.

2. Визири амину ботамкин.
3. Муҳофизати дин.
4. Азму ҷазми нек.

**Чор чизро бе чор чиз накардан:**

1. Подшоҳӣ  бе одамон.
2. Сӯҳбат бо душманон.
3. Ҳалок натавон кард илло бе дӯст.
4. Соҳибӣ ба сабри ҷамил.

**Чор чизро аз чор чиз чора нест:**

1. Подшоҳиро бе сиёсат.
2. Вазирро аз амонат.
3. Раиятро аз риоят.
4. Лашкарро аз тарбият.

**Чор чизро ба чор чиз эҳтиёҷ бошад:**

1.Подшоҳро ба вазири одил.
2. Далеронро ба силоҳ.
3. Илмро ба амал.
4. Ваъдаро ба вафо.

**Амали ин чор чиз шарт бошад:**

1. Ба даст овардани дӯсти доно.
2. Накӯӣ ба бародарон.
3. Кӯшидан дар ободонӣ.
4. Бахшидан бар халқи Худо бахшидан.

**Чор чизро ҳама халқ накӯ донад:**

1. Адолат ва ростӣ.
2. Ақл ва хирад.
3. Сабр ва сукут.
4. Шарм ва ҳаё.

**Чор чиз дар ҳама халқ бад  бошад:**

1. Буғз ва ҳасад.
2. Хашму ғазаб.
3. Нахват, манманӣ.
4. Касолат ва разилӣ.

**Чор чиз фанои салтанат бошад:**

1. Ғафлати амирон.
2. Хиёнати дабирон.
3. Густохии ҳақирон.
4. Ҳасади нозирон.

**Ба чор кас  мадоро мебояд:**

1. Ба султони ситамкор.
2. Ба тоифаи ҳушёр.
3. Ба мардуми бемор.
4. Ба ёри накӯкор.

**Чор чизро мӯъҷиби накӯбахтӣ донанд:**

1. Асли пок.
2. Қалби соф.
3. Покройӣ.
4. Мустақилӣ.

**Чор чиз мӯъҷиби ҷамъият аст:**

1. Амният.
2. Неъмат.
3. Маърифат.
4. Истиқомат.

**Чор чиз боиси давлат аст:**

1. Фарзонагӣ.
2. Донистани аҳком.
3. Писандида будан.
4. Имоми баргузида гаштан.

**Чор чиз ба ҳама шарт аст:**

1. Итоаткорӣ.
2. Насиҳатгарӣ.
3. Бошафқатӣ.
4. Амонатдорӣ.

**Чор чиз мӯъҷиби шодмонист:**

1. Саховати султон.
2. Дуои зоҳидон.
3. Сӯҳбати бузургони дин.
4. Доштани дӯстон.

**Аз чор чиз мағрур набояд буд:**

1.Аз наздикӣ ба султон.
2. Аз зӯҳди шабзиндадорон.
3. Аз банди ҳосидон.
4. Аз дӯстӣ бо занон.

**Чор чиз боиси равнақ гардад:**

1. Пайвастан бо бузургон.
2. Шунидани панди дӯстон.
3. Тафаккур дар достон.
4. Хидмати пирон.

**Чор чиз нишони аблаҳӣ бошад:**

1. Уҷбу такаббур.
2. Айбҷӯӣ.
3. Бахилӣ.
4. Умедворӣ  аз сифлагон.

**Чор чиз нишони саодат бошад:**

1. Қавли рост.
2. Аҳди дуруст.
3. Тавозеӯ дар ҳама ҳол.
4. Саъй дар касби ҳалол.

**Ба чор чиз чори дигар бояд кард:**

1. Аҷаб аз такаббур.
2. Ғазаб аз  бахил.
3. Амсоқ аз шитоб.
4. Таъҷил дар корҳо.

**Чор чиз мӯъҷиби ҳалокат аст:**

1. Хубсу ғайбат.

2. Такаббур ва нахват.
3. Ҳасад ва ҳамоқат.
4. Тамаъ ва шаҳват.

**Чор чиз мӯъҷиби тараққӣ бошад:**

1.Тарки ҳою ҳавас.
2. Лутфу мадоро.
3. Таҳаммул  дар қазо.
4. Шукр дар ато.

**Чор чиз тағйирнопазир аст:**

1. Гардонидани қазо.
2. Ботил кардани ҳақ.
3. Накӯӣ кардан ба Худо.
4. Хушнуд кардани халқи Худо.

**Чор чизро хурд набояд донист:**

1.Душманро.
2. Оташро.
3. Селро.
4. Бемориро.

**Чор чиз маҳол аст:**

1.Зулми амир.
2. Хиёнати дабир.
3. Ғафлати вазир.
4. Ситам бар ҳақир.

**Чор чиз бақо надорад.**

1.Ҳокими золим.
2. Вазири бехабар.
3.Моли ҳаром.
4. Гардиши имом.

**Чор чиз бо чор чиз тамом шавад:**

1. Дониш бо ақл.
2. Тоат бо раъй.
3. Амал  бо садақа.
4. Неъмат бо шукр.

**Чор чиз оқибати чор чиз аст:**

1. Оқибати хашм пушаймонист.
2. Оқибати луҷоҷ (масхара) расвоист.
3. Оқибати бекӯӣ душманист.
4. Оқибати коҳилӣ расвоист.

**Чор чиз одамро заиф кунад:**

1. Душмани бешумор.
2. Қарзи бисёр.
3. Касрати асл.
4. Хаёли маҳол.

**Чор чиз чор чизи дигар оварад:**

1. Хомӯшӣ фароғатро.
2. Фузулӣ малолатро.
3. Саховат меҳтариро.
4. Шукр афзуниро.

**Чор чиз чор чизи дигар барад:**

1. Шаҳват қувватро.
2. Басолат давлатро.
3. Сипоҳӣ неъматро.
4. Такаббур мурувватро.

**Чор чизро барнагарданда бошад:**

1. Сухани гуфта.
2. Тири андохта.
3. Қазои рафта.
4. Умри гузашта.

**Чор чизро чор чиз лозим ояд:**

1. Саволи бемаврид хорӣ орад.
2. Нашунидан пушаймонӣ дорад.
3. Ҳазл кардан сабуксорӣ бошад.
4. Густохӣ ба шоҳ ҳалокӣ оварад.

**Чор чиз далели нодонист:**

1. Далерӣ ба ноозмудагон.
2. Чашмдори аз занон.
3. Сӯҳбат бо кӯдакон.
4. Эътимоб бар аблаҳон.

**Чор чиз нуқсони умр гардад:**

1. Ба пирӣ муҷоимати бисёр.
2. Ҳузур зиёд дар гармоба.
3. Бисёр қасам хӯрдан.
4. Афзунии сӯҳбат бо занон.

**Касро чор хислати бад  аз чор хислати нек маҳрум гардонад:**

1. Дурӯғгӯйро аз мурувват.
2. Бахилро аз садоқат.
3. Ҳасудро аз  роҳат.
4. Бадхӯро аз меҳтарӣ.

**Чор чиз мояи саодат бошад:**

1. Фармон бурдан Ҳақ таъолоро.
2. Итоати пайғомбар (с.а.в.) ва асҳоби арҷмандро.
3. Хушнуд доштани падару модар.
4. Розӣ доштани уламо ва шафқат бар халқи Аллоҳ.

**Зиндаҳо аз мурдаҳо чор қарз доранд:**

1. Дар ҷанозаи онҳо ҳозир шудан.
2. Қарзи заминии онҳоро пардохтан.
3. Васияти солеҳи онҳоро ба ҷой овардан.
4. Мероси онҳоро  тақсими дуруст кардан.

**Илми одамон аз чор чиз шинохта шавад:**

1. Аз худошиносӣ.
2. Аз худшиносӣ.
3. Аз муддаои Офариниш.
4. Донистани амалҳои ғайридинӣ.

**Имонро чор рукн бошад:**

1. Таваккал ба Худо.

2. Эътимод ба тақдир.
3. Таслимӣ ба амри Худо.
4. Донистани ҳама чиз аз хости Худо.

**Чор чиз ба амали инсон ёрӣ диҳад:**

1. Саломатӣ.
2. Бойигарӣ.
3. Илму маърифат.
4. Тавфиқ.

**Чор омили саодатмандӣ:**

1. Росткориву ҳалолӣ дар ҳама кор.
2. Риояти одобу ахлоқ.
3. Хушмуомилотӣ.
4. Амонатдорӣ.

**Хушбахтӣ аз чор чиз сарчашма гирад:**

1. Аз вуҷуди падару модар.
2. Аз фарзандони солим.
3. Аз ҳастии дӯстдошта
4. Аз арзи дӯстони содиқ.

**Луқмони Ҳаким фамуда, ки агар қалби мурдагон зинда гардондан хостӣ, пас чор амалро ба ҷой овар:**

1. Ҳамнишини бенавоёну фақирон бош.
2. Дур аз сӯҳбати дунёпарастонрбош.
3. Ҳамдарду мададгори бечорагон бош.
4. Ба зердастон муомилаи хуб кун.

**Одоби кӯча баромадан ба 4 аст:**

1.Аз остонаи дар бо пойи рост қадам мондан.
2. Лафзи бисмиллаҳро ба даҳон гирифтан.
3. Аз тарафи рости кӯча гаштан.
4. Мақсадеро дар назар доштан.

**Чор нишони рафтор гуфтор:**

1.Хамӯшӣ – каси камхирадро беҳтар аст дар маъракаҳо хомӯш бошад.
2. Сомеъӣ – шунаванда бошад ва барои худ чизе нав гирад.
3. Аъмолу алфоз – мувофиқи дониши худ амал кунад, сухан гӯяд

4. Омӯзандагӣ – донишашро ба дигарон ҳам андӯзад.

**Дар рӯзи қиёмат 4 чиз пурсида шавад:**

1. Шуғли майит.
2. Илму амали майит.
3. Роҳи дарёфту харҷи давлату сарват.
4. Сарфи қуввати ҷисму рӯҳ.

**Чор чиз наҷоти ин дунёву охирати кас бошад:**

1. Ҳаё – орият ва нангу номус.
2. Сидқ – вафо ва садоқат.
3. Хулқи ҳамида – фарзонагӣ.
4. Шукр – ба неъматҳои  Парвардигор.

## Хулосаи боби чориҳо

Боби чоргониҳо боби  калонтарини ин китоб буда, қариб, ки дар ҳамаи мавзӯъҳо ва паҳлӯҳои ҳаёту одаму одамгарӣ, хислату сифатҳои неку бади моинсонҳо гуфтаҳо мавҷудият доранд.  Дар ҳама соҳоти чӣ диниву чӣ дунявӣ мавзӯоте нест, ки дар он мисоли чорбандиҳо дида нашаванд. Чунин мешуморанд, ки  одамоне, ки зери рақами 4 ба дунё омадаанд, инсонҳои боэътимод, поквиҷдон буда, дар соҳаҳои гуногуни илм ҳамто надоранд.

Сайёраи нигаҳдорандаи онҳо Уран буда, онҳо табиати якравӣ доранд, аксарияташон худхоҳ буда,  хислатҳои ба худ хосро доро будаанд. Дар мисолҳои дар боло оварда шуда, ана ҳамин мавзӯъҳою ҷиҳатҳои одамон тасдиқи худро ёфтаанд.  Ҳар яки чоргониҳо панди рӯзгору ҳақиқати зиндагии талху ширини ин дунёву он дунёст. Дар баробари донистани хислату  сифату амали нек, ҳамзамон дарку парҳез аз хислату сифату амали бад касро ба содати ин дунёву он дунё наздик мекунад. Дар  ағлаби чоргониҳо ғояи расидан ба Инсони комил эҳсос мегардад ва барои ҷомеаи имрӯзу фардо ва охирати кас ин ғояҳо кӯмаки моддиву маънавӣ  доранд. Ва  касе, ки аз сирри чоргонаҳои ин китоб ба худ огоҳие гирад, тарки як хислат, як сифат ва як амалӣ бад кунад, натиҷаи заҳмати мо барабас нахоҳад буд.

# Олами 5 гониҳо

*Дар олами ҷон баҳӯш мебояд буд,*
*Дар кори ҷаҳон хамӯш мебояд буд.*
*То чашму забон ва гӯш барҷо бошад,*
*Бе чашму забону гӯш мебояд буд.*
***Хайём.***

## Башоратномаи олами рақами панҷиҳо

Ситораи олами панҷиҳо Уторид, Тир, Дабири фалак, (Меркурий) маҳсуб мегардад. Касоне,ки зери ситораи Уторид таваллуд шудаанд, соҳибони ақли расо буда, аз зумраи ташаббускоронанд. Онҳо рӯҳан озод буда, дар иҷрои аксар кор мустақиланду меҳнативу саёҳатдӯст, Ба навгониҳо таваҷҷуҳе беш доранд ва худ низ дар ҳаёт навоваронанд, дигаргуниву ранорангиро дӯст доранд, аз ин боис дар манзили хеш ҳам тез-тез навсозиҳо кунанд. Онҳо душмани парокандагӣ ва бетартибиҳо бошанд. Дар қабули қарорҳо оҷиланд ва ва баҳри зудӣ анҷом додани амалашон камари ҳиммат банданд. Онҳо илмдӯстанду танқидро ҳам мепазиранд ва бисёр мешавад, ки дӯстонро низ зери тозиёнаи танқид қарор медиҳанд бо эҳтиётона ва ҳурмату эҳтироми хосса. Ҳангоми зарурат дасти ёрӣ ба дӯстон дароз кунанд. Бо атрофиён зуд унси тамом гиранд, риштаи дӯстӣ пайванданд, аммо дар анҷоми корҳои хоҷагидорӣ саҳлангорӣ зоҳир кунанд.

Ҷиҳатҳои хуби одамоне, ки таҳти рақами панҷ таваллуд шудаанд, пеш аз ҳама аз он иборат буда, ки онҳо инсонҳои аҳли мантиқ будаанд ва ҳама чизро дар тарозуи ақли худ санҷида, қобили қабул ва ё номақбул донанд. Ҳисси дарки маънӣ дар ин қабили ашхос хеле густариш ёфта, озодфикриро хуб пазиранд ва худ низ озодихоҳанду ҳамеша бо афкору андешаи озод зистанро мояи ифтихор ва шодии худ пиндоранд. Амалҳои тадқиқотӣ, дар ҳама кор дақиққориву кунҷковӣ ҳам аз феълу табиати онҳо сарчашма мегирад. Дар тиннаташон эҷодкориву ҷаҳонбинии васеъ доман густурдааст ва бад-ин сабаб ҳам дар табиати рӯҳии онҳо завқи зобоишиносиву зебопарстӣ боло рафта, ба санъату маданияти миллии халқи худ эҳтиром гузоранду ба санъату маданияти дигар халқу миллатҳо ҳам ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир кунанд. Онҳо дар ҷомеа ба қадри обрӯю эътибори худу дигаронро бирасанд, дар олами сиёсату идораи ҷамъият ҳам аз сиёсатмадорони хуб маҳсуб ёбанд, мақсади ба сари ҳокимият баромаданро ҳам бар пеш гузоранд. Аз сиёсати дохилаи муҳити худ ва хориҷи он ҳамеша огоҳ бошанд, инсонпарваранду ғояи инсондӯстиву инсонпарвариро тарғиб кунанд. Панҷ узви ҳиссии табиӣ дар онҳо хеле фаъол буда.

Ҷиҳатҳои манфии одамоне, ки таҳти рақами панҷ таваллуд шудаанд, пеш аз ҳама дар он аён гардад, ки онҳо инсонҳои доимӣ (дар афкору амалҳои худ чандон устувор) набошанд. Ба онҳо ҳама вақт эътимод кардан нашояд. Дар табиаташон бадрашкӣ, ҳасадбарӣ, кинаварзӣ зуҳур кунад. Баъзан дар

амалҳояшон ба бемасъулиятӣ, бенизомӣ, берабтӣ намоён гардад. Байни инсонҳо хислатҳои шӯрангезандагӣ ҳам доранду аз он завқ гиранд.

## Рамзҳои рақми 5

Сайёраи раҳнамои рақами 5 – Уторид, Тир маҳсуб ёбад.
Рамзи рақами 5 – Таваккал кардан аст.
Бурҷи осмонии рақами 5 – Далв бошад.
Маъдани тааллуқи рақами 5 – Симобро донанд.
Рӯзи босамари рақами5 – Чоршанбе будааст.
Сангҳои арзишманди рақами 5–Аквамарин, Яшма бошад.
Рӯзҳои муносиб тарин ба зодагони рақами5 – 5, 7, 2 будааст.
Ранги дӯстдоштаи рақами 5 –бештар рангҳои шафтолумонандбошаду зард ва зардрангаҳо.

**Ифодаҳои рақами панҷ дар табиат:**

Панҷ-рақами миқдорӣ.
Панҷум-рақами тартибӣ.
Панҷяк-рақами касрӣ.
Панҷсаду панҷоҳу панҷ-рақами таркибӣ.
Панҷагир зӯрозмоӣ.
Панҷпо-харчанг, саратон.
Панҷҳазорӣ-мансабдори ҳарбӣ.
Панҷа- ангуштони дасту пой.
Панҷгӯша-панҷ кунҷ.
Панҷшоха-олоти корӣ.
Панҷшанбе-номи рӯз.
Панҷшанбе-номи мавзеъ дар шаҳри Хуҷанд.
Панҷара- номи як намуд девор.
Панҷоб – номи шаҳр дар Ҳиндустон.
Панҷобӣ- шахсоне, ки дар Панҷоб зиндагӣ доранд.
Панҷшер-номи шаҳрак дар Афғонистон.
Панҷшерӣ-лақаби Аҳмади Масъуди Панҷшерӣ..
Панҷ оят бошад сураи **Қадр**.
Панҷ оят бошад сураи **Фил**.
Панҷ оят бошад сураи **Масад**.
Паҷ оят бошад сураи **Фалақ**.
Панҷ оят бошад сураи **Моида**.

## Панҷгониҳо дар фазои Шариат

**Панҷ сутуни дини Ислом:**

1. Калимаи шаҳодатро бо забон гуфта, бо дил тасдиқ намудан.
2. Панҷ вақт намоз хондан.
3. Закоти мол додан, агар молашон ба нисоб расида бошад.
4. Дар давоми умр як бор Ҳаҷ кардан, агар чунин имкон дошта бошад.
5. Як моҳ рӯза доштан.

**Панҷ аломати нишонаҳои Қиёмат:**

**1.** Костагии илм.
2. Афзудани ҷаҳолат.
3. Авҷгирии зино.
4. Зиёдшавии занҳо.
5. Кам шудани мардҳо.

**Панҷ илми ғайб, ки фақат хоси Худост:**

1. Кай шудани қиёмат.
2. Кай ва дар куҷо сар задани офат.
3. Ҳадяи фарзанд ба одам.
4. Амалу ҳаркати ояндаи касон.
5. Кай ва дар куҷо мурдани инсон.

**Панҷ равияи фаҳмиши зотӣ ва сифатии Аллоҳ:**

1. Равиши дарки Ҷаҳимиҳо.
2. Равиши дарки Мӯтаъзилиҳо.
3. Равиши дарки Мушаббиҳо.
4. Равиши дарки Сифатиҳо.
5. Равиши дарки Сӯфиён.

**Панҷ тоифаи фариштагон дар Қуръони Карим зикр ёфта:**

1. Ҷабраил алайҳиссалом, Рӯҳуламин, Рӯҳулқудс.
2. Фариштаҳое, ки Арши илоҳиро бардошта истанд.
3. Фариштаҳое, ҷаннатро нигаҳбонӣ кунанд.
4. Фариштаҳое, ки Дузахро нигаҳбон бошанд.
5. Фариштаҳои ҷонситон.

**Панҷ иттилоъ оиди ҷин:**

1. Ҷинҳо инсонро бинад, инсонҳо Ҷинҳоро набинанд.

2. Ҷинҳо ҳам мукаллафанд, яъне барои амали нек савоб мёбанду барои амали бад гунаҳкор гарданд.

3. Байни Ҷинҳо ҳам тоифаи мусулмон бошад.

4. Ҷинҳо ҳам мисли одамон аз илми ғайб огоҳ набошанд.

5. Ҷинҳои осӣ ва кофирро шайтон гӯянд.

**Панҷ хилофати халифагии ислом дар асри Х111:**

1. Хулафои Рошидин (632-661).
2. Халифати Уммавии Шом (660-750).
3. Халифати Аббосиёни Ироқ (750-1258).
4. Халифати Аббосиёни Миср (1261-1517).
5. Халифати Усмониёни турк (1517-1924).

**Панҷ имтиёзи Муҳаммад алайҳиссалом, ки Парвардигор ба дигар пайғомбарон надодааст:**

1. Тарс додани душманон ба андозаи роҳи якмоҳа.
2. Тамоми рӯи замин саҷдагоҳи ӯст.
3. ҲалолииуУлҷаи аз ҷанг афтода.
4. Пайғомбарони қаблӣ пайгамбари қавмҳои худ буданд, аммо Муҳаммад алайҳиссалом ба тамоми аҳли дунё пайғамбар бошад.
5. Байни пайғомбарон фақат ӯ имкони шафоат кардан дорад.

**Панҷ ҳаққи мусулмон бар мусулмон:**

1. Ба салом ҷавоб гардонодан.
2. Зимни битарӣ аёдат кардан.
3. Ширкат дар ҷаноза.
4. Рафтан ба ҷойи даъватшуда.
5. Ба атса ҷавоби «ярҳамакуллоҳ» додан.

**Панҷ чизе, ки Парвардигор фақат ба умматони Муҳаммад алайҳиссалом додааст:**

1.Чун бӯи мушк гардондани бӯи даҳони одами рӯзадор.
2. Мағфирати бандаҳои имоноварда тавассути фариштагон.
3. Дар моҳи шарифи Рамазон хасолӣ аз шарри шайтон.
4. Воридшавии бандаҳои солеҳ ба биҳишт.
5. Авфи гуноҳи бандагон шаби охирини Рамазон..

**Панҷ кафолати пайғамбар дар баробари панҷ кафолати умматонаш барои даромадан ба ҷаннат:**

1. Хиёнат танкардан ҳангоми тақсими мерос.

2. Инсофдорӣ (он чизе барои худ ноинсофӣ донад, барои дигарон низ чунин шуморад).

3. Дар ҷанг тарсӯ набошад, мубориз  бошад.

4. Ба ӯлҷаи (ғанимати) афтода хиёнат накунанд.

5. Аз золимон ҳаққи мазлумонро рӯёнад.

**Панҷ қисми имон:**

1. Имони матбӯъ-имони фариштагон.
2. Имони маснӯъ-имони пайғомбарон.
3. Имони мақбул- имони мӯъминон.
4. Имони мавқуф-имони аҳли бидъат.
5. Имони мардуд.-имони мунофиқон.

**Панҷ вақти намоз:**

1. Бомдод- аз субҳи содиқ то баромадани офтоб.
2. Пешин- аз вақти гашти қиём то сояи ҳар чизе ба миқдори ду баробар.
3. Аср- аз вақти гузаштани пешин то фурӯъ рафтани офтоб.
4. Шом- аз фурӯъ рафтани офтоб то гум шудани шафақ.
5. Хуфтан ва витри воҷиб, аз гум шудани шафақ то субҳи содиқ.

**Қибла дар асл панҷ аст:**

1. Қиблаи Арш аз нур аст ва он қиблаи ҳомилон бошад.
2. Қиблаи  Курсӣ, ки аз забарҷад асту аз каррубиён бошад.
3. Байтулмаъмур, ки аз зумуррад асту аз фариштагон бошад.
4. Байтулмуқаддас, ки аз ёқути сурх асту ӯ қиблаи пайғомбарон бошад.
5. Байтуллоҳ, яъне, ки хонаи Каъбатуллоҳ , ки қиблаи мӯъминон бошад.

**Панҷ ҳолати ғусл, ки фарз бошад:**

1. Ҳангоми ҷамъ шудани зану шӯй, агарчанде, ки оби шавҳат наояд ҳам, ғусл фарз гардад.
2. Оби шавҳат бошиддат ва тез барояд ҳам, ғусл фарз мегардад.
3. Занҳое, ки аз ҳайз мебароянд, барои онҳо ҳам ғусл фарз мегардад.
4. Марди хобкарда аз хоб иҳтилом  шуда хезад ҳам, ғусл фарз мегардад.
5. Занҳои аз нифос баромада ҳам бояд ғусл кунанд.

**Панҷ суннат дар Саҷда бошад:**

1. Гуфтани такбир ҳангоми ба Саҷда рафтан ва баргаштан.

2. Дар Саҷда панҷаҳоро ба замин мондан, ки ангуштон сӯи қибла нигарон бошанд.

3. Ҳангоми Саҷда кардан оринҷҳо ба замин нарасад, шикам ҳам бояд болотар бошад.

4. Дар Саҷда ба миқдори на кам аз се маротиба гуфтани «Субҳона роббиял аъло» гуфтан.

5. Ҷалса, яъне мобайни ду Саҷда каме таваққуф кардан.

**Панҷ гуноҳ заволи неъмат гардад:**

1. Зулм кардан бар одамон.
2. Тарки одатҳои хуб.
3. Тарки амалҳои нек.
4. Куфр овардан дар неъмат.
5. Ба додаи Худо ношукрӣ кардан.

**Панҷ хислате, ки Парвардигор бандаҳошро ба он даъват карда:**

1.Зулм пазиру зулм макун.
2. Бар хиёнат  хиёнат макун.
3. Агар масхараат карданд, ту касеро масхара макун.
4. Агар таъриф кунанд, хурсанд машав.
5. Агар танбеҳ диҳанд, ғамгин машав.

**Панҷ ҳисси берунии инсон:**

1. Ҳиссиёти биноӣ.
2. Ҳиссиёти шунавоӣ.
3. Ҳиссиёти таъмгирӣ.
4. Ҳиссиёти бӯйфаҳмӣ.
5. Ҳиссиёти баданӣ.

**Панҷ ҳисси дохилии инсон:**

1. Ақли солим (фаҳм).
2. Ҳисси тасаввур.
3. Ҳисси Тахайюл.
4. Қувваи ҳофиза.
5. Қувваи қиёскунӣ.

**Панҷ чизи дӯстдоштанӣ панҷ чизи дигарро ба фаромӯшӣ барад:**

1. Дӯст доштани дунё-Охиратро.
2. Молу мулкпарастӣ-рӯзи Ҳисобро.
3. Парастиши инсон- Худоро.
4. Гуноҳкорӣ-тавбаро.
5. Қасрсозӣ- қабрро.

**Панҷ чиз аст, ки аз беҳтарини эҳсонҳо бошад:**

1. Нагуфтани суханҳои ранҷомез нисбати волидайн.
2. Малол наовардан (ҳатто «уфф» нагуфтан) дар ҳама ҳолату вазъият.
3. Муомилоти хуби ҳамешагӣ ва падару модар.
4. Раҳму шафқат ба волидон, камтарӣ дар назди онҳо.
5. Ба номи онҳо аз Парвардигор раҳмат хостан.

**Панҷ қоидаи иштирок дар ҷаноза:**

1. Аз паси тобут рафтан.
2. Агар соҳибқувват бошад, бардоштани тобут.
3. Иштирок дар ҷаноза бе риёкорӣ.
3. Ёрӣ дар гӯронидани майит.
5. Бо некӣ ёд кардани марҳум.

**Камоли маъракадорӣ панҷ бошад:**

1. Покии мақсад.
2. Дурӣ аз ҳасад.
3. Дурӣ ғаразу риё.
4. Дурӣ аз манманиву кибр.
5. Аз аҳли таваккул бошад.

**Панҷ чиз панҷ чизро кам кунад:**

1. Ғам – умрро.
2. Дурӯғ – рисқро.
3. Тавба – гуноҳро.
4. Садақа – балоро.
5. Шароб – савобро.

## Дар шоҳроҳи Тариқат

**Панҷ қисмати илми тасаввуф:**

1. Илми Шариат, Тариқат, Маърифат, Ҳақиқат.
2. Вобаста ба хусусият- илми назар, илми ботин.
3. Вобаста ба соҳибият-, илми қол ва илми ҳол.
4. Вобастаи воқеъият- таъбири хоб, таълими қалб, каромат.
5. Расидагӣ ба илмул-айн, илмуляқин, илми фаросат ва илми ладунӣ.

**Сӯфӣ бояд панҷ ҳол дошта бошад:**

1. Дар зоҳир банда – дар ботин озод.

2. Ӯ бандаи чизе нест – чизе бандаи ӯ нест.
3. Қалбаш -соф, ақлаш -муалло, фазлаш -дарё, қалбаш -муҳаббат бошад.
4. Ботинаш моили тафаккур, дар нигоҳаш хоку тилло баробар.
5. Равона аст аз илмуляқин сӯи Ҳаққуляқин.

**Панҷ маънои асосӣ  Сӯфӣ:**

1. Дар сафи пешистодагон.
2. Ба асҳоби сӯффа маталлиқон.
3. Аз вожаи сафо-сафобахшандагон.
4. Мансуб ба вожаи  суфӯҳ буда, хулосаи чизҳост.
5. Либоси «сӯф», яъне пашминапӯшон.

**Панҷ тоифаи сӯфиён маъмулу машҳур буда:**

1. Сӯфиёни ориф.
2.Сӯфиёни зоҳид.
3.Сӯфиёни ринд.
4.Сӯфиёни фақир.
5.Сӯфиёни файласуф.

**Панҷ маънои шадд (миёнбанди соликӣ):**

1. Ба  мустаҳкамӣ асос гузоштан.
2. Мубориз будан.
3. Давидан.
4. Нерӯмандӣ.
5. Вафо бар қавли худ.

**Маъноҳои луғавӣ ва истилоҳии Шадд ҳам бар панҷ аст:**

1. Устувории марди солик нисбати амали  соликӣ.
2. Муборизаи солики миёнбаста бар нафс.
3. Сӯи манзили мақсуд устуворона қадам задани солики миёнбаста
4. Устувории қалби солики миёнбаста.
5. Хоксории солики миёнбаста.

**Панҷ  одоби соҳиби даст будан дар тасаввуф:**

1. Аз касби ҳалол нон хӯрдан.
2. Шахсан ба касе озор нарасондан.
3. Дасти худро аз чизи ҳаром дур доштан.
4. Ба моли амонат хиёнат накардан.
5. Бо қалам ҳарфи  рост гуфтан.

**Панҷ хислати сӯфӣ нисбати дӯстон:**

1. Ақлу дониши расо.
2. Аз аҳли қаноатмандон.
3. Аз зумраи соҳибаҳдон.
4. Накӯхӯву накӯхислат.
5. Некандешу накӯният бошад.

**Панҷ одоби сӯфӣ нисбати дӯстон:**

1. Ҳар лаҳза дӯсту дӯстиро афзояд.
2. Ёвари дӯст  бо забону дар амал бошад.
3. Панду ҳикмати хеш   дареғ надорад.
4. Аз аҳволи дӯст доимо огоҳ бошад.
5. Агар аз дӯст баде бинад, бигзарад бекоҳишу маломате.

**Панҷ одоби маддоҳӣ (талабандагӣ):**

1. Тақводор бошад.
2. Бе таҳорат нагардад.
3. Маддоҳи баҳри кинаву  ғараз накунад.
4. Ба ҷамъи моли дунё машғул набошад.
5. Меъёри мадҳро нигаҳ дорад.

**Дар олами Маърифат**

**Панҷ одоби либоспӯшӣ:**

1. Оғози либоспӯшӣ  аз дасти рост бошад.
2. Кашидани либос  аз дасти чап бошад.
3. Салла бояд  нишаста печонда шавад.
4. Поҷомаро (шимро) нишаста пӯшанд.
5. Либосро озода нигоҳ доранд.

**Идҳо панҷ навъ бошанд:**

1. Идҳои динӣ; Рамазон, Қурбон.
2. Идҳои мазҳабӣ; мавлуди Набӣ, иди Масеҳ ва ғайраҳо.
3. Идҳои касбӣ; рӯзи муаллимон, рӯзи шифокорон ва ғайраҳо...
4. Идҳои миллӣ; иди Истиқлол, иди Сарқонун.
5. Идҳои ҷаҳонӣ; иди Соли нав, Наврӯз ва ғайраҳо.

**Панҷ чизро бояд  ғанимат донед:**

**1.** Пеш аз мурдан -зиндагониро.

2. Пеш аз беморӣ-саломатиро.
3. Пеш аз банд шудан- вақти холигиро.
4. Пеш аз пир шудан- ҷавониро.
5. Пеш аз бенавоӣ- сарватро.

**Тарки ин панҷ одат мебояд кард:**

1. Кӯшиши беҳуда то писанди дигарон гаштанро.
2. Ба тарзи пешиниён зистанро
3.Тарсиданро.
4. Такаббурро.
5. Худро дар шиканҷа гузоштанро.

## Хулосаи боби рақами панҷгониҳо

Чун дар башоратномаи ин боб таъкид гардид, касоне, ки таҳти рақами 5 чашм ба ин олами ҳастӣ кушодаанд, барояшон сайёраи Уторид, Тир, Дабири фалак, (Меркурий) нисбат ёфта, онҳо соҳибони ақли расо, ташаббускор, рӯҳан озод, мустақил, саёҳатдӯст, меҳнатдӯст, навоваронанд. Ин рақамро ҳамагон дӯст медоранд, чунки як рамзи бобарори кору фаъолият дар зиндагии ҳамагон низ маҳсуб меёбад. Ва яке аз асрори ин рақам, шартан бошад ҳам, чун ифодаи дараҷаи олии иҷрои кору супориш пеши назарҳо ҷилва мекунад. Биноан, натанҳо зодагони таҳти рақами 5, балки ҳамагон дар синни мактабӣ ба баҳои панҷ гирфтан кӯшиш мекунанд ва баъди он низ мехоҳанд дар зиндагӣ ҳамеша кору фаъолияташон панҷ бошад. Сазоворӣ ба ин рақам ҳама касро ба тарки одоту хислоти баду манфии инсонӣ водор карда, дар сифоти зоҳирӣ ва ботинии худ муҷассам намудани ахлоқи неку ҳамидаро тақозо мекунад. Дар олами панҷгониҳо дар шоҳроҳҳои Шариат, Тариқат ва Маърифат канорагирӣ аз панҷгониҳои манфӣ ва пайравӣ ба панҷгониҳои мусбӣ таъкид ёфта, ҳар фармудаи Пайғамбарамон Муҳаммад алайҳиссалом ва дигар бузургони илму дин инсони дирӯзу имрӯзро барои дар ҷомеа хушбахт зистану барои рӯҳан омода шудану захираи тӯшаи охират водор месозад. Зодагони таҳти ин рақам, ки хираддӯсту зиндагисозу боэҳтиёту боэҳтиром маҳсуб ёфта, бо дигарон ба зудӣ унс гирифта, дӯсту қарин гашта, қудрати дасти ёрӣ дароз карданро ба мӯҳтоҷон доранд, пайвандии онҳо бо масоили дар боло овардашуда зуҳури худро доранд ва бо Шариату Тариқату Маърифат инсонҳо метавонанд ба камолоти инсонӣ бирасанд.Барои расидан ба ин қуллаи баланди инсонӣ-комилӣ ба ҳар яки шумо низ тавфиқ мехоҳем.

# Шашгониҳо

***Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,***
***Гарданда фалак бар сари коре будаст.***
***Зинҳор қадам бар хок оҳиста ниҳӣ,***
***К-он мардумаки чашми нигоре будаст.***
***Хайём***

## Башоратномаи олами рақами шашгониҳо

Сайёраи олами шашгониҳо Зӯҳра (Венера) маҳсуб меёбад. Одамоне, ки таҳти рақами шаш таваллуд шудаанд, бештарашон табиатан дӯстдори ишқу муҳаббатанду дар иҷрои амал муваффақ. Аксарияти онҳо ходимони давлатӣ гашта, дар вазифаҳои баландмартаба фаъолияти корӣ мебаранд, ба покизагии ахлоқи худ эътибор ҷиддӣ дода, соҳибони молу мулк ва сарватанд, як қисмашон олимони файласуф мешаванд. Азбаски инсонҳои ситорагарманд, барои расидан ба муваффақиятҳо имкони бештар доранд.

Онҳо ҳама гуна зебоиҳо ва хубиҳои ҳаётро дӯстдоарнд, зебопарастанду ҳисси такаббурашон афзун. Онҳо ҳамеша ҳамдаму ҳамқадами давру замонанд, барои расидан ба мақсади худ, қодиранд ҳама гуна мушкилиҳоро паси сар кунанд. Саёҳатро дӯст доранд, хислати ба зудӣ бо дигарон дӯст шуданро соҳибанд, мунокишаро намеписанданд, сулҳҷӯянд, бо ҳама одамон мулоқоти табъи дил дошта метавонанд. Покизагии ахлоқ барои онҳо аз ҳама чиз болотар аст.

Одамоне, ки таҳти рақами 6 таваллуд шудаанд, ба чунин хислатҳои хуб соҳибанд. Онҳо касони мутеъи дигаронро ҳимоят карда, ба ҳамагон ҳамкорӣ карданро дӯст медоранд. Дар онҳо, ба таомулҳои ҳамдигарфаҳмӣ риоят карда, тез бо дигарон ҳамоҳанг мешаванд. Табиатан инсонҳои беғараз, накӯкор, меҳрубон, соҳиблутфу соҳибдилу соҳибдиду соҳибзавқанд. Аз мардуми эҷодкору ҳунарманд, боэътимод, соҳибҷозиба ва ба аҳди худ вафокунандагонанд.

Ҷиҳатҳои манфии касоне, ки таҳти рақами 6 таваллуд шудаанд аз иборат аст, ки онҳо бешатар худситову худписанданд, худпарастанду худро аз дигарон боло гузоранд. Онҳо хислатҳои якравӣ ва дилгиркунандагӣ доранд, аз аҳли ғуруранду баҳудаву беҳуда сергапиву майдагапӣ мекунанд, танҳоиву дар хилват буданро дӯст дошта, сарфкоронанд. Онҳо одати ба дигарон халалрасонӣ доранд, аз дигарон зуд ранҷида, ҳасадбару бадрашк ва қассоскоронанд.

**Рамзҳои рақами 6**

Сайёраи раҳнамои рақами 6 –Зӯҳра маҳсуб меёбад.
Рамзи рақами 6 – Боэътимодӣ.
Бурҷи осмонии рақами 6 – Зӯҳра, Ноҳид.
Маъдани тааллуқи рақами 6 – Мис.
Рӯзи босамари рақами 6 – Ҷумъа.
Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 6 – Зумуррад, Ақиқ.
Рӯзҳои муносибтарин ба зодагони рақами 6 – 6, 8,3.
Ранги дӯстдоштаи рақами 6 – сабз ва кабуд.

**Ифодаҳои рақами шаш дар ҳаёт:**

Шаш – рақами миқдорӣ.
Шашум – шумораи тартибӣ.
Шашяк – шумораи касрӣ.
Шашсаду шасту шаш – шумораи таркибӣ.
Шашмақом – номи оҳангҳои мусиқии мумтоз.
Шаш тараф – боло, поин, чап, рост, пеш, пас.
Шашдара –қасри шашдара.
Шашдон – тамоми моликияти шахсе.
Шашпанҷзан – қиморбоз.
Шашрӯза – роҳи шашрӯза.
Шашҷиҳата – мансуб ба шаш ҷиҳат.
Шашсарӣ – тиллои холис.

Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” зиёда аз 50 вожаи ба рақами шаш вобаста тафсир ёфта.

**Шашгониҳо дар фазои Шариат**

**Парвардигор оламро дар шаш рӯз офарида:**

1. Рӯзи якум-осмонро.
2. Рӯзи дуюм -моҳ, офтоб ва ситораҳоро.
3. Дар рӯзи сеюм- фариштаҳо ва олами ҳашаротро.
4. Рӯзи чорум- об ва рустаниҳоро.
5. Рӯзи панҷум- ҷаннат, дузах, раҳмат ва азобро.
6. Рӯзи шашум -Одаматоро.

**Парвардигор ин шашро аз биҳишт хориҷ кардааст:**

1. Одам Алайҳиссаломро ба Сарандеб.
2. Момо Ҳавво Алайҳиссаломро ба Ҷидда.
3. Шайтон Алайҳилаънаро ба кӯҳи Салқон.
4. Морро ба Чин.

5. Товусро ба Исфаҳон.
6. Гандумро ба Шом.

**Ин шашро волид набошад:**

1.Одам алайҳиссалом.
2. Момо Ҳавво.
3. Гӯсфанди қурбонӣ кардаи ҳазрати Иброҳим алайҳиссалом.
4. Шутури Солеҳ алайҳиссалом.
5. Ҳазрати Исо алайҳиссалом.
6. Ҳазрати Шиш алайҳиссалом.

**Шаш калимаи динӣ:**

1. Гуфтани калимаи таййиба.
2. Гуфтани калимаи шаҳодат.
3. Гуфтани калимаи тавҳид.
4. Гуфтани калимаи тамҷид.
5. Гуфтани калимаи истиғфор.
6. Гуфтани калимаи радди куфр.

**Шаш ояти шифо**

1. – Ва афшидуро қовми мӯъминина.
2. – Ва шифаул лима фис судур.
3. – Финҳии шифаул линнаси.
4. – Ва нуназзилиу минал Қуръони ма шифааув роҳматул лил мӯъминин.
5. – Ва иззаа маризту фа ҳува яфшийний.
6. – Қул ҳува лилайзина амануу ва ҳудав шифаа.

**Ин 6 асос, моя дар фармони Рӯҳ аст.**

1. Нафс, ки дар аъзоҳои ҳис нуҳуфта.
2. Нафси аммора (нафси шайтонӣ), ки ҳамаи зиддияту нифоқ аз он бархезад.
3. Ақл, ки дар майнаи сари инсон буда, мантиқ ва мувофиққунонӣ аз он бармеояд.
4. Илм, ки барои ҳамаи маълумотҳо масъул аст.
5. Факр, яъне Фано маҳвиятро мехоҳад.
6. Тавҳид-раҳрави роҳи Зот.

**Шаш Пайғомбар соҳиб китоб бошанд:**

1. Шиш алайҳиссалом.

2. Идрис алайҳиссалом.
3. Мӯсо алайҳиссалом.
4. Исо алайҳиссалом.
5. Довуд алайҳиссалом.
6. Муҳаммад алайҳиссалом.

**Дар шаби Барот 6 тоифаи одамон мағфират ёбанд:**

1. Ононе, ки умматони пайғамбар ва мӯъминонро масхара карда бошаду тавба кунанд.
2. Мусалмонони қаҳркарда, ки тавба карда бошанд.
3. Касоне, ки силаи раҳм накардаву тавба карда бошанд.
4. Одамони аҳли такаббур, ки тавба карда бошанд.
5. Касоне, ки волидони худро норозӣ кардаву аз ин амал тавба карда бошанд.
6. Майхорагон, ки тавба карда бошанд.

**Шаш фарзи хориҷи намоз:**

1. Нияти таҳорат кардан.
2. Оби пок ҷӯстан.
3. Либоси пок пӯшидан.
4. Ҷойи пок ҷӯстан.
5. Даромадани вақти намоз.
6. Дарёфтани қибла.

**Шаш фарзи дохили намоз:**

1. Гуфтани такбири таҳрима.
2. Дар қиём истодан.
3. Қироат кардан.
4. Дар рукӯъ шудан.
5. Саҷда кардан.
6. Дар қаъдаи охир шиштан.

**Шаш шарти намози ҷумъа:**

1. Миср, яъне шаҳр (марказ) буданаш.
2. Иҷозати фатвои шоҳ буданаш.
3. Вақти пешин дохил шуданаш.
4. Хутба хонда шуданаш.
5. Ҷамоат буданаш, каме се нафар будан.
6. Издиҳом, яъне дар масҷиди рухсат додашуда хондан.

**Воҷиботи намози ҷумъа 6 аст:**

1. Ба муқим воҷиб, ба мусофирон воҷиб нест.
2. Ба шахси озод воҷиб, ба ғуломон воҷиб нест.
3. Ба мардон воҷиб, ба занҳо воҷиб нест.
4. Ба болиғон воҷиб баноболиғон воҷиб нест.
5. Ба одамони чашмашон бино воҷиб, ба кӯрон воҷиб нест.
6. Ба пойҳои солим дошта воҷиб, ба лангон воҷиб нест.

**Шаш ҳолати таяммум:**

1. Аз об дар масофаи як мил дур будан.
2. Бемориҳое, ки бар он расидани об мумкин нест.
3. Барои расидагӣ ба об душман монеъ бошад.
4. Об бошаду илоҷи гирифтанаш набошад.
5. Дар ҳолатҳои кам будани вақт ба намози ҷумъа ва намози ҷаноза.
6. Об кам бошаду барои нӯшидан намонад.

**Шаш ҳаққи мусулмон бар мусулмон:**

1. Бо мусулмон салому алейк кардан.
2. Агар ба ҷое даъват кунанд, рафтан.
3. Тамасхур бар  ҳолат кунанд, насиҳат кардан.
4. Агар атса зананд "ярҳамакаллоҳ" гуфтан.
5. Мусулмоне бемор шавад, ба аёдаташ рафтан.
6. Мусулмоне аз дунё гузарад, ба ҷанозааш ҳозир гаштан.

**Ғусл шаш суннат дорад:**

1. Шустани ду даст.
2. Шустани андоми ниҳонӣ.
3. Дур кардани наҷосат аз бадан.
4. Вузӯъ сохтан.
5. Се карат шустани тамоми  аъзоҳои бадан.
6. Шустани ду пой пас аз ғусл кардан.

**Ислом шаш равияи асосӣ дорад:**

1. Хориҷиҳо(азрақиҳо, сӯфиҳо, ибодиҳо).
2. Сунниҳо.
3. Шиъаҳо(исмоилиҳо, имомиҳо, зайдиҳо).
4. Сӯфиҳо.
5. Мӯътазилиҳо.
6. Мурҷиҳо.

**6 чиз дар шаш маҳал ҳайф бошад:**

1. Масҷид дар он ҷое, ки мардумаш намоз нахонанд.
2. Қуръон дар хонае, ки касе нахонад.
3. Қуръон дар синаи ҳифзи мардуми фосиқ бошад .
4. Зани солеҳа, ки дар хонаи марди фосиқ бошад.
5. Марди солеҳ дар дасти зани фосиқа бошад.
6. Олим, дар байни мардуме, ки гапи ӯро гӯш накунанд.

**6 тоифа одамонро Худо ва Пайғомбар нафрин кардаанд:**

1. Касоне, ки ба китоби Худо илова даровардан мехоҳанд.
2. Хоркардаи Худоро обрӯ додан ва азизкардаи Худоро хор доштан мехоҳанд.
3. Касе, ҳаромкардаи Худоро ҳалол гӯяд.
4. Касе, ки ҳалолкардаи Худоро ҳаром гӯяд.
5. Касе, ки суннатҳои Худову Пайғомбарро тарк карда бошад.
6. Касе, ки қазову қадари Худоро дурӯғ пиндорад.

**Ба шаш тоифа занҳо хонадор шудан тасвия нашудааст:**

1.Анона – ба зононе, ки худро касал нишон дода, дар оҳу нола бошанд.
2. Маннона – ба занҳои серминнат ва тамаъкор.
3. Ҳаннона – ба занҳое, ки ба дигар мардҳо чашм меандозанд.
4. Ҳазоқа – ба занҳои ба зарру зевар дода шудаанд.
5. Бароқа – ба занҳое, ки аз ҳад зиёд худро пардозу андоз мекунанд.
6. Шадоқа – ба занҳои сергапу вайсақӣ.

**Шаш чиз касро ба саодат расонад:**

1. Доимо хонда гаштани калимаи Шаҳодат.
2. Ҳамеша дар ибодат будан.
3. Закоти молро додан.
4. Рӯза доштан.
5. Соҳибсадақа будан.
6. Забонро ба суханҳои қабеҳ олуда накардан.

**Шаш саҳобаи киром ҳастанд:**

1. Абӯзар Ғаффорӣ.
2. Салмони Форс.
3. Ибни Масъуд.
4. Аккоша Абдуллоҳ.
5. Абӯ Дардо.
6. Ҳазрати Ақлама.

**Шаш суннати об нӯшидан:**

1. Аввал се мародиба нафас кашида, баъд обро нӯшидан.
2. Дар ҳар як нӯшидан, зарфро аз лаб дур доштан.
3. Нафасро аз оби зарф дур доштан.
4. Обро нишаста нӯшидан афзал аст.
5. Обро аз зарфҳои хурд нӯшидан беҳтар аст.
6. Каси обтақсимкунанда дар навбати охир нӯшиданаш беҳтар.

**Шашгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**

**Расму русуми суннат дар Тариқат шаш аст:**

1. Вақтро бо ҷамоат гузарондан.
2. Вақти саҳару шом хотирҷамъ будан.
3. Доимо пок гаштан.
4. Дилро пок нигоҳ доштан.
5. Доимӣ зикри такбир ба ҷой овардан.
6. Пирону гузаштагонро ҳамеша бо некӣ ёд кардан.

**Мустаҳаби Тариқат шаш аст:.**

1. Бо ҳамагон бо чеҳраи кушод муносибат кардан.
2. Танҳо хӯрок нахӯрдан.
3. Дар зоҳиру ботин пок будан.
4. Ҳех гоҳ бо рӯи турш нагаштан.
5. Нигоҳ доштани ҳурмату эҳтиром дар ҳама ҷой.
6. Номуси худ ва пиру устодро нигоҳ доштан.

**Наҳйи Тариқат шаш аст:**

1. Ҳавасҳои нафсро куштан.
2. Бойигариро тарк кардан.
3. Дурӯғ нагуфтан.
4. Тарки зино кардан.
5. Тарки шароб кардан.
6. Тарки хиёнат кардан.

**Шаш аҳкоми Тариқат:**

1. Амалҳои фарзро омӯхтан.
2. Илмро дар амал татбиқ намудан.
3. Байни халқ номи нек доштан.
4. Риёзат кашидан.
5. Ҳамеша дар зикри Аллоҳ будан.

6. Дар шавқи дидори Парвардигор зистан.

**Устод бояд соҳиби шаш илм бошад:**

1. Огаҳӣ аз илми тиб, то шогирдро аз сӯду зиёни чизҳо бохабар созад.
2. Огаҳӣ аз илми нуҷум, то шогирдонро аз вақту соатҳои мувофиқ хабардор кунад.
3. Огаҳӣ аз илми равоншиносӣ, то шогирдон ба чӣ қодир буданашонро донанд.
4. Огаҳӣ аз илми фаросат, то шогирдонро бо як нигоҳ кӣ будани касро шиносанд.
5. Огаҳӣ аз илми дуохонӣ, то шогирдро аз сӯду зиёни сеҳру ҷоду худро дар канор доранд.
6. Огаҳӣ аз илми гӯштингирӣ ва муҳориба, то шогирдро аз зиёни ҳолатҳои ногувор наҷот дода тавонад.

**Аҳкоми хирқапӯшӣ бар 6 аст:**

1. Тавба аз гуноҳҳои қаблӣ.
2. Саховатпеша бошад.
3. Қаноатпеша бошад.
4. Соҳибризо бошад.
5. Соҳибриёзат бошад.
6. Ҳамша байни хавфу риҷо бошад.

**Маддоҳон дар муомилаи байниҳамӣ ба шаш қоида бояд риоя кунанд:**

1. Аввалан байниҳам дӯст бояд бошанд.
2. Кор бо маслиҳати ҳамдигар кунанд.
3. Ҳамкасбони аз худ хурду нотавонро наронанд.
4. Байни худ ҳамеша дар сулҳу салоҳ бошанд.
5. Аз ҳамдигар гумони бад набаранд.
6. Ба ҳамдигар доимо дасти ёрӣ дароз кунанд.

## Шашгониҳо дар олами Маърифат

**Муҳаммад алайҳиссалом шаш амма доштанд:**

1. Отика.
2. Умайя.
3. Байзо.
4. Барра.
5. Сафия.
6. Арва.

**Аз шаш тоифа одамон шаш чиз пурсидан хато аст:**

1. Аз бой -тилло.
2. Аз зани зебо- гул.
3. Аз зани дӯзанда- сӯзан.
4. Аз одами гурӯсна -нон.
5. Аз гадо- хайрот.
6. Аз душман- мадад.

**Бо шаш тоифа занон дар муносибати ҷинсӣ лаззат набошад:**

1. Зане, ки дарди миёну буғумҳо дорад.
2. Зане, ки фарбеҳ асту вазни зиёд дорад.
3. Зане, ки меъдаву гурдааш дард мекунад.
4. Зане, ки касалии бавосил дорад.
5. Зане, ки хавотирӣ ва ташвиш дорад.
6. Зане, ки ба касалии қимоб(аллергия) дучор аст.

**Шаш одоби қабули меҳмон бошад:**

1. Меҳмонро бо таъзим истиқбол гирифтан.
2. Рӯ ба рӯи меҳмон бо чеҳраи кушод нишастан.
3. Аз омадани меҳмон хурсанд будан.
4. Агар меҳмон берун барояд, ақалан ҳафт қадам ҳамроҳӣ кардан.
5. Аз меҳмон чизеро дареғ надоштан.
6. Ба меҳмон аз сидқи дил хизмат кардан.

**Шаш одоби меҳмоннавозӣ мавҷуд аст:**

1.Аз меҳмон напурсад, ки кадом хӯрокро дӯст медорад.
2. Барои меҳмон ҳамон хӯрокеро, ки худатон дӯст медоред, омода созед.
3. Тез-тез меҳмонро ба гирифтани хӯрок таклиф накардан даркор.
4. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ ба дастони меҳмон нанигаристан.
5. Зӯрзӯрона узрхоҳӣ кардан.
6. Аз омадани меҳмон хурсанд будани худро нишон додан.

**Дар шаш ҳолат салом дода нашавад:**

1. Ҳангоми шустушӯ кардан дар ҳаммом.
2. Ҳангоми дар ҳоҷатхона нишастан.
3. Ҳангоми Қуръонхонӣ.
4. Ба номаҳрамон салом дода намешавад.
5. Ба одами дар намоз буда салом дода намешавад.
6. Дар ҷамъомаду маҷлисҳо салом дода намешавад.

**Шаш одоби табрик кардан:**

1. Ҳангоми табрик, ҳушҳолӣ изҳор кардан.
2. Ҳангоми табрик, чеҳраи ғамгин надоштан.
3. Ҳангоми табрик, соҳиби маъракаро дар назар доштан.
4.Ҳангоми табрик, дуои нек кардан.
5. Ҳангоми табрик, бисёр суханронӣ накардан.
6.Ҳангоми табрик, имкон бошад, тӯҳфае додан.

**Шаш одоби муносибат бо бегонагон:**

1. Ба ҳеҷ кас бо назари беэътиборӣ нанигаристан.
2. Суханҳои қабеҳро нашунидан.
3. Ба сӯҳбати бегонагон ҳамроҳ нашудан.
4. Агар касе ҳаракати ноҷӯя кунад, бо насиҳат гардондан.
5. Ба ҳама шафқат намудан.
6. Бо одамони наозмуда сӯҳбат наоростан.

**Соҳибмаъракаро шаш ҷиҳат бояд:**

1.Соҳибтавозӯъ бошад.
2. Кушодачеҳраву кушодадил бошад.
3. Саховатпеша бошаду ҳамаро яксон қабул кунад.
4. Соҳибкарам бошад.
5. Пурсабру соҳибқаноат бошад.
6. Мулоимтабиату ботабассум бошад.

**Қоидаҳои шеърхонӣ ва сурудхонӣ бар шаш аст:**

1. Шеъру суруд бояд бо оҳанг талаффуз ёбад.
2. Шеъру сурудро бехато бояд хонд.
3. Шеъру сурудро бояд ҳар вожа фаҳмо бошад.
4. Шеъру сурудро ба хотири шунавандаҳо бояд хонд.
5. Шеъру сурудро бояд орӣ аз муболиға ва такаббур бояд хонд.
6. Дар аввал ё охир зикри номи муаллиф шарт бошад.

**Риояту амали ин шаш ҷиҳат эътибори касро физояд:**

1. Ба камбағалон ёрии моддӣ расондан.
2. Олимоне, ки ба илмашон амал мекунанд, ҳурмат намудан.
3. Эҳтироми пиронсолонро ба ҷо оварда, дуои онҳоро гирифтан.
4. Ба некӣ даъват кардан, аз бадиҳо боздоштани дигарон.
5. Ибодатро дар тамаъи ҷаннат, ё аз тарси дӯзах накардан.
6. Ибодатро баҳри розигии Аллоҳ ба ҷой овардан.

**Шаш мақоми Шашмақом:**

1. Мақоми Бузург.
2. Мақоми Рост.
3. Мақоми Наво.
4. Мақоми Дугоҳ.
5. Мақоми Сегоҳ.
6. Мақоми Ироқ.

### Хуллосаи боби шашиҳо

Чун дар хотир дорем, сайёраи раҳнамои олами шашгониҳо Зӯҳра (Венера) маҳсуб гардида, касоне, ки зери рақами шаш таваллуд шудаанд, табиаташон аксаран ишқдӯст буда, дар ҳама корҳо муваффақанд. Аксарашон инсонҳои шӯҳратёр, ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ мегарданд. Ба покиву покизагӣ, ки сарчашмаи саломативу зебоиҳои моддиву маънавию ахлоқист, беэътибор нестанд. Соҳибмулк, сарватманданду фалсафаи зиндагиро хуб дарк мекунанд.

Дар мисолҳое, ки манзур шуд, ана ҳамин хислатҳо бартарият доранд. Зодагони ин рақам аксаран мардумони ситорагарманд ва гармии чеҳраи инсон дар чист? Албатта дар сурати зоҳирӣ ва ҳам сирати ӯст. Ва ин зебоии сурату сират ба онҳо имкон медиҳад, ки дар ба амал баровардани мақсадашон муваффақ шаванд.

Покизагии ахлоқ барои онҳо аз ҳама чиз боло меистад. Барои расидан ба ин покизагӣ, ки шохаҳои калону хурди ахлоқро фаро мегиранд, басо душвор аст. Донистани шашгониҳо ва дар ҳаёти худу тарҷрибаи зиндагӣ ба кор бурдани он дар олами моддӣ ва маънавии инсон нақши муаасире боқӣ хоҳад дошт. Бисёр ҷиҳатҳои хулқу хислати инсон ва муносибати онҳо дар ҷомеа, дар мисоли шашгониҳо акси худро ёфта, ба зодагони таҳти ракамиі шаш қаробати бештар доранд.

# Олами ҳафтгониҳо

***То бад-ин ҳафт фалак сайр кунад ҳафт ахтар,***
***Ҳамчунин ҳафт ба дидор бувад Ҳафт Авранг.***

***Фаррухӣ***

### Башоратномаи рақами 7

Муҳаққиқон бар инанд, ки аксари бузургони илму маърифат, санъату маданият, уламои дин дар санаи 7 тавлид шудаанд. Натиҷаи саъю кӯшиш ва ранҷу заҳматҳои беандоза дар ҷодаи илму маърифату ҳунар онҳоро ба мартабаи бузургӣ расондааст.

Сайёраи идоракунандаи рақами 7 Нептун буда, касоне, ки таҳти рақами 7 ба дунё омадаанд, дар муомилот табиати мулоим доранд, бо оқилии худ аз дигарон фарқ карда, пулёбанд, лек сармояро нигаҳдорӣ карда натавонанд ва

беҳуда масраф намоянд. Соҳиби ақли расо бошанд ҳам, мутаассифона, фикрро гоҳо ба ҷараёни мувофиқ равон накунанд ва ин боис аксар амали оғозкардаашон ба сомон нарасад. Бозиҳои ҷаззобро дӯст доранду ҳассосу раҳмдиланд, ба дӯстон меҳрубониашонро интиҳо набошад. Ҷисман чандон нерӯманд нестанд ва дар ҳалли мосоил ба як қарор дер расанд. Табиати якравӣ, ки доранд, ба амал баровардани таманнои дили онҳо корест мушкил. Ахоси ҳассосанду баҳсу мунокишаро нахоҳанд.

Мутаваллидони таҳти рақами 7 ба чунин хислатҳои хуб доро бошанд. Ин одамон қабл аз ҳама тартибу интизом, дониш омӯхтанро басо дӯст доранд. Аз аҳли заковат буда, ба ҳақиқати диниву дунявӣ эътибор ва эътимодро аз даст надиҳанд. Хислатҳои худидоракунӣ, эҷодкорӣ, қобилияти фикрронӣ ва ахлоқи ҳамидаву фазилати хуб дар онҳо зуҳури бештар дорад. Инсонҳои орому устуворанду худомӯзиро пешаи худ кунанд, зуд бо дигарон унси тамом гиранд, ба дилу диду завқ дар пайраҳаи мақсад раванд. Дорои ҳиссиёти рӯҳии баланд буда, мардуми эҷодкору ҳунармандонанд. Касони боэътимод, соҳибтаҳлиланд ва ба олами арвоҳ алоқа намоянд.

Онҳо аз ҷиҳатҳои манфӣ низ орӣ нестанд. Ба назар туршрӯй, бадқавоқ ва аксар рӯҳафтода намоянд. Сустҳаракату бештар танҳо буданро хоҳанд, сардрӯҳанду хислатҳои аз дигарон канорагирӣ доранд. Табиатан мардуми пӯшидахислат, мутаассибонанд (фанатик).

## Рамзҳои рақами 7

Сайёраи раҳнамои рақами 7 Нептун бошад.
Рамзи рақами 7– олами асрор.
Бурҷи осмонии рақами7 – Наҳанг.
Маъдани тааллуқи рақами 7- Руҳ, Қалъагӣ.
Рӯзи босамари рақами 7 – якшанбе, душанбе.
Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 7 – Лаъли кабуд.
Рӯзҳои муносибтарин ба зодагони рақами 7 – 7, 4, 9.
Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 7 – кабуд, нуқрарангҳо.

**Ифодаҳои рақами ҳафтгониҳо дар табиат:**

Ҳафт – рақми миқдорӣ.
Ҳафтум рақами тартибӣ.
Ҳафтяк – шумораи касрӣ.
Ҳафтоду ҳафт шумораи таркибӣ.
Ҳафтрӯд –номи шаҳри қадима дар сарҳади кунунии Қазқистон.
Ҳафт авранг – Ҳафтдодарон, Дубби Акбар.
Ҳафт Авранг – номи асари Абдураҳмони Ҷомӣ.
Ҳафт айвон – киноя аз ҳафт осмон.
Ҳафт андом – ҳафт узви инсон.
Ҳафт ахтар – ҳафт сайёра.
Ҳафт ганҷина – тилло, нуқра, қалъагӣ, сурб, оҳан, мис, биринҷӣ.

Ҳафт гунбад – ҳафт осмон.
Ҳафт осиё – киноя аз ҳафт осмон.
Ҳафт роҳ -ҳафт пардаи чашм.
Ҳафт руқъаи адкан – иқлим, дунё.
Ҳафт фалак –ҳафт табақаи осмон.
Ҳафт қалам – ҳафт намуди хати арабӣ.
Ҳафт қулзум – номи луғати машҳури тафсирии Ғозуиддин Ҳайдар.
Ҳафта – ҳафт рӯз, чоряки моҳи қамарӣ.
Ҳафтдодарон – Дубби Акбар, ҳафт ситорае, ки ба шакли хирс тасаввур карда мешавад.
Ҳафтранг – гуногунранг, алвон, рангоранг, мунаққаш.
Ҳафтранг – номи гуле, ки ҳафт ранг дорад.
Ҳафтхон – ҳафт хони Исфандиёр, ки аз ҳафт монеъа иборат буд.
Ҳафтҷӯш – номи металле, ки аз омехтаи ҳафт метал ҳосил шудааст.
Дар Қуръон ибораи 7 табақаи осмон 7 маротиба такрор омадааст.
Дар Қуръон ибораи 7 офариниши олам 7 маротиба такрор омадааст.
Дар Қуръон ибораи 7 "халқуссамовоти" 7 маротиба такрор омадааст.
Рақами 7-ро рақами қол – рақами сирру асрор донистаанд.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" ба вожаи вобастаи ҳафт зиёда аз 50 калима тафсир шудааст.

## Ҳафтгониҳо дар фазои Шариат

**Ҳафт ҳолати тарс аз Худо ба мушоҳада расад:**

1. Дар нигоҳ доштани забон.
2. Дар тоза нигоҳ доштани дил.
3. Аз чизҳои нодиданӣ нигоҳ доштани чашм.
4. Пур накардани меъда бо ҳар гуна ғизо.
5. Аз ба ҳаром даст задан.
6. Аз ҷойҳои номуносиб рафтани пой.
7. Аз нуқсон дар ибодат.

**Имон 7 фарз дорад:**

1. Имон ба якка ва ягонагии Аллоҳ таоло.
2. Эътимод ба ҳастии фариштаҳо.
3. Ҳақ донистани китобҳои ирсолнамудаи Аллоҳ.
4. Эътимод ба пайғомбарони Худо.
5. Эътимод ба ҳақ будани рӯзи қиёмат.
6. Тақдири нек ва бадро аз Худо донистан.
7. Эътимод ба зиндагии баъди фавт.

**Воҷиботи ислом 7 бошад:**

1. Хондани ду намози ид.
2. Додани садақаи фитр.
3. Қурбонӣ кардан.
4. Намози витри воҷибро хондан.
5. Хизмати падару модарро кардан.
6. Ба хешовандони ночор нафақа додан.
7. Ба салом ва атсаи шунида ҷавоб гардондан.

**Ҳафт воҷиботи намоз:**

1. Баъди хондани сураи Фотиҳа сураи дигар хондан.
2. Дар намозҳои ҷория баланд хондан.
3.Дар намозҳои хуфя паст хондан.
4.Дар намози Витри воҷиб хондани дуои Қунут.
5.Намозҳои идайн.
6.Нишастан дар қаъдаи аввал.
7.Дар охир хондани аттаҳиёт.

**Шартҳои ислом 7 аст:**

1. Ғоибона имон овардан.
2. Илми ғайбро хоси Худо донистан.
3. Ҳалолро ҳалол донистан.
4. Ҳаромро ҳаром донистан.
5. Аз азоби Парвардигор тарсидан (хавф).
6. Ба раҳмати Парвардигор умедвор будан (риҷоъ).
7. Ба биҳишту дузах надида бовар кардан.

**Ҳафт фарзи додани закот ба шахсони зерин:**

1. Фақир бошад, молаш ба нисоб нарасад.
2. Ба мискин, касе, ки чизе надорад.
3. Ба омили закот, ба шахсони закотро ҷамъкунанда.
4. Ба мукотаб, ба озод шуданашон маблағғункунандагон.
5. Ба шахсони қарздор.
6. Мусофири бесилоҳ ва бемаблағмонда.
7. Ибни сабил, шахсоне, ки маблағ доранду он маблағ дар дасти дигарон.

**Додани закот бар 7 тоифа одамон фарз аст:**

1. Закотдиҳанда бояд озод бошад, аз моли ғуломон закот дода нашавад.

2. Закотдиҳанда бояд дар балоғат бошад, аз моли ноболиғон закот дода нашавад.

3. Закотдиҳанда бояд соҳиби ақл бошад, аз моли маҷнунон (девонагон) закот дода нашавад.

4. Закотдиҳанда бояд аҳли ислом бошад, аз моли ғайридинон закот дода нашавад.

5. Молаш ба нисоб расида бошад.
6. Нисоби молаш зиёда аз як сол истода бошад.
7. Нисоби молаш аз қарзаш зиёд бошад.

**Ҳаҷ кардан барои 7 тоифа одамон фарз аст:**

1. Мусулмон бошад.
2. Ба синии балоғат расида ва оқил бошад.
3. Шахси озод бошад.
4. Саломат ва сиҳатманд бошад.
5. Маблағи кофӣ дошта бошад.
6. Тавоноии сафарро дошта бошад.
7. Амнияти роҳ вуҷуд дошта бошад.

**Ҳафт гуноҳе ҳаст, ки одамонро ба ҳалокат барад:**

1. Ба Парвардигор ширк овардан.
2. Машғулӣ бо сеҳру ҷод.
3. Куштани касе.
4. Судхӯрӣ.
5. Моли ятимонро хӯрдан.
6. Дар ҷанг аз душман гурехтан.
7. Занҳои боиффату мӯъминаро фоҳиша гуфтан.

**Воҷиботи Ҳаҷ 7 аст:**

1. Давидан байни масофаи Сафо ва Марва ( ин амал барои занҳо роҳравии муқаррарӣ аст).
2. Вуқуф дар муздалифа (баъд аз дамидани субҳи содиқи рӯзи ид).
3. Задани 7 санг бар шайтонҳо.
4. Тарошидан ё кӯтоҳ намудани мӯи сар.
5. Тавофи видоъ.
6. Тавофи қудум.
7. Куштани қурбонӣ.

**Рӯзи қиёмат болои сари ҳафт тоифаи одамон Парвардигор соя афканад:**

1. Одамоне, ки қалбашон ба масҷид гарм буд.

2. Одамоне, ё мансабдоре, ки таклифи занҳои бегонаро бо фикри «Аз ғазаби Худо метарсам» рад кардаанд.

3. Фақат дар роҳи Аллоҳ зистаанд.

4. Дар роҳи Аллоҳ дигаронро дӯст доштаанд.

5. Аз ҳаромкардаҳои Парвардигор дурӣ ҷӯстаанд.

6. Аз тарси Худо ашк резандаанд.

**Пайғомбарамон ин ҳафт амалро савоб донистаанд:**

1. Дар ҷанозаи мусулмонон иштирок кардан.
2. Беморбинӣ.
3. Ба ҷои таклифшуда рафтан.
4. Ба ночорон ёрӣ расондан.
5. Қасами худро иҷро кардан.
6. Ба салом ҷавоб гардондан.
7. Шахси атсазада, ки “алҳамдуллилоҳ” гӯяд, ҷавоби “ярҳамакуллоҳ” гуфтан.

**Пайғомбарамон ба ғайр аз тоифаи шаҳидон боз 7 тоифаи дигари шаҳидонро ном гирифтаанд:**

1. Аз дарди шикам фавтидагон.
2. Ба об ғарқшудагон.
3. АЗ касалии шуш фавтидагон.
4. Дар оташ сӯхта фавтидагон.
5. Дар заминларза зери бом монда фавтидагон.
6. Ҳангоми таваллуд фавтидагон.
7. Аз касалии вабо фавтидагон.

**Ҳафт табақаи дӯзах, ки дар Қуръон омада:**

1. Ҳовия – аз оташ.
2. Лазо – аз ғазаби Худо.
3. Сақар – аз наҷосат.
4. Саъир – аз ях.
5. Ҷаҳаннам аз шамоли сахт.
6. Сиҷҷин – аз торикӣ.
7. Қутама – аз гармои сахт.

**Парвардигор ҳафт табақаи осмонро аз ҳафт чиз офарида:**

1. Осмони Руфақоро – фариштаҳояш аз зумуррад, дар масофаи 500 сола роҳ.

2. Осмони Арфилун – фариштаҳояш аз нуқра, дар масофаи 500 сола роҳ.

3. Осмони Қулзум – фариштаҳояш аз ёқути сурх, дар масофаи 500 сола роҳ.

4. Осмони Моъун – фариштаҳояш гавҳари сафед, дар масофаи 500 сола роҳ.

5. Осмони Арқиб – фариштаҳояш аз тиллои сафед, дар масофаи 500 сола роҳ.

6. Осмони Фано – фариштаҳояш аз ёқути сурх, дар масофаи 500 сола роҳ.

7. Осмони Урёна – фариштаҳояш аз нур, дар масофаи 500 сола роҳ.

**Ҳафт мӯъҷизаи Қуръон:**

1. Рӯзи якшанбе дар ҳукми Офтоб аст.
2. Рӯзи душанбе дар ҳукми Моҳ аст.
3. Рӯзи сешанбе дар ҳукми Миррих аст.
4. Рӯзи чоршанбе дар ҳукми Аторуд аст.
5. Рӯзи панҷшанбе дар ҳукми Муштарӣ аст.
6. Рӯзи ҷумъа дар ҳукми Зӯҳра аст.
7. Рӯзи шанбе дар ҳукми Зӯҳал аст.

**Ҳафт навъи хатҳои арабӣ:**

1. Навъи хатти Сулс.
2. Навъи хатти Муҳаққиқ.
3. Навъи хатти Тавқеъ.
4. Навъи хатти Райҳон.
5. Навъи хатти Риқоъ.
6. Навъи хатти Насх.
7. Навъи хатти Таълиқ.

## Ҳафтгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат

**Тасаввуф 7 маъно дорад:**

1. Тахлия – холӣ шудан, некӣ.
2. Тасфия - рӯҳро аз чизҳои бегона тоза кардан.
3. Хузӯъ – нафсро лаҷом задан.
4. Пинҳон доштани ҳолати худ.
5. Ишорат ба ҳусни ибодат.
6. Амрро азиз дошта, нафсро хор доштан.
7. Фақру адабро нигоҳ доштан.

**Шайх Наҷмиддин Кубро ҳафт рангро ба ҳафт чиз шабоҳат додаанд:**

1. Ранги сафедро ба ислом.
2. Ранги зардро ба имон.
3. Ранги зангорро ба эҳсон.
4. Ранги сабзро ба боварӣ.
5. Ранги кабудро ба бовариии пурра.
6. Ранги сурхро ба ирфон.
7. Ранги сиёҳро ба ҳаяҷон ва ҳайрат.

**Ҳафт одоби салом додан:**

1. Одами саломдиҳанда бояд қалбан пок бошад.
2. Одами савора бояд ба пиёдагард салом диҳад.
3. Аввал одами хурдсол ба калонсолҳо салом диҳад.
4. Бояд чеҳра кушода ва хандон бошад.
5. Бояд овоз бароварда салом гӯяд.
6. Ба салом бо имову ишора ҷавоб нагардонад.
7. Даст дода салом кардан аз рӯйи одоб аст.

**Одоби ба салом ҷавоб гардондан ҳам 7 аст:**

1.Дар ҷавоби салом изҳори хушнудӣ кунад.
2. Ба саломдиҳанда сипос гӯяд.
3. Агар ғайри одами исломӣ салом диҳад ҳам, бо чеҳраи кушод бояд ҷавоб гардонид.
4. Ба савол ҷавобдиҳанда ҳам бо қалби пок ҷавоб гардонад.
5. Агар чанд нафар бошанд, аз байни онҳо яке ҷавоб гӯяд ҳам, кифоя аст.
6. Ба салом бо ишорат не, балки бо овоз бояд ҷавоб дод.
7. Чунон бояд салом гуфт, ки ба гӯши ҷавобдиҳанда рафта расад.

**Ҳафт вазъият дар салом гуфтан:**

1. Ҳангоми вохӯрдан бо бародари тариқатии худ.
2. Ҳангоми дар роҳ рафтан ба касони аз тарафи муқобил оянда.
3. Ҳангоми ба ҷамоатҳо рафтан, ба нишастагон салом додан.
4. Ҳангоми ба дари бародар рафтан, салом додан лозим.
5.Ҳангоми баргаштан лафзи саломат бошедро гуфтан.
6. Ҳангоми аз назди қабристон гузаштан салом додан.
7. Ҳангоми ба хона баргаштан ба аҳли оила салом додан.

**Одоби беморбинӣ 7 аст:**

1. Баъди намози дигар (намоздигар) беморбинӣ нарафтан, чунки хосият надорад.

2.Ҳангоми ба хонаи беморхобида даромадан, хандидан ё гиря кардан манъ аст.

3. Ба тарафи рости бемор нишастан афзал аст.

4. Дар назди бемор пургӯӣ накардан.

5. Аз бемор ҳазар накарда каме пешонӣ, даст ё пойи беморро молидан.

6.Бо суханҳои нарм дили беморро бардоштан.

7. Барои хаста накардани бемор, бисёр нанишастан.

**Ҳафт пири тариқат:**

1. Ҳазрат Абдухолиқ Ғиждувонӣ- 1103-1179.
2. Хоҷа Муҳаммад ар-Ревгарӣ- 1159- 1259.
3. Хоҷа Маҳмуд Анҷир Фағнавӣ- асри XII.
4. Хоҷа Алӣ Рометанӣ- 1210-1321.
5. Хоҷа Муҳаммад бобои Самосӣ- 1259-1354.
6. Сайид Амир Кулол- 1287-?
7. Ҳазрат Баҳоуддин Нақшбанд-1318-1418.

**7 рукни Шайх будан:**

1. Соҳиби маърифати комил будан.
2. Соҳиби фаросоти комил, ки ба як нигоҳ одамро шиносад.
3. Соҳиби қуввати рӯҳӣ-маънавӣ будан.
4. Соҳибозод ва ниёз ба чизе надошта бошад.
5. Соҳиби ихлоси баланду аз тамаъ дур бошад.
6. Соҳиби шиори ростӣ ва дӯстӣ бошад.
7. Соҳиби қалби пур аз шафқат буда, манфиати муридро аз худ боло гузорад.

## Ҳафтгониҳо дар олами Маърифат

**Дар аҳди қадим дунёро ба ҳафт манотиқ тақсим кардаанд:**

1. Ҳиндустонро ба Зӯҳал.
2. Чинро ба Муштарӣ.
3. Туркистонро ба Миррих.
4. Хуросонро ба Шамс.
5. Мовароуннаҳро ба Зӯҳра.
6. Румро ба Аторуд.
7. Балхро ба Қамар.

**Ҳафт андоми бадани одам:**

1. Сар.
2. Сина.

3.Шикам.
4. Дасти рост.
5.Дасти чап.
6.Пойи рост.
7. Пойи чап.

**Ҳафт авлоди инсон**

1.Фарзанд.
2.Набера.
3.Чабера.
4.Абера.
5. Навара.
6. Авара.
7. Бегона.

**Ҳафт ранги табиат:**

1.Сурх.
2.Норинҷӣ.
3. Зард.
4. Сабз.
5. Нилобӣ.
6. Кабуд.
7. Бунафш.

**Ситораҳои Ҳафтдодарон (Хирси калон):**

1. Дубхе.
2. Мерак.
3. Фенда.
4. Мегрек.
5. Амиат.
6. Мусар.
7. Бенеткасу.

**Ҳафт шакли математикӣ:**

1. Нуқта .
2. Хати рост.
3. Порча.
4. Нур (нимхати рост).
5. Секунҷа.
6. Чоркунҷа.
7. Давра.

**Номи ҳафт (садо) нотаи мусиқӣ:**

1.До.
2.Ре.
3.Ми.
4.Фа
5. Сол.
6.Ля.
7.Си.

**Ҳафт хазинаи беминнати табиат:**

1.Гови ҷӯшоӣ.
2.Ҷангалзор.
3.Кирми абрешим.
4.Оруи асал.
5.Мурғ.
6.Осиёб.
7.Обҷувоз.

**Ҳафт мӯъҷизаи олам:**

1.Эҳромҳои Миср.
2.Боғҳои муаллақи Бобул.
3.Ибодатхонаи Артемида.
4.Ҳайкали Зевс.
5. Ҳайкали азими дар Родос буда.
6.Манораи Искандар.
7.Дахмаи (қабри) дар Гаминармас буда.

**Ҳафт ҳолати моддаҳо**

1. Сахт.
2. Моъе.
3. Газ.
4. Плазма.
5. Моддаи нейтронӣ.
6. Эпиплазма.
7. Вакууми физикӣ.

**Асоси саломатӣ дар 7 чиз аст:**

1. Рӯзона бисёр хоб накардан.
2. Шабона кам хобидан.

3. Пешобро бисёр нигоҳ надоштан.
4. Шабонгаҳ кам об нӯшидан.
5. То сер шудан хӯрок нахӯрдан.
6. Бе ҳисси гурӯснагӣ сари дастархон нанишастан.
7. Ба хӯроки кам қаноат кардан.

**Дузах 7 табақа дорад:**

1. Ҷаҳим.
2. Ҷаҳаннам.
3. Саъир.
4. Сақар.
5. Лазӣ.
6. Ҳовия.
7. Хутма.

**Ҳафт табақаи атмосфераи замин:**

1. Тропосфера.
2. Стратсфера.
3. Мезосфера.
4. Термосфера.
5. Экзосфера.
6. Иносфера.
7. Магносфера.

**Дар дастархони Наврӯзии тоисломӣ ҳафт Шин(чиз) монда мешуд:**

1. Шакар.
2. Шарбат.
3. Шиннӣ.
4. Шароб.
5. Шона.
6. Шамъ.
7. Шир.

**Дар дастархони Наврӯзии исломӣ ҳафт Син(чиз) монда мешавад:**

1. Себ.
2. Сабза.
3. Сипанд.
4. Сирпиёз.
5. Суманак.
6. Сирко.
7. Санҷид.

**Ҳафт мӯъҷизаи ниҳоди инсон:**

1. Қобилияти дидан.
2. Имконияти шунидан.
3. Ҳис кардан.
4. Имконияти гуфтан.
5. Қобилияти фикр рондан.
6. Хурсандӣ карда тавонистан.
7. Имконияти дӯст доштан.

**Ҳафт одоби муносибат бо хешовандон:**

1. Алоқаи хешовандиро нигоҳ доштан лозим.
2. Имкон бошад, бо маблағ ба онҳо ёрӣ расондан.
3. Дар шоду ғами онҳо шарик будан.
4. Аз ёрӣ расондан худро дур надоштан.
5. Ҳар қадар аз онҳо зарар бинад, ба онҳо зарарро раво надоштан.
6. Бо душманони хешовандон дӯстӣ накардан.
7. Ба молу мулк ва ҷони онҳо қасд накардан.

**Ҳафт одоби ҳозирӣ назди одамони бузург:**

1.Ба назди бузургоне, ки иҷозат дода нашудааст, нарафтан.
2. Вақти  ҳозир шудан, шарти иззатро ба ҷой овардан.
3. Пеш аз салому алайк сухан нагуфтан.
4. Ба одоби суханронӣ риоя кардан, бо овози баланд гап назадан.
5. Ба суханони одами бузург хомӯшона гӯш кардан, гап нагардондан.
6. Ба ҳамсӯҳбатон бисёр гап зада, дуо накунад.
7. Сарҳади вақтро нигоҳ дорад, ту бузургро малоли хотир нагардад.

**Ҳафт одоб дар бозор:**

1.Ба китфонаш одамонро тела надиҳад.
2. Ба қафои одамон нигоҳ накунад.
3. Дар бозор туф накардан.
4. Аз дур истода, касеро ҷеғ назадан.
5. Агар коре надошта бошад, дар назди дӯкони касе наистад.
6. Чизеро, ки хариданӣ нест, нархашро напурсад.
7. Ба савдои ду каси бегона ҳамроҳ нашавад.

**Ҳафт сайёра ва рамзҳои онҳо:**

1. Офтоб, Шамс, Хуршед, Меҳр, Шед – рамзи кӯшишу ғайрат..
2. Моҳ, Қамар, Анбар – рамзи дилбарӣ.

3. Миррих, Баҳром – рамзи ҷангу ҷидол.
4. Уторуд,  Тир, Ҳулкар, Сурайё – рамзи орзуву умед ва ақлу заковат.
5. Муштарӣ, Бирҷис – рамзи бастагӣ.
6. Зӯҳра, Ноҳид – рамзи муҳаббат, ишқ.
7. Зӯҳал, Кайвон – рамзи деҳқонӣ.

**Ҳафт ранги  гуногунро   ба ҳафт сайёра нисбат диҳанд:**

**1.** Ранги зард ба Офтоб.
2. Ранги сабз ба Моҳ.
3. Ранги сурх ба Миррих.
4. Ранги кабуд ба Уторуд.
5. Ранги ҷигарӣ ба Муштарӣ.
6. Ранги  сафед ба Зӯҳра.
7. Ранги Зӯҳал ба Кайвон.

**Ҳафт дарё (баҳре), ки дар ба ақидаи қадимиён гӯё хушкиро иҳота мекардааст:**

1.Дарёи Чин,
2.Дарёи Ахзар,
3. Дарёи Уммон,
4. Дарёи Қулзум, ё дарёи Аҳмар,
5. Дарёи Барбар,
6. Баҳри Рум, ё баҳри Миёназамин
7. Дарёи Сиёҳ.

**Ҳафт номи пардаи чашм:**

1. Пардаи мултаҳама.
2.Пардаи қарния.
3.Пардаи инабия.
4.Пардаи анкабутия.
5.Пардаи шабакия.
6.Пардаи машима.
7.Пардаи сулбия.

**Ҳафт хазинаи беминнати табиатро гӯянд:**

1. Гови ҷӯшоӣ – баққол ва қассоби оила.
2.Ҷангалзор – устунҳои хона ва ҷӯшиши дег.
3. Кирми абрешим – зебу зиннати занон.
4. Оруи асал – табиби оила.

5. Мурғ – оби явғон ва давру даврон.
6. Осиёб – миёнбанди шикам.
7. Обҷувоз – равғани деги хона.

### Хулосаи боби ҳафтгониҳо

Зодагони зери сайёраи Нептун беҳтарин ходимони илму маърифат, санъату маданият, диндорони бузург буда, аксарашон дар санаи 7 тавлид шудаанд. Онҳо ба ин мартабаҳо албатта дар натиҷаи саъй ва кӯшишҳои беандозаи худ ноил шудаанд, лекин дар зери ин муваффақиятҳо таъсири сайёраи пешбарандаи ин рақамро инкор набояд кард. Ин рақам дар урфияти мардум ҳам мавқеи хосса дорад ва иҷрои баъзе амалҳоро то ба ҳафт маротиб мерасонанд.

Дар боби ҳафтгониҳо рӯҳият ва кайфият, хӯю хислати одамоне, ки зери рақами 7 ба дунё омадаанд, бараъло ба мушоҳада мерасанд, онҳо гарчанд ба сарварию сарватмандӣ расанд ҳам, аммо аз сарфи беҳуда худро нигоҳ дошта наметавонанд. Ба хотири меҳрубониву раҳмдилӣ, эҳтироми дӯстӣ ва қувваи заифи ҷисмонӣ баъзан корашон то ба охир норасида боқӣ мемонад. Омӯхтани илм, тартибу интизомро, ки дӯст медоранд, афроди соҳибахлоқанду эҷодкор ва ба дигарон ба зудӣ унс мегиранд. Ин қабил одамон орӣ аз хислатҳои манфӣ низ набудаанд ва рӯҳафтодагиву танҳоихоҳӣ, канорагирӣ аз дигарон ба якравию мутаасибии онҳо гувоҳ аст. Ёддоштҳои шоҳроҳи Шариат, Тариқат, Маърифат натанҳо зодагони ин рақамро, балки ҳамаи моро низ огоҳ мекунад, ки аз амалу хӯю хислати бад дар канор бошем ва ҳаёти ҳамарӯзаи худро бо меҳнати ҳалолу одобу ахлоқи ҳамида зеб бахшем ва охирати худро дар ин ҳаёти муваққатӣ бунёд намоем. Ҳамаи мисолҳое, ки дар ин боб омадаанд, ҳар яки моро бори дигар ҳушдор медиҳад, аз ҳаёти диниву дунявӣ, одамият ва одамгарӣ.

## Ҳаштгониҳо

***Як даст ба мусҳафему як даст ба ҷом,***

*Гаҳ марди ҳалолему гаҳ марди ҳаром.*
*Моем дар ин гунбади фирӯзарухом,*
*На кофари мутлақ на мусулмони тамом.*
*Хайём*

**Башоратномаи рақами 8**

Сайёраи раҳнамои ин рақам Зӯҳал буда, касоне, ки таҳти ин рақам таваллуд ёфтаанд, миҷози танҳоихоҳӣ доранд ва ин боис аксар вакт дигарон онҳоро дурустӣ фаҳмида натавонанд. Агарчӣ дар зоҳир чандон соҳиби сурати зебо нестанд, лекин сирати зебову қалби гарм доранд. Онҳо корҳои қалбакиву сарсариро нахоҳанд, биноан, барои худ шароити мувофиқ омода карда, дар натиҷаи кӯшишу ғайратҳои зиёде ба нитиҷаҳои дилхоҳ рафта расанд. Дар иҷрои ҳар амал устувору муваффақ буданро афзал донанд. Онҳо дар пиронсолӣ соҳиби сарват ва ҳама чиз гарданд. Табиати якравиву дақиқкориву дақиқназарӣ хоси онҳост, ҳатто одамони далеру шуҷоъро ба худ мутеъ намоянд, тоби тобеъи дигарон буданро надоранд. Дар ҳама ҳолат арзандаи эътимод бошанд, чунки онҳо ҳамеша устувории худро аз даст надиҳанд, накӯкор, озодфикр ва қонундӯстанд.

Касоне, ки таҳти рақами 8 таваллуд шудаанд, дорои чунин хислатҳои хубе бошанд. Минҷумла, ин одамон соҳибхоҳишу масъулиятшинос буда, ӯҳдадориро ба хубӣ анҷом дода, ифтихор аз муваффақият кунанд, роҳбарӣ карданро дӯст доранд. Дарку ҳисси масъулиятнокӣ ва покии имону виҷдон да ин қабил ашхос ривоҷ ёфта, ба дигарон ёрии беғаразона расонанд ва инсонпарвариро дар мадди аввал гузоранд. Онҳо аксаран худтарбияткунандагону навгониро дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагонӣ дӯст доранд. Боиси ба муваффақиятҳо сазовор гаштанашон дар серҳаракативу серғайратӣ бошад.

Касони таҳти рақами 8 таваллудёфта, ба ҷиҳатҳои манфии зер низ дороянд. Бешатар роҳбарӣ карданро хоҳанд, то дар сари ҳокимият бошанд. Ҳамеша аз вақту қувваи худ босамар истифода баранд ҳам, аммо ҳирис ба ҷамъ овардани молу мулк бошанд. Итоат ба дигаронро написанданд, мардумони сахтгир буда, аз баъзе амалҳои ношоям ҳам ор накунанд. Аксаран аз якравӣ барои манфиати шахсии худ эҳтимоли ба дигарон зарари моливу ҷонӣ расонданро ҳам доранд. Якравӣ ва мутаассибӣ дар хуни онҳо ҷорист. Худбиниву берабтӣ дар кори онҳо ба мушоҳада расад.

**Рамзҳои рақами 8**

Сайёраи раҳнамои рақами 8 – Зӯҳал (Сатурн), (Марс) Миррих маҳсуб меёбад.

Рамзи онҳо - 8 – бурднокӣ.

Бурҷи осмонии рақами 8 – Каждум, Барра.

Маъдани тааллуқи рақами 8 –Оҳан, қалъагӣ.

Рӯзи босамари рақами 8 – сешанбе.

Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 8 – Забарҷад, ё қути сурх ва кабуд.

Рӯзҳои муноситарин ба зодагони рақами 8 – 8, 1, 6.

Рангҳое, ки зодагони таҳти рақами 8 дӯст доранд – асосан рангҳои сурх, сиёҳ.

**Ифодаҳои рақами ҳашт дар табиат:**

Ҳашт – рақами миқдорӣ.
Ҳаштум – рақами тартибӣ.
Ҳаштяк – рақами касрӣ.
Ҳаштоду ҳашт – рақами таркибӣ.
Ҳаштсад – рақами мураккаб.
Ҳаштак – қоқи (хушккардаи) зардолуии дукафонкардашуда, ки шакли рақами 8-ро гирад.
Ҳашт боғ – ҳашт боғи биҳишт.

Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" зиёда аз бист калимаи вобастаи рақами 8 тафсир гардида.

**Ҳаштгониҳо дар фазои Шариат**

**Ҳашт сифати зотии Аллоҳ-таъоло:**

1. Вай аз азал мавҷуд аст.
2. Вай таваллуд накардааст ва таваллуд нашуда.
3. Вай шарик надорад, вай монандӣ ва қиёфа надорад.
4. Вай азалӣ ва абадӣ аст.
5. Вай ломакон аст.
6. Вай ҳама чизро мебинад, мешунавад ва медонад.
7. Вай ба ҳама чиз қодир аст.
8. Вай офарананда аст.

**Сифатҳои сабутии Аллоҳ-таъоло 8 аст:**

1.Вай ҳамеша зинда ва барҳаёт аст.
2. Вай донандаи ҳамаи чизҳо ва корҳо аст.
3. Вай қодир ва тавоно аст.
4. Вай самеъ(шунаванда) аст .
5. Вай башир(шунаванда) аст.
6. Вай мурид, соҳибхоҳиш аст.
7. Вай мутакаллим аст.
8. Вай донанда аст.

**Аъзимшаънии Қуръон 8 аст:**

1.Ҷони Қуръон таҳорат аст.
2. Сари Қуръон басмала-(Бисмиллоҳир Роҳманир Роҳим) гуфтан аст.

3. Модари Қуръон сураи Фотиҳа аст.
4.Қурғони Қуръон Ояталкурсӣ аст.
5.Қалби Қуръон сураи Ёсин аст.
6.Арӯси Қуръон сураи Ар-Роҳман аст.
7.Қулфи дили Қуръон сураи Ихлос аст.
8.Тоҷи Қуръон сураи Мулк аст.

**Ҳар касе, ки ба 8 чиз амал кунад, соҳиби илми беназир гардад:**

1. Ҳамеша Парвардигорро дар ёд дорад.
2. Ба ҳақ будани марг бовар кунад.
3. Дар намоз қалбро пок нигоҳ дорад.
4. Байни мардум забонро эҳтиёт кунад.
5. Вақти хурокхӯрӣ эҳтиёткор бошад.
6. Ҳангоми дохилшавӣ ба хонаи дигарон, ба ҳар тараф нигоҳ накунад.
7. Нағзии ба дигарон кардаро фаромӯш кунад.
8. Бадии дигаронро аз хотир баровардан ва бахшидан.

**Усули дин 8 аст:**

1. Тавҳид-яккаву ягона будани Худоро тан гирифтан.
2. Нубувват-ба ҳақ будани пайғомбарамон бовар карда, суннатҳои он касро ба ҷо овардан.
3. Адл-дар роҳи рост будан, амалҳои исломиро дар меъёраш иҷро кардан.
4. Имомат-кори охиратро аз кори дунё пеш гузоштан.
5. Амри маъруф-фармудаҳои илоҳиро иҷро намуда, ба дигарон ҳам талқин кардан.
6. Наҳйи мункар-манъкардаҳои Худоро накардан, ба дигарон ҳам фаҳмонда додан.
7. Тавалло-дӯстони Худоро дӯст ҳисобидан.
8. Табарро-душманони Худоро душман донистан.

**Ҳукмҳои шаръӣ 8 аст:**

1. Фарз-карданаш шарт, накарда гунаҳкори азим, инкоркарда кофир гардад.
2. Воҷиб-карданаш шарт, накарда гунаҳкори азим гардад, инкоркарда кофир нагардад.
3.Суннат-карданаш савоб, тарк карданаш эҳтимоли аз шафоати Пайғомбарамон бенасиб монандро дорад.
4. Мустаҳаб-амалҳое, ки пайғомбарамон гоҳе карда, гоҳе накарда. Амалҳои мустаҳабро ба ҷо оварда савоб ёбад, накарда гуҳаҳкор нашавад.
5. Мубоҳ-амалҳое, ки ба карда ва накарда на савобу на гуноҳ бошад.
6. Ҳаром-амалҳое, ки аз тарафи Парвардигор ҳаром карда шудааст, карда сахт гунаҳкор шавад, ҳаромро ҳалол гуфта кофир шавад.

7. Макрӯҳ-амалҳои ноҷоизе, ки аз тарафи Парвардигор наҳй карда шудааст.

8. Муфсид-амалҳои ҳолатҳои шаръиро вайронкунанда.

**Дар рукӯъ 8 суннат аст:**

1. Барои рукӯъ кардан гуфтани такбир.
2. Дар рукӯъ камаш се маротиба «субҳона роббиял аъзим» гуфтан.
3. Дар рукӯъ бо панҷаҳои нимкушод зонуҳоро қапидан.
4. Дар рукӯъ зонуҳоро рост нигоҳ доштан.
5. Дар рукӯъ тарзе хам бояд гашт, ки тахтапушт рост бошад.
6. Ҳангоми аз рукӯъ баргаштани имом "самиаллоҳу лиман ҳамида" гуфтани имом, муқтадиён бояд "роббано лакал ҳамд" гӯянд.
7. Имом бояд "Аллоҳу Акбар", "самиаллоҳу лиман ҳамидаро" чунон гӯяд, ки муқтадиён шунаванд.
8. Баъди қавма, яъне баъди баргардиш аз рукӯъ, як муддати кӯтоҳ ист кардан.

**Ҳашт тоифа одамон, рӯзи қиёмат, бадтарини офаридаҳои Парвардигор маҳсуб ёбанд:**

1. Дурӯғгӯён.
2. Аҳли такаббур.
3. Аҳли бӯғзу адоват.
4. Инсонҳое, ки фармудаҳои Аллоҳ ва расулони вайро оҳиста иҷро намуда, фармудаҳои шайтонро зуд ба иҷро расонанд.
5. Ноҳақ ва беҳуда қасам хӯрда, тамаъи дунё карда бошанд.
6. Хабаркашҳо.
7. Одамоне, ки байни дӯстҳо низоъ андозанд.
8. Дар ҳаққи одамони пок тӯҳмату бӯҳтон карда бошанд.

**Мамнӯъоти Ҳаҷ 8 аст:**

1.Гапҳои беҳуда гуфтан.
2. Корҳои фиску фасод кардан.
3. Доду фарёд ва ҷангу ҷидол кардан.
4. Чизҳои дӯхташуда пӯшидан.
5. Сару рӯйро бо тоқӣ ё рӯймол пӯшидан.
6. Чизҳои хушбӯйкунанда истеъмол кардан.
7. Мӯйҳои риш ва дигар ҷойи баданро тарошидан.
8. Нохунҳоро гирифтан.

**Ҳукмҳои Ҳайз ва нифос 8 аст:**

1. Занҳои дар ҳайз буда намоз нахонанд ва қазояшро иҷро накунанд.

2. Рӯза надоранд, лекин қазояшро доранд.
3. Ба масҷид даромаданашон ҳаром.
4. Тавофи Байтуллоҳ бараяшон ҳаром.
5. Қуръонро бе ҷилд қапиданашон ҳаром.
6. Қуръон хонданашон ҳаром.
7. Алоқаи ҷинсӣ карданашон ҳаром.
8. Аз ҳайзу нифос пок шуда, ғусл кардан барояшон фарз аст.

**Биҳиштро ҳашт нишон додаанд:**

1. Дорус-салом аз ёқути сурх.
2. Дорул-хулд аз нукра.
3. Ҷаннатул-наъим аз зумуррад.
4. Ҷаннатул-аъдн аз лаъл.
5. Ҷаннатул-фирдавс аз гавҳар.
6. Ҷаннатул- маъво аз нур.
7. Дорул-ҳалол аз забарҷад.
8. Боғи Ирам аз тилло.

**Ҳашт ганҷи Хусрави Парвизро эълом доштаанд:**

1.Ганҷи Арӯс.
2.Ганҷи Бодовард, ё Бодовар.
3.Ганҷи Деба.
4.Ганҷи Афросиёб.
5.Ганҷи Сӯхта.
6.Ганҷи Хазро.
7.Ганҷи Шодовард.
8. Ганҷи Бор.

**Пайғомбарамон гуфтаанд, ки 8 чиз аз 8 чиз сер нашавад:**

1. Чашм аз дидан.
2. Замин аз борон.
3. Зан аз мард.
4. Олим аз илм.
5. Саволдиҳанда аз савол додан.
6. Чашмгурӯсна аз ҷамъи молу мулк.
7. Баҳор аз об.
8. Оташ аз ҳезум.

**Ҳашт чиз чашмро қувват бахшад:**

1. Хондани Қуръон.
2.Нигоҳ кардан ба офтоб.

3.Тамошо кардани тилло.
4.Тамошо кардани чизҳои зебо.
5.Дидани одамони зебочеҳра.
6.Тамошои майсаву сабзаҳо.
7.Тамошои обҳои соф.
8.Дидани дӯстон.

## Дар шоҳроҳи Тариқат

**8 манбаи пайдоиши калимаи Сӯфӣ:**

1. Аз калимаи Саф гирифта шудааст.
2. Аз калимаи Ас-суффа гирифта шудааст.
3. Аз калимаи Суфӯҳ, яъне хулосаи ҳар чиз гирифта шудааст.
4. Аз калимаи Сафо гирифта шудааст.
5. Аз калимаи Соф гирифта шудааст.
6. Аз калимаи Сафос- яъне донишманд-калимаи юнонӣ гирифта шудааст.
7. Аз калимаи Суф яъне файласуф гирифта шудааст.
8. Аз калимаи Сӯф, яъне пашминапӯш гирифта шудааст.

**Мувофиқи таълимоти тасаввуфӣ одам 8 нафс дорад:**

1.Нафси Аммора- раҳрави роҳи бад.
2. Нафси Лаввома- нафси лоиқи ҷазо.
3. Нафси Мутмаъина – нафси басташуда.
4. Нафси Марзия – нафси ризоияти Худоро гирифта.
5. Нафси Мулҳама – нафси ба роҳи Худо ҳидояткунанда.
6. Нафси Розия – нафси Худо ризошуда.
7. Нафси София – нафси пок кардашуда.
8. Нафси Комила – нафси баъди рӯза.

## Дар олами Маърифат

**8 омили хушбахтиро 8 омили дигар бошад:**

1. Гӯш кардан дигаронро – гап назада.
2. Гап задан – дигаронро айбдор накарда.
3. Чизеро ба касе додан – тамаъ накарда.
4. Ба касе чизеро ваъда дода – фаромӯш накардан.
5. Ба саволи касе – бе баҳс ҷавоб гардондан.
6. Кореро иҷро кардан – бе шикоят.
7. Ба касе бовар кардан – лек шубҳа накардан.
8. Касеро бахшида истода – киноя накардан.

**Нигаҳдории забон аз 8 чиз:**

1. Аз дурӯғ гуфтан.
2. Аз гуфтани суханҳои мунофиқона.
3. Аз гуфтани ғайбату бӯҳтон.
4. Аз гуфтани гапҳои беҳуда.
5. Аз гуфтани суханҳои худситоёна.
6. Аз лаънат гуфтан.
7. Аз дуои бад кардани одамон.
8. Аз мазоқу масхара кардани одамон.

**8 одоби кӯчагардӣ:**

1. Беҳуда ва бемақсад ба кӯча набаромадан.
2. Пойи луч ба кӯча баромадан аз рӯи одоб нест.
3. Дар кӯчаҳо бо такаббур гаштан нишони беодобист.
4. Агар зарурат набошад, дар кӯчаҳо бо овози баланд гап назадан.
5. Имкон бошад аз назди хонаи одамони ҷанҷолӣ нагузаштан.
6. Ба ҷойҳои наҷасдор ва нопок қадам намондан.
7. Дар кӯча тез ва бошитоб нагаштан.
8. Қадамҳоро калон намонда бо маром роҳ гаштан.

**8 одоби такя зада дам гирифтан ва хоб кадан:**

1.Одами солим набояд зиёда аз шаш соат  хоб кунад.
2. Ҳангоми наздик шудан ба рахти хоб, бо пойи рост рӯйи ҷойи хоб барояд.
3. Бо тарафи росташ бояд хоб кунад.
4. Дар қалбаш калимаи шаҳодатро хонад.
5. Хобро як намуди мурдан ҳисобад.
6. Қасд ва ниятҳои бадашро аз хотир бароварда хоб кунад.
7. Вақти хестан аввал пойи чапашро аз кӯрпаи хоб барорад.
8. Тоза ва пок шуда ба хоб равад.

**8 одоби одамони ба мартаба нарасида:**

1. Аввалан то напурсанд, сухан нагӯянд.
2. Ҳангоми суханронӣ бо овози баланд гап назанад.
3. Ҳангоми гапзанӣ, ба чапу рост нигоҳ накунад.
4. Фақат ба саволи пурсанда ҷавоб диҳад.
5. Гапи сахт нагӯяд ва касеро наранҷонад.
6. Гапҳои пушаймониовар нагӯяд.
7. Гапи гӯяндаро набурад.
8. Бисёр гап назанад.

**8 одоб дар таъзия:**

1.Одами ба таъзия рафта, бояд кам гап занад.
2. Оҳу воҳи зиёдатӣ накунад.
3. Рӯйканиву мӯйканӣ накунад.
4. Гапҳои беҳуда ва бемаъниӣ нагӯяд.
5. Ба соҳибмурдагон сабру бардошт талаб кунад.
6. То тавонад ёрии моддӣ расонад.
7. Одоби одамгариро аз ёд набарорад.
8. Мурдан ҳақ буданро ба хотир орад ва ибрат гирад.

**8 одоби касбу кор ва савдову тиҷорат:**

1. Касбу кори худро аз ҳаром нигоҳ дорад.
2. Ба исрофкорӣ роҳ надода, ба ризқу колои ҳалол одат кунад.
3. Аз касбу кори худ ифтихор накунад.
4. Бо одамони касбу кори ҳаром дошта, муносибати молӣ накунад.
5. Ба касбу кори худ беъэтиборӣ накунад.
6. Дар касбу кор аз сардаҳи инсоф берун набарояд.
7. Ба қоидаи тарозудорӣ хиёнат накунад.
8. Ҳаққи мардумонро пос дорад.

**8 одоби фурӯшандагӣ:**

1. Бо харидорон хушмуомила бошад.
2. Ба харидорон дағалӣ накардан.
3. Моли фурӯхтаниро зиёда таъриф накунад.
4. Айби молашро гуфта фурӯшад.
5. Дар фурӯхтан қаллобӣ накунад.
6. Агар харидор молашро гардонда орад, ба ивази ҷарима гардонда гирад.
7. Агар харидори шинос пули нақд надошта бошад, ба нася диҳад.
8. Молашро аз нархи бозор зиёд накунад, аз рӯи инсоф фурӯшад.

## Хулосаҳои боби ҳаштгониҳо

Сатурн сайёраи раҳнамои рақами 8 маҳсуб гардида, зодагони таҳти ин рақам гарчанд соҳиби сурати зебо набошанд ҳам, аммо дили саршор аз муҳаббату сирати зебоеро бо худ доранд. Онҳо хоҳиши дар ҳама кор муваффақ буданро доранд ва дар ин роҳ устуворона гом мебардорандудақиқкориву дақиқназариашон ба мақсад мерасанд ва шояд аз ҳамин ҷиҳат дар пиронсолӣ соҳиби ҳама чиз мегарданд, қатъияти онҳо боиси тобеъ шудани дигарон ба онҳо мегардад, аммо худи онҳо тобеъ буданро намехоҳанд. Инсонҳои боваринокaнд, катъиятнокии онҳо боиси ӯҳдадориӣ зиёд гардида, онҳоро ба мартабаҳои раҳбарӣ оварда мерасонад. Аммо онҳо низ тарки хислатҳои бад карданашон душвор аст, ҳариси молу мулканду барои манфиати шахсӣ ориятро фаромӯш мекунанд. Дар мисоли ҳаштгониҳо аксари нишондодҳои башоратномаи боб таҷассуми худро ёфтааст. Асрори рақами 8,

ки бароямон дастрасу пешкаши шумо шуд, ҳар яки моро ба чанд сирри ин дунё ва аз якчанд асрори он дунё ҳушдор медиҳад. Огоҳ месозад, ки Инсонзодаем, дар ҳаёт чун Инсон зиндагӣ намоем ва чун Инсон бо ифтихор ин дунёро тарк кунему ба назди офарандаи худ-Парвардигор равем.

# Нӯҳгониҳо

***Ҷунбиши ҳафт ахтар аз ин як ҳавост,***
***Ғулғули нӯҳ гунбад аз ин як навост.***
***Хусрави Деҳлавӣ***

### Башоратномаи зодагони рафами 9

Сайёраи раҳнамои рақами 9 Миррих бошад ва ин сайёра ҳама чизро зери тасарруфи худ даровarda. Андар раҳи зодагони таҳти рақами 9 садде, ё мушкилие падид ояд, бидуни душворӣ ҳаллу фасл кунанд, ашхоси олитабиатанду гоҳо қуввати бузургиашон бар зидди худашон равона шавад. Одамони худбинанд ва ин боис ҳаёташон дар оиладорӣ, байни афроди муҳити зист ба монеаҳои зиёде дучор гардида, хело мураккаб шавад. Онҳо итоаткориро написанданд ва ташаббускорони хубанд. Аксари одамоне, ки таҳти ин сайёраву рақам зойида шудаанд, эҷодкору тадбиркору фаъолонанд. Онҳо мақсадҳои олӣ доранд ва зина ба зина боло рафта ба мақсад расанд, лекин табиати хасисӣ доранду ба худ бино монда, манманӣ кунанд ва аз ин боис гоҳо ба ҳалокат ҳам расанд.

Касоне, ки зери рақами 9 таваллуд шудаанд, бархурдор аз чунин хислатҳои хуб бошанд. Ин одамон ҳаётдӯстанд, ҳиссу дарки маъсулиятнокиашон боло буда, дар ҳалли бисёре аз масъалаҳо ба дигарон ҳамрангиву ҳамоҳангӣ ҳам доранд. Азбаски қобилияту ва лаёқати хуби таҳлилӣ доранд, ҳар як рафтору кирдори худро дар тарозуи ақл бармекашанд, мехоҳанд, то моҳияти ҳар як чизро ба пуррагӣ донанд. Онҳо ҳунармандони хубанд, ба дигарон ҳамдардӣ, ёрмандӣ карданро дӯст доранд, гоҳе мешавад, ки барои дигарон худро қурбон кунанд. Умуман одамони беҳтарин зери ҳамин рақам ба дунё омадаанд.

Одамоне, ки таҳти рақами 9 таваллуд шудаанд, ҷиҳатҳои манфии зеринро ҳам доро мебошанд. Онҳо аз ҳад зиёд ҳассосанду тез рӯҳафтода шаванд. Аз ин боис тез асабонӣ гарданд, баъдан аз он ғамгин гаштаву маъюс шаванд. Дар чунин лаҳзаҳо танҳоиро беҳтар донанд ва муддате ба хаёлпарастӣ ҳам дода шаванд. Дар ин ҳангом онҳоро ҳисси тарсу ваҳм фаро гирад. Ин ҳиссиёт онҳоро ба майхорагӣ, гиёҳвандӣ ва аъмоли бад водор кунад. Аз инҷост, ки онҳо худро аз дигарон дар канор гиранд ва сармояашонро сарфакорӣ карда натавонанд.

### Рамзҳои рақами 9

Рамзи рақами 9 – пурсамарии кор аст.
Сайёраи раҳнамои рақами 9 – Миррих, Ноҳид маҳсуб ёбад.
Шиори рақами 9 – Сулҳдӯстӣ бошад.
Ранги писандидаашон асосан ранги сурх аст.
Бурҷи осмонии рақами 9 – Қавс аст.
Маъдани тааллуқи рақами 9 – Алмос.
Рӯзи омадовари рақами 9 –сешанбе.
Сангҳои қимматбаҳои лоиқи рақами 9 – Забарҷад.
Рӯзҳои муносибтарин ба зодагони рақами 9 – 9, 4, 7.

**Ифодаҳои рақами нӯҳ дар табиат:**

Нӯҳ – шумораи миқдорӣ.
Нӯҳум – шумораи тартибӣ.
Нӯҳяк – шумораи касрӣ.
Нӯҳсад – шумораи мураккаб.
Нӯҳсаду наваду нӯҳ – шумораи таркибӣ.
Нӯҳдорон – рӯзи нӯҳуми таваллуди кӯдак, номгузорӣ мекарданд.
Нӯҳ гумбад – киноя аз нӯҳ табақаи осмон.
Нӯҳ табақ – киноя аз нӯҳ табақаи осмон.
Нӯҳ фалак – киноя аз нӯҳ табақаи осмон.
Нӯҳгона – нӯҳқабата.
Нӯҳпоя – он чизе, ки нӯҳ пой ё қабат дошта бошад.
Нӯҳсар (мори нӯҳсар) – киноя аз фалак.

## Нӯҳгониҳо дар фазои Шариат

**Парвардигор олами ҷисмро аз 9 табақ офаридааст:**

1.Аввал Аршро офаридааст.
2. Сипас Курсиро офаридааст.
3. Баъд аз он Осмони 7-умро офаридааст.
4.Баъд аз он Осмони 6-умро офаридааст.
5.Баъд аз он Осмони 5-умро офаридааст.
6.Баъд аз он Осмони 4-умро офаридааст.
7.Баъд аз онОсмони 3-юмро офаридааст.
8.Баъд аз он Осмони 2-юмро офаридааст.
9.Баъд аз он Осмони 1-умро офаридааст.

**Рӯҳҳо 9 дараҷаи мақом доранд:**

1. Арш мақоми хатми пайғомбарон Муҳаммад (с.а.в.) аст.
2. Курсӣ мақоми пайғомбарони улулазм.
3. Осмони 7 мақоми пайғомбарони мурсал.
4. Осмони 6 мақоми пайғомбарони оддӣ.

5. Осмони 5 мақоми авлиёҳо.
6. Осмони 4 мақоми донишмандону ҳакимон.
7. Осмони 3 мақоми одамони зоҳид.
8. Осмони 2 мақоми одамони аҳли тақво.
9. Осмони 1 мақоми одамони аҳли Имон.

**Нуҳ фариштаи машҳур аст:**

1.Ҷаброил – фариштаи ваҳйоранда.
2. Микоил – фариштаи ризқоранда.
3. Азроил – фариштаи ҷанг.
4. Исрофил – фариштаи суркашанда.
5. Дардоил – фариштаи муайянкунандаи Рӯзу моҳҳо.
6. Исмоил – фариштаи мутасаддии гиёҳҳо.
7. Зуқойил – фариштаи тарозудори рӯзи қиёмат.
8. Аҳроил – фариштаи мутасаддии дарёву обҳо.
9. Ҳазрат Малик – фариштаи муаккадами 7 дузах.

**Нуҳ воқеъаҳои рӯзи Ашӯрои моҳи Муҳаррамро фақеҳ Абулайси Самарқандӣ чунин баён карда:**

1. Парвардигор дар ин рӯз замину осмонро офарида.
2. Парвардигор дар ин рӯз тавбаи Одам алайҳиссаломро қабул карда.
3. Парвардигор дар ин рӯз заминро аз Фиръавн пок гардонида.
4.Парвардигор дар ин рӯз аз оташи Намруд Иброҳим пайғомбарро раҳонида.
5. Парвардигор дар ин рӯз Аюб алайҳиссаломро наҷот дода.
6.Парвардигор дар ин рӯз ҳазрати Юнусро аз шиками моҳӣ халос карда.
7. Парвардигор дар ин рӯз Сулаймонро ба тахт нишонда.
8. Парвардигор дар ин рӯз аз киштӣ ҳазрати Нӯҳро баровapда.
9. Парвардигор дар ин рӯз ҳазрати Юнусро наҷот бахшида.

**Дар китоби Ҳаҷнома 9 нияти ҳаҷ карданро нишон додаанд:**

1. Маблағи зарурӣ дошта бошад.
2. Аз гуноҳҳои кардааш аз сидқи дил тавба карда бошад.
3. Пеш аз сафари Хаҷ ду ракъат намози нафл гузаронда бо наздикон хайру хуш карда бошад.
4. Маблағи мавҷудро бо хушнудӣ сарф намудан.
5. Аз зебу зиннат ва асбоби роҳат худдорӣ намудан.
6. Дар вақт-вақташ гузаронидани намоз.
7. Бо иштиёқи баланд ҳар як аркони Хаҷро иҷро намудан.
8. Дар ҳама ибодат худро ҳақиру бонуқс дидан.
9. Аз сидқи дил талаби дуо намудан.

**9 суннати Ҳаҷ:**

1.Тавофи қудум.
2. Рамал ва изтибоъ.
3. Рӯзи ҳаштум ба Мино рафта шабро дар он ҷо гузарондан.
4. Пас аз баланд шудани офтоби рӯзи Арафа ба сӯи Арафот рафтан.
5. Шаби идро дар Муздалифа гузарондан.
6. Шабҳои се рӯзи идро дар Мино гузарондан.
7. Талбия гуфтан.
8. Ғусли рӯзи Арафот дар Арафот.
9. "Ҳаҷарул-асвад"-ро қапидан ва бӯсидан.

**Дар таърихи башарият 9 рамзро (тимсолро) намунаи ибрат донанд:**

1. Тимсоли Шоҳи одил – Анӯшервони одил, Умар ибни Хаттоб.
2. Тимсоли Подшоҳи идеалӣ – Искандари Мақдунӣ.
3. Тимсоли паҳлавонӣ - Рустами Достон.
4. Тимсоли саховатпешагӣ – Ҳотами той.
5. Тимсоли табибӣ- Луқмони Ҳаким, Ибни Сино.
6. Тимсоли давлатмандӣ – Қорун, Фиръавн.
7. Тимсоли зебогӣ – Момо Ҳавво, Юсуф-пайғомбар.
8. Тимсоли донишмандӣ – Афлотун.
9. Тимсоли хасисӣ – Қорӣ-ишкамба.

**Духтари обидаву зебо 9 сифат дорад:**

1.Зебогии духтар аз иффату шарми ӯ аст.
2. Зебогии лаби духтар аз зикри Аллоҳ аст.
3. Зебогии забони духтар аз хондани Қуръон аст.
4. Зебогии зулфони духтар аз шабзиндадориҳои ӯст.
5. Зебогии дастони духтар аз касбу кори ҳалолаш.
6. Зебогии чашмони духтар аз надидани чизҳои ғайри зебост.
7. Зебогии қади духтар аз тоату ибодати ӯст.
8. Зебогии пойҳои духтар аз қиёму рукӯю суҷудаш.
9. Зебогии қалби духтар аз нури илоҳист.

**Муҳаммад алайҳиссалом 9 амак доштанд:**

1. Ҳорис.
2.Абӯтолиб
3. Зобир
4. Абдулкаъб
5. Ғайдок
6. Зиррор
7. Абӯлаҳаб

8. Ҳамза
9. Аббос

### Хулосаҳои боби нӯҳгониҳо

Сайёраи раҳнамои рақами 9 Миррих буда, ҳама чиз зери тасарруфи он мебошад. Зодагони зери рақами 9 саддеву мушкиле пеш ояд, бедушворӣ ҳаллу фасл карда метавонанд, одамони олитабиатанд, қуввати бузург доранд. Ҳарчанд ҳар рафтору амали худро дар тарозӯи ақл баркашанд ҳам, хислатҳои худбиниву якравӣ онҳоро ба марг наздик мекунад. Олами ҷисму рӯҳ, қудрати офарандагии Офаридгор, фариштаҳову афроди машҳур, хоҳишу орзуи инсон дар ҳаёт баҳри дунёи бақо дар ин боб мақом ёфта. Офариниши 7 Осмону Курсиву Арш, мақоми Рӯҳ дар ин офаридаҳои Парвардигор, амалҳои Худовандро фақат мешунавему дарк мекунем, магар мӯъҷизаву асрор нест? Мутобиқати зодагони ин рақам ҳам ба мисолҳои болоӣ як мӯъзиза аст.Ва ба ин мӯъҷизаву асрори рақамҳо дар Табиату Шариату Тариқату Маърифат шак наовардаву чун Инсон зиста тавонистан ҳам мӯъҷиза аст.

# Даҳгониҳо

**Мо лӯъбатаконему фалак лӯъбатбоз,**
**Аз рӯи ҳақиқат на аз рӯи маҷоз.**
**Бозича ҳамекунем ба натъи вуҷуд,**
**Афтем ба сандуқи адам як-як боз.**
**Хайём**

**Ифодаҳои рақами даҳ дар табиат:**

Даҳ шумораи миқдорӣ
Даҳум шумораи тартибӣ
Даҳяк шумораи касрӣ
Даҳбошӣ саркардаи даҳ сипоҳӣ
Даҳа – шаҳарча(деҳа).
Даҳгӯр – сифати Баҳроми Гӯр, ки гӯё бо як ҳамла даҳ гӯр(ҳайвони ваҳширо шикор мекардааст).
Даҳдаҳӣ – зари даҳдаҳӣ, тиллои холис.
Даҳдила – мунофиқ, дурӯя, булҳавас.
Даҳзабон – пургӯй, лаққӣ, серҷоғ.
Даҳлез – даромадгоҳ.
Даҳмарда – киноя аз ҷоми калон.
Даҳлезӣ – киноя аз сухани беҳуда.
Даҳмардагӣ – марди пургӯй.
Даҳо – доҳӣ, зиракӣ, пешбарандагӣ.
Даҳок – лақаби Заҳҳок.

**Даҳгониҳо дар фазои Шариат:**

**10 ҳолате, ки ба иҷобат шудани дуо мувофиқанд:**

1. Рӯзҳои арафаи моҳи шарифи Рамазон, иди Қурбон ва рӯзҳои Ҷумъа.
2. Ҳангоми ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ, баъди хондани намозҳои фарз ва ҳангоми боридани борон.
3. Ҳангоми дуо рӯйро сӯи қибла гардондан, дастҳоро аз оғӯш дар ҳолати канда кардан, ба рӯй молидан.
4. Ҳангоми дуохонӣ овоз бояд на баланду на паст бошад.
5. Дуоро дар ҳолати тазаррӯъ кардан, дарки маъно намуда хондан.
6. Бо хушӯъю вузӯъ бо умедворӣ дуо кардан.
7. Итминон ба қабули доу кардаву хондан.
8. Ба қабули дуо нобоварӣ накарда, дохониро партофтан хуб нест.
9. Ҳама дуоро бо зикри Парвардигор оғоз намудан.
10. Пеш аз дуохонӣ тавба аз гуноҳҳо кардан ва садақа додан хуб аст.

**Хоҳед, ки қалбатон ҳамеша зинда бошад, бояд ба 10 чиз амал кунед:**

1. Бо фақиру мискинон ҳамроҳ нишинед.
2. Аз сӯҳбати дунёпарастону молпарастон дур бошед.
3. Ба бечорагон ҳамдардӣ намуда, дасти ёрӣ дароз кунед.
4. Бо зердастон дар муомилаи хуб бошед.
5. Ғарибонро меҳмон ва навозиш кунед.
6. Нисбати камбағалон саховатпеша бошед.
7. Олимоне, ки ба илмашон амал кунанд дар эҳтиром намоед.
8. Хидмати пирон намуда, дуои онҳоро гиред.
9. Одамонро ба некӣ даъват карда, аз бадиҳо боздоред.
10. Ибодатро баҳри биҳишт, ё аз тарси дузах накунед, барои ёфтани ризоияти Аллоҳ кунед.

**Пайғомбарамон 10 нафар саҳобаро вақти зинда буданашон ҷаннатӣ эълон кардаанд:**

1. Абӯ Бакри Сиддиқ.
2. Умар ибни Хаттоб.
3. Усмон ибни Аффон.
4. Алӣ ибни Абӯ Толиб.
5. Талҳа ибни Убайдуллоҳ.
6. Зубайр ибни ал-Аввом.
7. Абдураҳмон ибни Авф.
8. Саид ибни Зайд.
9. Саъад ибни Абӯ Ваққос.
10. Абӯ Убайд ибни ал-Харроҳ.

**10 фарзи шинохтани Худо:**

1. Ҳай- яъне Парвадигор зинда аст.
2. Олим- яъне Парвадигор доно аст.
3. Қодир- яъне Парвадигор тавоно аст.
4. Самеъ- Қодир- яъне Парвадигор шунаванда аст.
5. Басир- Қодир- яъне Парвадигор бинанда аст.
6. Мурид- яъне Парвадигор ба бақову фанои ҳар чиз қодир аст.
7. Мутакаллим- яъне Парвадигор суханкунанда аст.
8. Таквин- яъне Парвадигор пайдокунанда аст.
9. Бечуну бечаро- парвардигор беайбу бенуқсон бошад.
10. Беиштибоҳ ва бенамуна-Парвадигор бехатост ва монанду назир надорад.

**Ичрои 10 амал суннат аст:**

1. Кӯтоҳ карда гаштани мӯйлаб.
2. Риш мондан.
3. Дандонҳоро бо мисвок шустан.
4. Биниро бо об чайқонида истодан.
5. Нохунҳоро гирифта истодан.
6. Байни буғум ва байни ангуштонро шуста истодан.
7. Мӯйҳои зери бағалро тоза карда истодан.
8. Мӯйҳои зери нофро тоза карда истодан.
9. Махраҷҳои наҷосатбароро шуста истодан.
10. Писарбачаҳоро хатна кунонидан.

**Калиди ризқ 10 аст:**

1. Талаби омурзиш ва тавба кардан.
2. ПарҳезкоривуХудотарсӣ.
3. Таваккал бар Худо кардан.
4. Ба ҳузури дил (хотирҷамъ) ибодат кардан.
5. Баъди Умра Ҳаҷ кардан.
6. Пайвастан бо хешовандон.
7. Нафақа дар роҳи Аллоҳ додан.
8. Некӣ кардан ба заъифон.
9. Нафақа ба толибилмон додан.
10. Дур шудан аз куфру гаравидан ба имон.

**Даҳгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат:**

**Шайх Назмиддин Кубро манзилҳои Тариқатро 10 ҳисобидаанд:**

1. Тавба – оғози ҳама амалҳо.

2. Зӯҳд – дар ҳама корҳо парҳезкор будан.
3. Таваккул – дар ҳама кор фақат ба Парвардигор такя кардан.
4. Қаноат – дар ҳама чиз босабр будан.
5. Узлат – дар гӯшанишинӣ ҷисм ва фикри худро пок сохтан.
6. Таваҷҷӯҳ – муходала бо нафси худ кардан.
7. Сабр – давраи санҷиши солик, пуртоқатӣ дар ҳама амалҳо.
8. Муроқаба – пайвасти ақлу шуур, сабру тоқат, зикру тоати худро пурра гардондан.
9. Зикр – дар ҳама ҷо ва дар ҳама вақт андар зикри Худо будан.
10. Ризо – солик қудрати илоҳиро пурра эҳсос намуда, худро ба иродаи Аллоҳ супурдан.

**Тариқат 10 интиҳо (хатм) дорад:**

1.Зикр.
2. Шукр.
3. Хизмат.
4. Тоат.
5. Мурувват.
6. Қаноат.
7. Муҳаббат.
8. Таслим.
9. Таваккул.
10. Тавҳид.

**10 хислати аҳли футувват:**

1. Аз сидқи дил дар итоати Парвардигор будан.
2. Бо халқ дар муомилаи хуб будан.
3. Нафси худро шикастан.
4. Ба калонсолон дар ҳурмату эҳтиром будан.
5. Ба хурдон раҳму шавқат кардан.
6. Бо маслиҳати дӯстон кор кардан.
7. Ба олимон дар тавозӯъ будан.
8. Бо аҳли ҳикмат муомилаи хуб доштан.
9. Ба душманон саховат кардан.
10. Дар назди ҷоҳилон сукут кардан.

**Бинои тасавуф бар 10 бошад:**

1. Илм омӯхтан.
2. Аз аҳли ҳилм будан.
3. Тақводор будан.

4. Аз аҳли сахо будан.
5. Соҳибшукр будан.
6. Босадоқат будан.
7. Аз аҳли вафо будан.
8. Аз аҳли ризо будан.
9. Соҳибсафо будан.
10. Аз аҳли ишқ будан.

**Мурид бояд соҳиби 10 сифат бошад:**

1. Ба синни балоғат расида бошад.
2. Соҳиби ақли расо бошад.
3. Аҳли муслимон бошад.
4. Аҳли талабгорон бошад.
5. Аҳли садоқат бошад.
6. Ба ихтиёри пир тобеъ  бошад.
7. Соҳиби идроку зирак бошад.
8. Сухани пирро рост шуморад.
9. Аҳли қаноат бошад.
10. Солиму озод бошад, яъне ба  пири дигар тобеъ  набошад.

**Ғизои роҳи факр бар 10 аст:**

1. Аз аҳли ҳилм будан.
2. Аз аҳли илм будан.
3. Аз аҳли ҳаё будан.
4. Аз аҳли зоҳираш пок  будан.
5. Аз аҳли адл будан.
6. Аз аҳли ҷавонмардон будан.
7. Аз аҳли сирдорон будан.
8. Аз аҳли таваккал будан.
9. Аз аҳли мададкорон  будан.
10. Аз аҳли ихтиёри худро ба пир супурдагон  будан.

**10 хислати нақибон (одамони аҳли Ҳол):**

1. Аввалан бояд аз олимон бошанд.
2. Олимони ба илм амалкунанда бошанд.
3. Бисёр сафар карда, бисёр чизҳоро донанд.
4. Қобилияти роҳбарӣ дошта бошанд.
5. Соҳибнасиҳат бошанд.
6. Одамони накӯкор бошанд.
7. Саховатпеша бошанд.
8. Одамони хушхулқ бошанд.
9. Сухани ҳақро гӯянда бошанд.

10. Касони сирро нигоҳ доранда бошанд.

## Даҳгониҳо дар олами Маърифат:

**Даҳ насиҳати Луқмони Ҳаким ба писараш:**

1. Сирратро махфӣ нигаҳ дор.
2. Дар ҳама кор миёнаҳол бош.
3. Миқдори бойигариатро ба дӯсту душманат нагӯй.
4. Ҳамаи гуфтаҳои фарзандонатро накун.
5. Дар талаби моли дунё аҳли байтро дар азоб нагузор.
6. Вақти дар ғазаб буданат, гапро дониста гӯй.
7. Бо одамони камақл, девона ва маст сӯҳбат накун.
8. Бе пул, бе корд, бе ангуштарӣ нагард.
9. Худатро хор кардан намон.
10. Худо ва маргро доимо пеши назар ор, некии кардаатро фаромӯш кун.

**Дар 10 ҷой салом додан хуб нест:**

1.Дар ҳоҷатхона.
2. Ҳангоми ишқварзӣ.
3. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ.
4. Вақти хутба хондани Имом дар масҷид.
5. Ҳангоми азон ҷеғ задан ё қомат гуфтан.
6. Вақти намоз хондан.
7. Ҳангоми Амри Маъруф кардан.
8. Ҳангоми дар зикри Худо будани одамон.
9. Вақти Қуръон хондан.
10. Ба занҳои номаҳрам салом додан.

**Сагҳо 10 хӯю хислат доранд:**

1. Сагҳо молу мулк надоранд.
2. Сагҳо назди мардум қадру қиммат надоранд.
3. Сагҳо макони муайян надоранд.
4. Сагҳо аксари вақтҳо гуруснаанд.
5. Сагҳо аксари вақт хомӯшанд.
6. Агар соҳибаш занад, наранҷад.
7. Дӯстони соҳибхона ояд, аккос назананд.
8. Хонаи соҳибашро шабу рӯз посбонӣ кунад.
9. Ба додаи соҳибаш қонеъ аст.
10. Доимо дар хизмати соҳиби хона аст.

**Парвардигор сурати 10 тоифаи одамонро тағир додааст:**

1. Рӯбоҳ одам буд, лекин ба модараш беодобӣ кард, бинобарон ба рӯбоҳ табдил ёфт.

2. Гурба дукчӣ буд, пули дукро гирифт, лекин дук надод, бинобарон ба гурба табдил ёфт.

3. Маймун занак буд, лекин ба ҳайзу нифос риоя накард, бинобар он ба маймун табдил ёфт.

4.Хук одам буд, чизи одамонро бисёр мехӯрд ва пулашро кам медод, бинобар он ба хук табдил ёфт.

5. Гург одам буд, лекин ҳаромзодагӣ кард, бинобар он ба гург табдил ёфт.

6. Хачир газворӣ буд, лекин матоъро аз бару будаш мезад, бинобарон ба хачир табдил ёфт.

7. Саг одам буд, лекин ба ҳаққи тарозу хиёнат мекард, бинобар он ба саг табдил ёфт.

8. Фил одам буд, лекин киштзорҳоро поймол мекард, бинобарон ба фил табдил ёфт.

9. Муш одам буд, лекин моли мардумро медуздид, бинобарон ба муш табдил ёфт.

10. Хирс одам буд, лекин хеле баднафсӣ мекард, бинобароон ба хирс табдил ёфт.

**10 қонунияти хушбахт зистан:**

**1.**Гапи дигаронро набурида, гӯш карда тавонистан.
2.Ҳангоми сухангӯӣ дигаронро айбдор накардан.
3. Чизеро ба дигарон дода, тамаъ надоштан.
4. Ба касе ваъда дода, аз ёд набаровардан.
5. Ҷавоби сухани касро дода, баҳс накардан.
6. Бе мамониат гузашт карда тавонистанро ёд гирифтан.
7. Вақти кореро иҷро кардан, шикоят накардан.
8. Бегумон бовар карданро одат кардан.
9. Гуноҳи дигаронро бе гила кардан бахшидан.
10. Доимо дар тоату ибодат будан.

**10 одоби таъом хӯрдан:**

1. Дастҳоро шуста, бо пойи чап нишастан.
2. Фақат аз назди худ хӯрдан.
3. Ба хӯрокхӯрии дигарон нанигаристан.
4. Фақат аз як лаби табақ хӯрок гирифтан.
5. Хӯрокро бо қошуқ, ё се ангушт хӯрдан.
6. Панҷаҳоро тоза карда истодан.
7. Зарфи хӯрокхӯрдаро тоза карда мондан.
8. Луқмаи аз даст афтидаро тоза карда хӯрдан.
9. Ҳангоми таъомхӯрӣ такя карда нахӯрдан.
10. Баъди таъом дастонро шустан.

**10 суннати сафар кардан:**

1.Аввал ҳамроҳи хуб интихоб кардан.
2. Ба қоидаҳои ҳамроҳӣ риоя намудан.
3. Ба ҳамроҳ  нишон додани  мурувват.
4. Ҳангоми нишастан ба ароба, асп, ё шутур мағрур нашудан.
5. Ҳангоми ба пештоқи (боло, садр) хона шинондан, мағрур нагаштан.
6. Доимо дар шукр будан.
7. Доимо дар таҳорат будан.
8. Кучоеро муносиби истироҳат интихоб кунанд, дар шукр будан.
9. Вақти   сафар  бо дӯстону хешовандон хайрбодӣ кардан.
10. Фақат бо ичозати волидон ва хешовандон ба сафар баромадан.

**10 одоби ба меҳмонӣ рафтан:**

1.Ҳангоми ба меҳмонӣ рафтан, аз мизбон  пеш нагузаштан.
2. Ҳангоми дохилшавӣ ба хона, ҳатман бо пойи ростро гузоштан.
3. Ҳангоми даромадан ба хона, салом додан.
4. Фақат ба чойи нишондодаи мизбон нишастан.
5. Баъди ба хона даромадан тез-тез ба атрофи хона нанигаристан.
6. Хӯрокро миқдори меъёр хӯрдан.
7. Хӯроки рӯи хонро ба ину он тараф бардошта намондан.
8. Баъди истеъмоли ғизо шукр гуфтан, соҳибхонаро дуо кардан.
9. Бо пойи чап аз хона баромадан.
10. Баъди берун баромадан, шукр ба чой овардан, аммо шикоят накардан.

**10 одоби маъракадорӣ:**

1. Соҳибмаъракa бояд кушодчеҳра бошад.
2. Ҳушҳолона ҳаракат кунад.
3. Меҳмононро бо табассум пешвоз гирад.
4. Меҳмонҳоро мувофиқи дарачаашон шинонад.
5. Агар бинад, ки шахси лоиқе дар чойи нобоб нишастааст, ӯро ба чойи мувофиқ шинонад.
6. Ба меҳмонон мурувват намояд.
7. Бо тиловату  дуо бузургону азизонро ёдоварӣ кунад.
8. Агар дар наздикии маърака азову мотам бошад, гузаштагонро ба некӣ ёд кунад.
9. Ба рӯҳу арвоҳи гузаштагон дуову фотиҳа кунад.
10. Ҳамаро хушбошиҳо гуфта, аз гапҳои ночӯя худдорӣ кунад.

**10 хислати бад гунаҳкор:**

1. Аллоҳро ба ғазаб орад.

2. Шайтонро шод кунад.
3. Аз биҳишт дур равад.
4. Ба дузах наздик шавад.
5. Худро гирифтори азият кунад.
6. Нафси покизаро бо наҷас омезад.
7. Фariштаҳои амалнависро азият диҳад.
8. Пайғомбарро дар қаҳр кунад.
9. Ба гуноҳҳояш замину осмонро шоҳид гардонад.
10. Ба мардум хиёнат кунад.

# Ёздаҳгониҳо

**Ёздаҳгониҳо дар фазои Шариат:**

**Ҳаҷро 11 фарз бошад, ҳаштояш ҳатмист, сеи дигар рукни фарз:**

1. Озод бошад, на ғулом.
2. Мусулмон бошад, на кофир.
3. Оқил бошад, на маҷнун.
4. Болиғ бошад, на ноболиғ.
5. Саломат бошад, на бемор.
6. Иститоат, яъне маблағи кофӣ барои аҳли аёлаш монда бошад.
7. Роҳи сафари ҳаҷ бехатару мусоид бошад.
8. Занҳо фақат ҳамроҳи маҳрамон; шавҳар, падар, писар, ако ва додари худ бошанд.
9. Нияти Ҳаҷ кардан дошта бошад.
10. Дар кӯҳи Арафот истодан.
11. Хонаи Каъбаро таввоф (зиёрат) кардан.

**Ёздаҳ силоҳи имон:**

1. Ҳар як корро барои ризоияти Аллоҳ кардан.
2. Кори охират ва кори дунявӣ дар як вақт ояд, аввал кори охиратро карда баъд кори дунёвиро анҷом додан.
3. Фармудаҳои пайғомбарамонро бе чуну чаро қабул кардан.
4. Амру маъруф кардан.
5. Наҳйи мункар кардан.
6. Душманони Аллоҳро душман донистан.
7. Доимӣ дар зикри Аллоҳ будан.
8. Дӯстони Худоро дӯст доштан.
9. Доимо дар таҳорат будан.
10. Доимо дар талаби илм будан.
11. Шартҳои имонро қабул доштан.

**Ёздаҳ одоби дар роҳ гаштан:**

1.Аввалан ҳангоми роҳ гаштан, аз меъёр зиёд ба росту чап нигоҳ накардан.

2. Ба болоҳои бому ба дару деворҳои одамон нигоҳ карда наистодан.

3. Агар дарҳои манзили одамон кушода бошад, ба даруни ҳавлиҳо нанигаристан.

4. Пеши роҳи дигаронро нагирифтан.

5. Ба бачаҳо ва духтарони мардум гап напартофтан, канору оғушу бӯса накардан.

6. Пеши пой худро нигоҳ кардаву оҳиста рафтан.

7. Ба он ҷойе, ки кор надорад, нарафтан.

8. Эҳтиёткорона роҳ гаштан, то ба ягон ҷонзоде озор нарасад.

9. Пеш-пеши одамони калонсол нарафтан.

10. Агар коре надошта бошад, назди дари касе наистодан.

11. Ба маҳалли одамоне, ки дигаронро мутаҳҳам ва беобрӯ мекунанд, нарафтан.

**11 қоидаи таълимоти тариқати Нақшбандия:**

1. Ҳуш дар дам – ҳар як дами худро бо ёди Худо гузарондан.

2. Назар бар қадам – огоҳиро аз даст надодан.

3. Сафар дар ватан – ҳамеша қалбро дар ёди Худо доштан.

4. Хилват дар анҷуман – зоҳиран бо одамону ботинан бо Худо будан.

5. Ёдкард – ҳамеша дар зикри қалбӣ ва забонӣ будан.

6. Бозгашт – дар зикри калимаи Тайиба будан.

7. Нигоҳдошт – калимаи Тайибаро ҳамеша такрор кардан.

8. Ёддошт - ҳушёрона дар ёд доштани Худо.

9. Вуқуфи ададӣ – ба зикри ададӣ эътибор додан.

10. Вуқуфи замонӣ – шахси солик доимо аз аҳволи хеш бохабар бошад.

11. Вуқуфи қалбӣ – бо дили зокир, аз Парвардигори худ ҳамеша огоҳ бошад.

# Олами дувоздаҳгониҳо

**Ифодаҳои рақами дувоздаҳ дар табиат:**

Дувоздаҳ шумораи миқдорӣ.

Дувоздаҳум шумораи тартибӣ.

Дар ҳар шабонарӯз 12 ракат намози суннат мавҷуд аст.

Аз даврони қадим то ба имрӯз дар кушудани асрори табиат инсоният оҷизӣ мекашад ва ҳанӯз ҳам бо вуҷуди тараққиёти технологиву коммуникатсионӣ асрори зиёди донистанашавандагии табиат боқӣ мондааст ва дар ин бобат олимони зиёде босо ранҷ кашидаву осри гаронбаҳое боқӣ мондаанд. Дар табиати зинда ҳодисот ва воқеоте, ки бо ифодаи рақамҳо вобастагии қавӣ доранд, аз ҷумла ҳодиса ва воқеаҳое, ки бо рақами 12 ифода шудаанд, хеле зиёданд.

Дувоздаҳгониҳо дар ҷисми одамон:

Дар ҷисми ҳар як одам 12 ҷуфти қабурға мавҷуд аст.

Рӯдае, ки аз сӯрохии меъда оғоз гардада, то рӯдаи борик рафта мерасад, рудаи 12 аншута меноманд.

Агар буғумҳои дастҳоятонро бо сарангуштатон шуморед, дар ҳар даст 12 буғумиро мешуморед.

Дар таърих маълум аст, ки Ташкилоти Мизи Мудаввар аз 12 Ритсар иборат буд.

Ба Нато соли 1949 12 давлат аъзо буд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба 12 шаҳр унвони «Қаҳрамоншаҳр» дода буданд.

Ҳазрати Исо алайҳиссалом 12 шогирд дошт.

Геракл 12 корнамоӣ нишон додааст.

Ибодатгоҳи Сулаймон пайғомбар ба аз 12 қисмат иборат буд.

12 фарзандони Яъқуб алайҳиссалом 12 пушти Исроилро ташкил кардаанд. Ситораи Довуд алайҳиссалом 12 қирра дошт.

Насрониҳои (прославӣ) шарқӣ 12 ид доштанд.

Дар насрониҳо шаби 12 баъди мавлуди Исо алайҳиссалом муқаддас ҳисобида мешуд.

12 устоҳои гулдасти юнониҳо дар сохтмони Калисои Успенский ширкат варзида буданд.

Мувофиқи таълимоти дини буддоӣ аз нав тавлидшавии ҷонзодҳо аз 12 зина иборатанд.

Вақте, Мӯсо алайҳиссалом фирор аз душман доштан, аз пешашон дарёи азиме баромад бо амри Илоҳӣ, асояшонро сӯи дарё нигаронида ва дар он 12 гузаргоҳ пайдо гашт.

Дар афсонаҳои германӣ-скандинавӣ ба ғайри худои асосии Одина боз 12 худои дигар ҳам буд.

Дар дар жанрҳои адабии ҳикоя, повест, роман, афсона, достон ва ғайра ифодаи рақам 12 мақоми хосе дорад, аз ҷумла;

«12 шаб, ё чӣ ба шумо маъқул?»,-комедияи Шекспир,

«Дувоздаҳ»-достони Блок,

«12 моҳ» -афсонаи Маршак.

«12 курсӣ»- романи И. Илф,

«12 манора»- маҷмуаи ҳикояҳои нависандаи хитоӣ Ли Юя,

«Ҳаёти 12 Сезар» -маҷмӯаи ҳикояҳои Гая Транквилл,

«12 шоҳигарӣ» -романи нависандаи японӣ Оно Фуюми,

«12 суруд»- маҷмӯаи шеърҳои шоири юнонӣ Костас Паламас,

«12 дарвозаи Бухоро» -романи нависандаи тоҷик Ҷалол Икромосӣ,

«12 духтарони хобида»- балладаи Жуковский.

Ифодаи ибораи 12 овезаҳои алмосӣ дар романи А. Дюма «Се мушкетёр» ва ғайраҳо дар ҷабҳаи адабиёт бошанд, дар санъати кино:

«12 достони Оуэшон»-и коргардон С. Содерберг.

«12 мардони бағазабомада»-и коргардон У. Фридкин,

«12 тирамоҳ»-и филми И. Талпа.,

«12 рӯзи таваллуд»,-и филми И. Масаки,

«12 маймун»-и филми Т. Гиллиам ва ғайраҳо мисолҳои равшананд.

Дар олами мусиқӣ бошад, пеш аз ҳама 12 мақоми Борбади Марвазии тоҷик, ҳар як Октава ба 12 нимпардагиҳо тақсим мешавад.Дар олами соҳаҳои мухталиф:

«12 ҳаворӣ (тарғибгарон)» -и Микеланжелло, асари тасвирӣ,

Дар забони гавайӣ 12 овоз ва 12 ҳарф мавҷуд аст.

Дар судҳои муқаррарӣ 12 мушовирон интихоб мешаванд.

Маҷмӯи қонунҳои илми қадимро «Қонуни 12 ҷадвал» меномиданд.

Ақрабаки соат ба 12 қисмат шудааст, дар ду давр кор мекунад.

Сол ба 12 моҳ тақсим мешавад, мувофиқи тақвими хитоӣ, ба 12 бурҷҳо қиёс кардаанд.

Умри инсонро ба дувоздаҳ мучал қисмат кардаанд

Вақте, ки қавми Мӯсо (с. а. в.) аз пайғомбар об пурсиданд ва ӯ асояшро ба санг зад 12 чашма об ҳосил шуд.

## Ифодаҳои рақами 12 дар фазои Шариат

### Дар хондани намоз 12 фарз бошад, ки шаштои он берун аз намоз ва шаши дигар дар дохили намоз:

**Шаш фарзи берунии намоз:**

1. Ният кардан.
2. Оби пок ҷӯстан.
3. Ҷомаи пок пӯшидан.
4. Ҷойи пок ёфтан.
5. Дарёфтани вақт.
6. Дарёфтани қибла.

**Шаш фарзии дохили намоз:**

7. Гуфтани такбири таҳрима.
8. Дар қиём истодан.
9. Қироат кардан.

10. Ба рукӯъ рафтан.
11. Дар саҷда шудан.
12. Қаъдаи охир.

**Байни офаридаҳои Офаридгор иснайн (дугониҳо) 12 мақом доранд:**

1. Завҷу иснайн.
2. Замину осмон.
3. Шабу рӯз.
4. Офтобу моҳтоб.
5. Биҳишту дузах.
6. Куфру имон.
7. Ҳаёту марг.
8. Барру баҳр.
9. Аршу курсӣ.
10. Лавҳу қалам.
11. Илму амал.
12. Ҳусну ишқ.

**12 воҷиботи имон:**

1. Бо олимон дар сӯҳбат шудан.
2. Аз одамони фосиқ дур будан.
3. Ба шавҳарҳояшон хизмат кардани занҳо.
4. Ба ташнагон об додан.
5. Беморонро рафта дидан.
6. Ба ятимон раҳму шавқат кардан.
7. Ҳурмати одамонро ба ҷой мондан.
8. Мурдаро шустан.
9. Роҳҳоро аз сангу хор тоза кардан.
10. Наҷосати дар роҳ бударо зери хок гӯронидан.
11. Ба аҳли аёл илм омӯхтан.
12. Падару модарони худро зиёрат карда истодан.

**Шиаҳо 12 имом доранд:**

1. Алӣ ибни Абӯтолиб- 601-661.
2. Имом Ҳасан- 625-669.
3. Имом Ҳусайн- 627-681.
4. Зайнулобидин Алӣ-вафоташ 713.
5. Муҳаммад Ал-Боқир-вафоташ 732.
6. Ҷаъфар Ал-Содиқ -700-705.
7. Мӯсо Ал-Козим- вафоташ 799.
8. Алӣ Ар-Ризо- вафоташ 818.
9. Муҳаммад Ат-Тақӣ-вафоташ 835.

10. Алӣ Ан-Нақӣ-вафоташ 868.
11. Ҳасан Ал-Асқарӣ-846-873.
12. Муҳаммад Ал-Маҳдӣ 868-877 (ғайбгашта).

**Аз 12 гуноҳи кабира худдорӣ бояд:**

1. Ширк овардан ба зоту сифотҳои Аллоҳ таоло.
2. Намозро қасдан тарк намудан.
3. Бегуноҳ одамро куштан.
4. Одами солеҳ ва покро бо лафзи зино ҳақорат додан.
5. Ҳангоми ҷанг аз душманон гурехтан.
6. Зино кардан.
7. Бо сеҳру ҷоду машғул будан.
8. Хиёнат кардан ба моли одамон ва ятимон.
9. Ба падару модар оқ шудан.
10. Дар хонаи Каъба қасди гуноҳ кардан.
11. Пул ва молро ба иҷораи фойида додан.
12. Шароб хӯрдан.

**Дар як шабонарӯз 12 ракат намози суннат аст:**

Ду ракъат дар намози Бомдод.
Шаш ракъат дар намози Пешин.
Ду ракъат дар намози Шом.
Ду ракъат дар намози Хуфтан.

**12 одоби муомила бо падару модар:**

1. Ҳурмату эҳтироми онҳоро ҳамеша ба ҷой овардан.
2. Барои онҳо молу мулкро дареғ надоштан, ба онҳо дағалӣ накардан.
3. Барои хизматашон миннат накардан.
4. Ба рӯи падару модар бо қаҳр нигоҳ накардан.
5. Агар онҳо даъват кунанд, ба тезӣ расида рафтан.
6. Ҳангоми мулоқот бо онҳо, рӯйи худро ба дигар тараф нагардонидан.
7. Ҳар коре, ки ғайри гуноҳ мефармоянд, иҷро намудан.
8. Ҳангоми гуфтугӯ бо онҳо, овозро бо қаҳр баланд накардан.
9. Бе розигӣ ва дуои падару модар ба сафар набаромадан.
10. Ҳамеша аз пайи хурсанд кардани падару модар будан.
11. Хизмати падару модарро ибодат донистан.

**12 воҷиботи Ҳаҷ:**

1. Вуқуф дар Муздалифа.
2. То ғуруби офтоб истодан дар Арафот.
3. Сангзанӣ ба шайтон дар рӯзҳои ид.

4. Забҳ намудани қурбонӣ.
5. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар дар Ҳарам.
6. Тарошидан ва ё кӯтоҳ кардани мӯи сар дар рӯзҳои ид.
7. Дар се рӯзи ид тавофи зиёрат кардан.
8. Саъй миёни Сафо ва Марва.
9. Тавофи видоъ.
10. Аз Миқот эҳром бастан.
11. Ҳангоми тавофи зиёрат пок будан.
12. Пас аз ҳар тавоф, ду ракъат намоз хондан.

**Дувоздагониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**

**Тасаввуф ба 12 фирқа ҷудо шавад:**

1. Аҳли Сунна – Валҷамоъа
2. Ҳулия - чизҳои зеборо назар кардан.
3. Аҳли Таҷаллипарастон.
4. Авлиёия – худро аз беҳтаринҳо ҳисобида, аз масъулият гурезандагон.
5. Сумраҳия - унсгирандагон.
6. Ҳуббия - ба манзил расандагон.
7. Ҳуррия - баъди мадҳуш шудан, ба наздашон гӯё ҳурон меомадаанд.
8. Ибоҳия – худсарон, ҳама масъулиятро аз худ дуркунандагон.
9. Мутакалимия - ба воситаи гадоӣ рӯзбинандагон.
10. Мутаҷоҳилия - худнамоён, риндон.
11. Воқифия - бо роҳи худшиносӣ ба марра роҳсипорон.
12. Илоҳия - бо роҳи ғайри хондани Қуръон, фаношавандагон.

**Футувват 12 рукн дорад, 6 дар зоҳиру 6 дар ботин:**

1. Аз ғайбат, бӯҳтон ва дурӯғ забонро нигоҳ доштан.
2. Аз гапҳои ноҷӯя гӯшро ҳимоя кардан.
3. Аз чизҳои ноҷӯя чашмро ҳимоя кардан.
4. Аз корҳои ҳаром дур будан.
5. Ба ҷойҳои ноҷӯя нарафтан.
6. Аз хӯрокҳои ҳаром ва зино худро нигоҳ доштан.
7. Саховатпеша будан.
8. Дар тавозӯъ гаштан.
9. Дар қаноат будан.
10. Соҳибавф ва соҳибмарҳамат будан.
11. Такаббур ва ғурурро тарк кардан.
12. Ба қурб ҳаракат кардан.

**12 одоби мураббиён-устодони гӯштингир:**

1. Аввалан устоди гӯштингирон бояд инсони поктиннат бошад.

2. Шогирдонашро ба поктиннатӣ даъват намояд.

3. Бахилӣ накунад, ҳама сирру асрори касби гӯштингириро ба шогирдон омӯзад.

4. Ба шогирдонаш меҳрубон бошад.

5. Аз молу мулки шогирдон тамаъ накунад.

6. Ба қобилияти ҳар як шогирдаш эътибор дода, таълим диҳад.

7. Ба фиребу найранг ва риёкорӣ машғул нашавад.

8. Ба шогирдонаш бадиро раво набинад.

9. Шогирдони мағлубшудаашро маломат накарда, бо мулоимӣ фаҳмонад.

10. Ҳангоми таълим додани шогирдон дар маъракаҳо ҳушёр бошад.

11. Одами устодгашта аз нозукиҳои гӯштингирӣ ба хубӣ бояд огоҳ бошад.

12. Дар оғози кор пирон ва устодони худро ба некӣ ёдоварӣ кунад.

**12 одоби шогирдони гӯштингир:**

1. Ростсухан ва ростравфтор бошанд.
2. Тақводор ва хушмуомила бошанд.
3. Тануманд, тандуруст ва соҳиби ахлоқи хуб бошанд.
4. Нияташон пок доранд.
5. Гуфтаҳои устоди худро бечунучаро иҷро намоянд.
6. Ба ҳеҷ кас ҳасад накунанд.
7. Бахил набошанд, аз  устод чизеро дареғ надоранд.
8. Бо дигар шогирдони устоди худ дӯст ва муваффақ бошанд.
9. Дилёб ва дилдор бошанд.
10. Аз қудрати худ мағрур набошанд.
11. Аз мағлуб шудани ҳарифи худ хурсанд нашаванд.
12. Муваффақкмяти худро аз они устод шуморанд.

**Дувоздагониҳо дар олами Маърифат**

**Маънои дувоздаҳ моҳ ва бурҷҳои онҳо:**

**1. Ҳамал –** ба маънии барра омадааст, бурҷи мазкур ба сурати меши нар аст, сари ду шохдори ӯ ба тарафи мағриб ва думи ӯ ба тарафи машриқ, пушт ба шимол ва по ба ҷануб рӯй овардааст. Рӯзе, ки офтоб ба ин бурҷ дохил шавад, ҳамон рӯз Наврӯз аст ва ибтидои баҳор дар вилоят аз ин моҳ аст.

**2.Савр –** гови нар, хоҳ нар хоҳ моданоми бурҷи дуюми фалак ва он ба сурати гови нар аст ва бақар он бувад. Одамон ба корҳои кишоварзӣ машғул шаванд.

3.**Ҷавзо** – яке аз бурҷе, ки ба шакли дупайкар омадааст. Сеюмин бурҷи дувоздаҳгонӣ аст.

4. **Саратон** – номи бурҷи чорумини осмон. Он бурҷ ба шакли саратон аст ва он хонаи қамар маҳсуб ёбад.

5. **Асад**– шери дарранда, номи бурҷи панҷуми фалак аст.

6.**Сунбула** – ба маънои хӯшаи гандум ва ҷав, номи бурҷи шашуми фалак аст. Он ба сурати духтар аст, донаи фурӯҳишта ва сари ӯ ба мағриб ва шимол, пойи ӯ ба машриқ ва ҷануб, дасти чапи овехта дорад ба паҳлӯи худ, дасти рости ӯ баланд аст, баробари дӯш хӯшаи гандумро ба даст гирифтааст.

7. **Мизон**– тарозу, миқёс, номи яке аз дувоздаҳ бурҷи фалак аст.

8. **Ақраб** – ба маънои каждум, номи бурҷи ҳаштуми фалак аст.

9. **Қавс** – офтоб паси пушти ӯ аст. Камонвор бурҷи фалак ба назар мерасад.

10. **Ҷадӣ** – ба маънои бахт, насиб ба бузургӣ ва тавонгарӣ омадааст. Бурҷи даҳуми осмон аст.

11. **Далв** – зарфе, ки аз чоҳ об кашанд, бурҷи фалаки офтоб дар он аст.

12. **Ҳут** – номи бурҷи дувоздаҳуми фалак, ки ба сурати моҳист ва он хонаи Муштарист.

## ҲИСОБИ МУЧАЛ

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **МУШ** | **1912** | **1924** | **1936** | **1948** | **1960** | **1972** | **1984** | **1996** | **2008** |
| **ГОВ** | **1913** | **1925** | **1937** | **1949** | **1961** | **1973** | **1985** | **1997** | **2009** |
| **ПАЛАНГ** | **1914** | **1926** | **1938** | **1950** | **1962** | **1974** | **1986** | **1998** | **2010** |
| **ЗАРГӮШ** | **1915** | **1927** | **1939** | **1951** | **1963** | **1975** | **1987** | **1999** | **2011** |
| **НАҲАНГ** | **1916** | **1928** | **1940** | **1952** | **1964** | **1976** | **1988** | **2000** | **2012** |
| **МОР** | **1917** | **1929** | **1941** | **1953** | **1965** | **1977** | **1989** | **2001** | **2013** |
| **АСП** | **1918** | **1930** | **1942** | **1954** | **1966** | **1978** | **1990** | **2002** | **2014** |
| **ГӮСФАНД** | **1919** | **1931** | **1943** | **1955** | **1967** | **1979** | **1991** | **2003** | **2015** |
| **ҲАМДУНА** | **1920** | **1932** | **1944** | **1956** | **1968** | **1980** | **1992** | **2004** | **2016** |
| **МУРҒ** | **1921** | **1933** | **1945** | **1957** | **1969** | **1981** | **1993** | **2005** | **2017** |
| **САГ** | **1922** | **1934** | **1946** | **1958** | **1970** | **1982** | **1994** | **2006** | **2018** |
| **ХУК** | **1923** | **1935** | **1947** | **1959** | **1971** | **1983** | **1995** | **2007** | **2019** |

Ин қитъаи Абӯнасри Фароҳӣ тартиби мучалро хеле равшан ифода мекунад:

Мушу Бақару Палангу Харгӯш шумор,
З-ин чор чу бигзарӣ Наҳанг ояду Мор.
Он гаҳ ба Аспу Гӯсфанд аст ҳисоб,
Ҳамдунаву Мурғу Сагу Хук охири кор.

### Номҳои моҳҳо ва бурҷҳо чунинанд:

| **Рақ. Тар.** | **Номи моҳҳо дар Осиёи Марказӣ ва Афғонистон** | **Номи бурҷҳо** | | **Мувофиқат ба солшумории мелодӣ** |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ба тоҷикӣ** | **Ба русӣ** | |
| 1 | Ҳамал | Гӯсфанд | Овен | 21 март-20 апрел |
| 2 | Савр | Гов | Телец | 21 апрел-21 май |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3 | Ҷавзо | Дугоникҳо | Близнецы | 22 май-21 июн |
| 4 | Саратон | Харчанг | Рак | 22 июн-22 июл |
| 5 | Асад | Шер | Лев | 23 июл-22 август |
| 6 | Сунбула | Хӯша | Дева | 23 август-22 сентябр |
| 7 | Мизон | Тарозӯ | Весы | 23 сентябр-22 октябр |
| 8 | Ақраб | Каждум | Скорпион | 23 октябр-21 ноябр |
| 9 | Қавс | Камон | Стрелец | 22 ноябр-21 декабр |
| 10 | Ҷадӣ | Бузи кӯҳӣ | Козерог | 22 декабр-20 январ |
| 11 | Далв | Қовға | Водолей | 21 январ-19 феврал |
| 12 | Ҳут | Моҳӣ | Рыбы | 20 феврал-20 март |

**Номи 12 моҳи исломӣ чунинад:**

1. Муҳаррам
2.Сафар
3.Рабиъул-аввал
4.Рабиъул-а-охир
5.Ҷимодулаввал
6.Ҷимодулсонӣ
7.Раҷаб
8.Шаъбон
9.Рамазон
10.Шаввол
11.Зулқаъда
12.Зулҳиҷҷа

**Номи 12 моҳи аҳди қадими Ҳохоманишиҳо чунинад:**

1. Адуканаиша.
2. Суравоҳара.
3. Сограчӣ.
4. Гармапада.
5. Дрнабожиш.
6. Хорапашйа.
7. Богайодиш.
8. Варказана.
9. Асрийодийа.
10. Аномака.
11. Тваййхва.
12. Вийахна.

**Номи 12 моҳи аҳди қадими Авастоӣ чунинад:**

1. Фравашинам.
2. Ашаҳеваҳиштаҳе.
3. Ҳаурватато.
4. Тиштрйэтӣэ.
5. Амэрэтато.
6. Хшатраҳэ.
7. Митраҳэ.
8. Апам.
9. Атро.
10. Датушо.
11. Ванҳэуш.
12. Спэнтйа.

**Номи 12 моҳи аҳди қадими Суғдӣ чунинад:**

1. Навсардич.
2. Ҷарчиничӣ.
3. Ниснич.
4. Насоканич.
5. Ашнакғинтич.
6. Мазиғғантич.
7. Бағканич.
8. Абонич.
9. Бағич.
10. Мазбағнич.
11. Жимтичу.
12. Ағшамичуё (Хушум).

**Номи 12 моҳи аҳди қадими Хоразмиҳо чунинад:**

1. Раҷнафив Навсорҷӣ.
2. Арвваштафив сирианкам (Ардушт).
3. Харваздафив вахирӣ(Ҳарвавдод).
4. Ҷири фаразак (Чири).
5. Хумдод (Ҳамдоз).
6. Ахшариварӣ (Ахшивари).
7. Авамарӣ (Умри).
8. Нахн фахсар-танраҷибак (Ёнохан).
9. Арвфамика барфин (Аду).
10. Васмравиф нафканҷанкам (Римҷад).
11. Ашманфив раданкам (Ахман).
12. Исфандармаҷи фахввашам (Испандормаҷи).

**Номи 12 моҳи аҳди қадими Паҳлавиҳо, ки тақвими (солшумории) шамсӣ бар он асос аст, чунинанд:**

1. Фарвардин
2. Урдубиҳишт.
3. Хурдод.
4. Тир.
5. Мурдод.
6. Шаҳривар.
7. Меҳр.
8. Обон.
9. Озар.
10. Дай.
11. Баҳман.
12. Исфанд.

Тартиби моҳҳои соли шамсӣ дар ин абёт ифода гардида:

Зи Фарвардин чу бигзаштӣ маҳи Урдубиҳишт ояд,
Бимон Хурдоду Тир он гаҳ Мурдодат ҳамеояд.
Пас аз Шаҳривару Меҳру Обону Озару Дай дон,
Ки бар Баҳман ҷуз Исфандормуз моҳе наафзояд.

Барои ёфтани соли ҳиҷрии шамсӣ аз ҳисоби соли мелодӣ рақами 622 тарҳ карда мешавад.

**Номи 12 моҳи арабӣ дар муродифоти тоҷикӣ чунинад:**

1. Ҳамал.
2. Савр.
3. Ҷавзо.
4. Саратон.
5. Асад.
6. Сунбула.
7. Мизон.
8. Ақраб.
9. Қавс.
10. Ҷадӣ.
11. Далв.
12. Ҳут.

**12 қоидаи харидани чизҳо:**

1.Аввалан чизро ба пули ҳалол харад.

2. Ба ивази чиз пулҳои сохта ва қалбакӣ надиҳад.
3. Аз нархи бозор кам надиҳад.
4. Ба фурӯшанда муносибати дағалона накунад.
5. Аз фурӯшанда напурсад, ки чизро аз куҷо ва ба чанд пул харидааст.
6. Аз чизи харидааш тӯҳфаҳо диҳад.
7. Чизи харидаашро баргардонида надиҳад.
8. Чизи харидаашро зери бағал нагузорад.
9. Чизи харидаашро тез дар халта ҷойгир накунад.
10. Аз фурӯшанда муздкоса талаб накунад.
11. Чизи харидаашро ба зарфи тоза андозад.
12. Чизи харидаашро печонида гирад.

**Дувоздаҳ маънои рақамҳо дар таълимоти ҳиндуҳо:**

1. Худхоҳӣ
2. Вайронкорӣ
3. Диндорӣ
4. Ақлу хоҳиш
5. Далерӣ
6. Меҳнатдӯстӣ, пешрафтӣ
7. Камбағалӣ, ҷинояткорӣ
8. Ҳукмдорӣ, ҳақиқатҷӯӣ
9. Оқилӣ
10. Раҳмдилӣ, дилкушодӣ
11. Хилофкорӣ, зиддиқонунӣ
12. Нобоварӣ

**Дар асрҳои XII - XIII мусиқа аз 12 мақом иборат буд:**

1. Мақоми Рост.
2.Мақоми Мухолифи Рост.
3.Мақоми Ироқ.
4.Мақоми Мухолифак.
5.Мақоми Ҳусайнӣ.
6.Мақоми Раҳовӣ.
7.Мақоми Исфаҳон.
8.Мақоми Модда.
9.Мақоми Бусалак.
10.Мақоми Наво.
11.Мақоми Наҳованд.
12.Мақоми Ушшоқ.

**Дар асрҳои XIII–XIV мусиқа аз 12 мақом иборат буд:**

1. Мақоми Бузург.

2. Мақоми Зангӯла.
3. Мақоми Ҳиҷозӣ(Ҳиҷоз).
4. Мақоми Раҳовӣ.
5. Мақоми Ҳусайнӣ.
6. Мақоми Ироқ.
7. Мақоми Исфаҳон.
8. Мақоми Ушшоқ.
9. Мақоми Наво.
10. Мақоми Кӯчак.
11. Мақоми Бусалак.
12. Мақоми Рост.

# ҲИСОБИ АБҶАД

Маълум аст, ки баъди истилои араб мардуми мо аз хати арабиасоси тоҷикӣ то соли 1930 истифода карда омадаанд. Дар мадрасаҳо дарси (ҳисоби) абҷад омӯзонда мешуд. Мувофиқи ин ҳисоб 28 ҳарфи алифбои арабӣ рақамеро ифода мекунад.

| Рақ. тарт. | Номи ҳарфи алифбои арабӣ | Шакли ҳарфи алифбои арабӣ | Ифодаи рақами | 8 калимаи сунъӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Алиф | ا | 1 | ابجد |
| 2 | Бо | ب | 2 | АБҶАД |
| 3 | Ҷим | ج | 3 | |
| 4 | Дол | د | 4 | |
| 5 | Ҳо | ه | 5 | هوز |
| 6 | Вов | و | 6 | ҲАВВАЗ |
| 7 | Зо | ز | 7 | |
| 8 | Ҳо | ح | 8 | حطئ |
| 9 | То | ط | 9 | ҲУТТӢ |
| 10 | Йо | ى | 10 | |
| 11 | Коф | ک | 20 | كلمن |
| 12 | Лом | ل | 30 | КАЛАМАН |
| 13 | Мим | م | 40 | |
| 14 | Нун | ن | 50 | |
| 15 | Син | س | 60 | ثعفص |
| 16 | Айн | ع | 70 | САЪФАСО |
| 17 | Фо | ف | 80 | |
| 18 | Сод | ص | 90 | |
| 19 | Қоф | ق | 100 | قرشت |
| 20 | Ро | ر | 200 | ҚАРАШАТ |
| 21 | Шин | ش | 300 | |
| 22 | То | ت | 400 | |
| 23 | Со | ث | 500 | ثخذ |
| 24 | Хо | ج | 600 | САХАЗ |
| 25 | Зол | ذ | 700 | |
| 26 | Зод | ض | 800 | ضظغ |
| 27 | Зо | ظ | 900 | ЗАЗАҒ |
| 28 | Ғайн | غ | 1000 | |

Аслан калимаи Абҷад ва дигар калимаҳои сунъӣ маъно надоранд ва вобаста ба тартиби ҳарфҳо сохта шудааст. Аз асри Х11 сар карда, дар адабиёти форсу тоҷик офаридани “моддаи таърих” ба воситаи ҳарфҳои ифодакунандаи рақамҳо оғоз гардидааст ва касе, ки аз асрори ҳарфу рақамҳои алифбои форсии тоҷикӣ бохабар нест, маънии он моддаи таърихро дарк карда наметавонад ва ҳисоби онро ҳам наметавонад барорад. Масалан, соли таъмири манораи Мирзо Улуғбекро Пайрав Сулаймонӣ чуниин баён кардааст:

Муҳандис аҷаб тарҳи мину кашид,

Манори Улуғбек гардид рост.

Дар ин байт ибораи “тарҳи мину” ва “Манори Улуғбек гардид рост” моддаи таърих буда, мисраи дуюм баробар ба рақами 2253 мебошад ва вобаста ба маънои шеър аз мисраи якум аз “тарҳи мину”, ки рақами 323 ҳосил мешавад, аз рақами аввали тарҳ карда шавад, соли 1930 боқӣ мемонад, ки соли таъмири манораи Мирзо Улуғбек будааст. 2253-323=1930.

Аз ёд донистани алифбои арабии тоҷикӣ ва ифодаи рақамии онҳо, ки асрори таърихи халқро дар худ ниҳон медоранд, барои мутахассисони соҳаи филологӣ хеле зарур аст.

## ЛУҒАТҲО

Амри Маъруф- таблиғи амалҳои нек дар шариат.
Аркон- рукнҳо (сутунҳо).
Азроил- номи фаришатаи марг, малакулмавт.
Аҳком- ҳукм, қоидаву қонунҳои шариат.
Аҳли ҳол-парваришгарони рӯҳ ва асрори илоҳӣ.
Басолат-далерӣ, ҷасорат, шуҷоат.
Васл-пайвастан.
Ваҳдат-ягонагӣ, муттаҳидӣ.
Воҳид-якка, якта, танҳо.
Воҷиб-ҳар коре, ки ба ҷо овардани он ҳатмист.
Вуқуф- ист, таваққуф, вақф, врқиф будан.
Гармоба- ҳаммом.
Забҳ-сар буридани мол, бисмил кардан.
Зӯҳд- парҳезгорӣ, беътинои ба ҳавуву ҳавас, зоҳиди порсо.
Инстинҷо-худро аз наҷосат ва палидӣ пок кардан.
Истиғфор-мағфират хостан,тавба кардан.
Касрат- касирӣ, бисёрӣ, зиёдӣ
Қудс-покӣ, тозагӣ аз олоиш вагуноҳ.
Маърифат- илму дониш, дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис, шинохти чигунагии олам.
Майит-ҷасади беҷони одам, мурда.
Мисқол- воҳиди ченаки вазн.
Мурид-იродатманд, хоҳон, толиб, пайравикунанда бо шайх, пир, эшон.
Мурувват-ҷавонмардӣ, ҳимматбаландӣ, лутфу эҳсон.
Мукаллаф-он кӣ иҷрои коре ба зиммаи ӯст, ӯҳдадор будан.
Мункар- фариштаи марг.
Муҷоимат- дар як ҷо ҷамъ омадан, ҳамбистарии марду зан.
Намоз- дуову ибодати дар як шабонарӯз панҷ бор иҷрошаванда.
Нахват- ғурур,такаббур
Наҳӣ- манъ кардан.
Нисоб- миқдори пуле, ки аз он закот додан лозим будааст.
Олами ғайб-макон ва олами барои инсон номаълум, ки аз он ҷо ба фариштагон ва пайғамбарон ваҳй ва пайғом меомадааст.
Олами шуҳуд-ин дунё, дорулфано.
Ориф- порасо, аҳли ирфону тасаввуф.
Пир-муршид, раҳнамо, шайхе, ки мурид дорад.
Раммол-донандаи илми рамл, фолбин.
Сифати зотӣ- шаш сифати Аллоҳ: вуҷуд, қадим, бақо, воҳид, бемисл, бениёз.
Сифати сабутӣ-ҳашт сифати Аллоҳ: абадӣ, доната, шунаванда, бинанда, хоҳанда, соҳибқудрат, гӯянда, созанда.
Солик-пайрави тариқати сӯфия
Сулук-тарзи зиндагии аҳли тасаввуф, дарвешона ва парҳезгоронаи сӯфиён.
Тавҳид-эътиқод ба ягонагии Худо.

Тавозӯъ-хоксорӣ, фурӯтанӣ.
Тавфиқ-мувофиқ, муваффаққият
Такаббур-мағрурӣ, худписандӣ, ҳавобаландӣ.
Тариқат-оин, мазлак, мазҳаб, роҳи арбоби тасаввуф.
Тахайюл-тасаввур, орзу.
Таҳорат-шутушӯи махсус пеш аз намоз.
Таяммум- ба ҷо овардани таҳорат бо хок ва ё рег дар мавриди об набудан.
Уҷб-худписандӣ, мағрурӣ, ҳавобаландӣ.
Фарз-аҳкоми дини ислом, ки иҷрояш ба ҳар мусулмон ҳатмист.
Факр-камбағалӣ, фақирӣ, нодонӣ
Фасод-табоҳӣ, вайронӣ, бадахлокӣ.
Фосиқ-бадахлоқ, бадкор, бадкирдор.
Футувват-мардонагӣ, диловарӣ, ҳимматбаландӣ, саховат.
Фисад-ҳисса, қисм, фоиз
Хирқа- либоси дарвешон,либоси тазвиру риё, қаландар, зоҳид, сӯфӣ.
Ҳаҷр- ҷудоӣ, дурӣ, фироқ
Шаби Барот-шаби муқаддас, (шаби 14-ум ба рӯзи 15-уми Шаъбон) шабе, ки ҳамаи дуоҳои мусулмонон қабул шавад.
Шариат-роҳ ва қонунҳои дини ислом.
Ширк-куфр, ба ягонагии Худо шак овардан.
Шақӣ-бадбахт, золим, бераҳм
Ҷабраил-номи яке аз фариштагон, ки оварандаи ваҳйи илоҳӣ ба пайғамбарон аст.
Эътимод-бовар кардан ба чизе ва ё касе.

# Охирсухани китоб

Муштариёни азиз, китобе, ки дар даст доред, маҳсули меҳнат ва заҳмати чандинсолаи мураттиб ва муаллифи пешгуфтор буда, барои шумоён, хонандагони гиромиқадр, омода шуд. Дар ин китоб маълумотҳо асосан оиди дувоздаҳ рақами аввалӣ, ки дар ҳаёт фаровон корбаст мегардад, овара шудаанд.Аз ин китоби гулчиншуда баҳрабардорӣ кунед ва маърифати худро боло баред. Бо иродат ва эҳтиром ҳар камбудӣ ва нуқсе, ки ба чашм мерасад, ба ҷону дил қабул формоям  ва шумоён низ саҳву хатоҳояшро ислоҳ намуда, қабул фармоед.

Ба сабаби он ки  мӯҳтавои ин китоб аз адабиётҳои фаровон ва манобеъи зиёде гирдоварӣ ёфтааст, шояд баъзе гуфтаҳо дар рақамҳои гуногун ба такрор омада бошад. Мо лозим донистем, ки онҳоро ихтисор накарда, дар шаклҳои аслӣ истифода намоем. Агар оиди китоб фикру мулоҳизаҳои муфид пайдо гардад, шумо метавонед ба унвони нашриёти китоб, ё худ ба нишонаи шаҳри Ангрен, кӯчаи Ҳулкар, хонаи рақами 36 фиристед, мо аз ин марҳамати шумо хело хушҳол хоҳем гашт.

Китоби мазкур  аз дувоздаҳ боб ва 98 қисмат иборат аст. Агар доири ин рақамҳои дар китоб зикрнашуд амаводҳои мувофиқатон бошад,  ба мо фиристонед, бо иловаи ному насабатон дар нашрҳои минбаъда истифода хоҳем кард.

## Рӯихати адабиётҳои истифодашуда:

1. Куръони карим. Абдулазиз Мансур таржимаси. Т.: Тошкент Ислом Университети нашриёти. 2001.

2. Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухорий. Ҳадис («Ал-Жомиъ ас-Сахийх»). I-жилд. Таржимон З.Исмоилов. Т.: Комуслар бош таҳририяти, 1997.

3. Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухорий. Ҳадис («Ал-Жомиъ ас-Саҳийҳ»). 2-жилд. Таржимон М.Набихонов ва Б.Набихонов. Т.: Қомуслар бош таҳририяти, 1997.

4. Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухорий. Ҳадис («Ал-Жомиъ ас-Саҳийҳ»). 3-жилд. Таржимон Р.Қосимов ва Б.Набихонов. Т.: Қомуслар бош таҳририяти, 1997.

5. Абу Абдуллоҳ Муҳаммад ибн Исмоил ал-Бухорий. Ҳадис («Ал-Жомиъ ас-Саҳийх»). 4-жилд. Таржимон Абдулғани Абдуллоҳ ӯғлк, Т.: Қомуслар бош таҳририяти, 1997.

6. Абу Ийсо ат-Термизий. Саҳиҳи Термизий. Абдулғани Абдуллоҳ ӯғли таржимаси. Т.:Ғафур Ғулом номидаги адабиёт ва санъат нашриёти, 1993.

15. Абу Ийсо агп-Термизий. Сунани Термизий. 1-жилд. Мирзо Кенжабек таржимаси. Т.:<Адолат», 1999.

7. Абу Ийсо ат-Термизий. Шамоили Муҳаммадия. Саййид Маҳмуд Тарозий таржимаси. Т. Ӯрта Осиё ва Козоғистон мусулмонлари диний бошқармаси, 1991.

8. Муҳаммад Содиқ Мшҳаммад Юсуф. Тафсири ҳилол. 1—30 поралар.

9. Абу Ийсо ат-Термизий. Аш-шамоил ан-Набавия. У.Уватов таржимаси. Т.: «Чӯлпон», 1993.

10. Усмон Кески ӯе-ли. Ҳазрат Пайғамбар ҳаёти. Иброим Йӯлдош Жӯрабой ӯғли таржимаси.Т.: Комуслар бош таҳририяти, 1996.

11. Зоҳидхон Кодир Отахон ӯғли. Пайғамбарлар киссаси. Т.: Комуслар бош таҳририяти, 1993.

12. Ризоуддин ибн Фахруддин. Муҳаммад пайғамбар тарихи. Саидбек Ҳасан тарж. Т.: «Ёзувчи». 1993.

13. Ризоуддин ибн Фахруддин. Насиҳат. Т.Зиёев таржимаси. Т.: «Чӯлпон». 1993.

23. Ризоуддин ибн Фахруддин. Хулафои рошидин. Т.: Ӯрта Осиё ва Козоғистон мусулмонлари диний бошқармаси, 1992.

14. Абдуллоҳ Авлоний. Мухтасари тарихи анбиё (ва тарихи ислом). Т.: «Фан». 1994.

15. Абдурауф Фитрат. Мухтасар ислом тарихи. Т.: «Нур». 1992.

16. Хамидулла Кароматов. Хӯрланган пайғамбарлар ғалабаси. Т.: «Ғафур Ғулом». 1998.

17. Абдусодиқ Ирисов, Чаҳорёрлар. Т.: «Фан». 1993.

18. Абдураҳмон Раъфат ал-Бошо. Саҳобалар ҳаётидан лавхалар. Д.Анорбоев таржимаси.Т.: «Катортол-Камолот». 1998.

19. Абдураҳмон Раъфат ал-Бошо. Пайғамбарнинг ӯн саҳобаси. Д.Анорбоев таржимаси.Т.: «Чӯлпон». 1996.

20. Носируддин Бурҳонуддин Рабғузий. Қисаси Рабғузий. I—II китоблар. Юсуфхон Шокиров таржимаси. Т.: «Ёзувчи». 1990—1991.

21. Муҳаммад Хузарий. Нур ул-яқин. Э.Усмон таржимаси. Т.: «Чӯлпон-Камалак». 1992.

22. Закои Кӯнрапа. Пайғамбаримиз ва ашараи мубашара. I китоб. А.Холмуродов таржима-си. Т.: «Мовароуннаҳр». 1995.

23. Закои Кӯнрапа. Ҳазрати Пайғамбаримиз ва Ислом дини. II китоб.

24. А.Холмуродов, Дуиҳои ҳикматангези Маснавии Маънавӣ.

25. Умар Хайём, Рубоийлар.Тошкент-1971. Ғафур Ғулом нашриёти.

26.Н. Комилов. Комил инсон ҳақида тӯрт мақола. Т. «маънавият»-1997.

27. Азизиддин Насафий. Зубдатул-ҳақойиқ. Т. «Камалак»-1995.

28. Юлдоз фол очканда. Москва. «Система»-1990.

29. Нажмиддин Комилов. Тасаввуф. Т. «Ёзувчи»-1996.

30. Фарҳаги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1,2. Душанбе, 2008.

**Мундаричa**

**Боби 1**

**1.Олами Ваҳдат. Рақами як- рақами рақамҳо.**
**2. Башоратномаи олами якиҳо.**
**3. Рамзҳои олами якиҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами як дар табиат.**
**5. Якиҳо дар фазои Шариат.**
**6. Якиҳо дар олами Маърифат.**
**7. Хуласаи боби якиҳо.**

**Боби 2**

**1. Олами тазод. Олами дуиҳо.**
**2. Башоратномаи олами дуиҳо.**
**3. Рамзҳои олами дуиҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами ду дар табиат.**
**5.Дуиҳо дар фазои Шариат.**
**6. Дуиҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7.Дуиҳо дар олами Маърифат.**
**8. Дуиҳои ҳикматангези Маснавии Мавлавӣ.**
**9. Саволу ҷавоби Махтумқулӣ ва Дурдӣ.**
**10. Хуласаи боби дуиҳо.**

**Боби 3**

**1. Олами сегониҳо.**
**2. Башоратномаи олами сеиҳо.**
**3. Рамзҳои олами сеиҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами се дар табиат.**
**5. Сеиҳо дар фазои Шариат.**
**6. Сеиҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7. Сеиҳо дар олами Маърифат.**
**8. Хулосаи боби рақами сегониҳо.**

**Боби 4**

**1. Олами чоргониҳо.**
**2. Башоратномаи олами чориҳо.**
**3. Рамзҳои олами чориҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами чор дар табиат.**
**5. Чориҳо дар фазои Шариат.**
**6. Чориҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7. Чориҳо дар олами Маърифат.**

**8. Хулосаи боби олами рақами чориҳо.**

**Боби 5**

**1. Олами панҷгониҳо.**
**2. Башоратномаи олами панҷиҳо.**
**3. Рамзҳои олами панҷиҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами панҷ дар табиат.**
**5. Панҷиҳо дар фазои Шариат.**
**6. Панҷиҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7. Панҷиҳо дар олами Маърифат.**
**8. Хулосаи боби олами рақами панҷиҳо.**

**Боби 6**

**1. Олами шашгониҳо.**
**2. Башоратномаи олами шашгониҳо.**
**3. Рамзҳои олами шашгониҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами шашгониҳо дар табиат.**
**5. Шашгониҳо дар фазои Шариат.**
**6. Шашгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7. Шашгониҳо дар олами Маърифат.**
**8. Хулосаи боби олами рақами шашгониҳо.**

**Боби 7**

**1. Олами ҳафтгониҳо.**
**2. Башоратномаи олами ҳафтгониҳо.**
**3. Рамзҳои олами ҳафтгониҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами ҳафтгониҳо дар табиат.**
**5. Ҳафтгониҳо дар фазои Шариат.**
**5. Ҳафтгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**6. Ҳафтгониҳо дар олами Маърифат.**
**7. Хулосаи боби олами рақами ҳафтгониҳо.**

**Боби 8**

**1. Олами ҳаштгониҳо.**
**2. Башоратномаи олами ҳаштгониҳо.**
**3. Рамзҳои олами ҳаштгониҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами ҳаштгониҳо дар табиат.**
**5. Ҳаштгониҳо дар фазои Шариат.**
**6. Ҳаштгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**7. Ҳаштгониҳо дар олами Маърифат.**
**8. Хулосаи боби олами рақами ҳаштгониҳо.**

**Боби 9**

**1. Олами нӯҳгониҳо.**
**2. Башоратномаи олами нӯҳгониҳо.**
**3. Рамзҳои олами нӯҳгониҳо.**
**4. Ифодаҳои рақами нӯҳгониҳо дар табиат.**
**5. Нӯҳгониҳо дар фазои Шариат.**
**6. Нӯҳгониҳо дар олами Маърифат.**
**7.Хулосаи боби олами рақами нӯҳгониҳо.**

**Боби 10**

**1. Олами даҳгониҳо.**
**2. Ифодаҳои рақами даҳгониҳо дар табиат.**
**3. Даҳгониҳо дар фазои Шариат.**
**4. Даҳгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**5. Даҳгониҳо дар олами Маърифат.**

**Боби 11**

**1. Олами ёздаҳгониҳо.**
**2. Ёздаҳгониҳо дар фазои Шариат.**

**Боби 12**

**1. Олами дувоздаҳгониҳо.**
**2  Дувоздаҳгониҳо дар фазои Шариат.**
**3. Дувоздаҳгониҳо дар шоҳроҳи Тариқат**
**4. Дувоздаҳгониҳо дар олами Маърифат.**
**5. Ҳисоби Абҷад.**
**6. Луғатҳо**
**7. Охирсухани китоб.**
**8. Рӯйихати адабиётҳои истифодакардашуда.**

**Фарҳод Исомиддинов**

# Асрори рақамҳо

**Фарғона – 2018**



**Фарҳод Исомиддинов, номзади илмҳои филологӣ, профессори Академияи Илмии Байналхалқӣ, соли 1944 дар ноҳияи Ашти вилояти ҳозираи Суғд, дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1969 бахши забон ва адабиёти тоҷикии ДДОВЛ-ро хатм намудааст. Аз соли 1973 дар шаҳри Ангрен зиндагӣ дорад. Муаллим, мудири қисми илмӣ, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, директори "Бюрои саёҳат ва экскурсия"-и ш. Ангрен, Мудири бахши Маданияти Ҳокимияти шаҳри Ангрен, сарметодисти Маркази Таълими Халқии Ӯзбекистон, эксперти Маркази Таълими Халқӣ ва эксперти Маркази Тестии Ӯзбекистон дар шаҳри Тошканд. Муаллифи китобҳои дарсии "Забони тоҷикӣ"- барои синфҳои 5, 8, 9 китоб ва рисолаҳои "Унвонҳои адибон", "Ӯзбек адибларининг унвонлари", "Зулисонайн адиблар", " Гулчини абёти баргузида", "Чеҳраҳои Ангрен", дар ҳаммуаллифӣ, дар нашриётҳои гуногуни Ӯзбекистон ба табъ расидаанд,"Пандномаи розҳо" – Хуҷанд – 2016, "Алифбои шавқовар" – Хуҷанд –2016 нашр шудаанд. Исомиддинов Фарҳод муаллифи беш аз 150 мақолаҳои илмӣ, илмӣ - услубӣ, маърифӣ мебошад.**